**М И Р З О   Ш У К У Р З О Д А**

---

# Ғ А В В О С И
# Д А Р Ё И   Н У Р

Душанбе
2010

ББК 84 Тоҷик 7-4

Мирзо Шукурзода. Ғаввоси дарёи нур.
– Душанбе, 2010, 160 саҳ.

Виростор
*Комилҷони Сайидолим*

Ин маҷмӯа, ки ба эҳтимоми барандаи ҷоизаи адабии ба номи устод Айнӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон Мирзо Шакурзода таълиф ва фароҳам гардид, ду рисола аз эшон ва мақолоту табрикоте чанд аз олимон ва донишмандони барҷастаи тоҷикро дар бузургдошти донишманди вораста, профессор Мирзо Аҳмадов дар бар дорад.

ISBN 978-99947-64-76-1

©Мирзо Шукурзода, 2010

***Ду байтам ҷигар кард рӯзе кабоб,***
***Ки мегуфт гӯяндае бо рубоб:***
***Дареғо, ки бе мо басе рӯзгор***
***Бирӯяд гулу бишкуфад навбаҳор.***
***Басе тиру дайҳиму урдубиҳишт,***
***Биёяд, ки мо хок бошему кишт.***

***(Шайх Саъдӣ)***

*Ба номи Худованди ҷону хирад*

# МУҚАДДИМАЙИ МУАЛЛИФ ВА МУРАТТИБИ КИТОБ

Инсон аз дидгоҳи уламову анбиё ва китобҳойи муқаддасу осмонӣ беҳини офаринишҳойи Яздони пок аст. Бартарии ӯ аз ҷамъи махлуқоти дигар ба шарофати хираду ақл, шинохти Холиқи маннон ва нерӯйи халлоқият ва ташхиси нек аз бад ва тамйизи хубӣ аз зиштӣ ва чандин муҳассиноте мебошад, ки дигар ҳама ҷондорони рӯи олам бебаҳра аз ин неъматҳоянд.

Ҳар инсоне дар андешаи худ пошгоҳе дар билоди буду боши хеш аст; ӯ хоҳ муҳандис бошад, хоҳ пизишк, хоҳ сиёсатмадори шинохтайи ҷаҳон, хоҳ кишоварзи хокпош. Ва ҷаҳонофарин зери ин осмони нилӣ ҳар касеро баҳри коре сохта ва ишқи онро низ дар дилаш андохта. Аммо бо ҷуръат ва ҷасорати қотеъ бояд иқрор шуд, ки дар миёни ҳамаи табақаҳойи ҷомеа мақому мартабаи олимону шоирон баландтар аз ҳама баландиҳост. Олимону андешамандони воқеӣ дар ҳама асру замон назди ҷаҳониён ва ҷаҳонофарин азизу муқаррам будаанд, зеро ба фармуди шоири шаҳири эронӣ Соиби Исфаҳонии Табрезӣ:

*Умрҳо бояд, ки то як кӯдаке аз рӯи завқ,*
*Олиме гардад накӯ ё шоире ширинсухан.*

Донишманди азиз ва устоди тавонойи илму адаби муосири тоҷик, профессор Мирзо Аҳмадов (Аҳмадзода) имрӯз дар шумори тобноктарин чеҳраҳойи фарҳангии ҷумҳурӣ ва ҳатто хориҷ аз ин марз қарор доранд. Номи муборакашон ва тадқиқоти арзишманди эшон дар риштайи пажӯҳиш, баррасӣ ва тасҳеҳу тадвини осори хаттии классикони адабиёти форсу тоҷик барги заррине дар таърихи илму адаби Тоҷикистону Эрон ва дигар форсизабонони ҷаҳон маҳсуб мешавад. Мо дар ин рисола талош варзидем, то ба тариқи

фишурда зиндагии саъодатмандона ва ҳосили заҳамоти нимасрайи устодро дар тадрис ва таълиму тарбияти донишҷӯёни забон ва адабиёт ва мақоми асарҳои илмиашонро баройи хонандаи арҷманд ва ҳазорҳо тан аз шогирдону ҳамкорони Мирзо Аҳмадов ба риштаи таҳрир ва таҳлил бикашем. Ба ин маҷмӯа ҳамчунин рисолае роҷеъ ба зиндагинома ва фаъолияти адабии қиблагоҳи устод – Эшони Муфтӣ (Аҳмад Мираминзода), ки дар соли 1999 аз ҷониби муаллифи ин сатрҳо дар Теҳрон ба нашр расида буд, низ ворид гардид, то ки чеҳрайи моломол аз нуру зиёйи ин хонадони муқаддас ҳар чӣ бештар ҳувайдо гардад.

Ҷойи хушнудӣ ва мояйи ифтихор аст, ки теъдоде аз шахсиятҳои вораста ва номвари Тоҷикистон, амсоли устодон Кӯҳзод, Абдулҳамиди Самад, Ҷумъабой Сангинов, Нодир Одилов, Ҷӯра Юсуфӣ ва чанде дигарон дар рӯзҳойи ҷашни мубораки 80-солагии Мирзо Аҳмадов (ба таърихи 23 майи соли 2010) дар Душанбешаҳр – дар толори Донишгоҳи омӯзгории пойтахт эшонро бо ҳадоёи шоиста ва волотарин дурдонаҳойи сухан табрикборон намуданд. Садоқати бепоёни дӯстдорону шогирдон гӯё муъаллими бузургвори моро ҷавонии дубора, сурхии рӯй ва зӯру тавони рустамона бахшид ва мо дар бахши «Замимаҳо» фишурдае аз табрикоти он азизонро ҳамчун мушт намунайи хирвор ба тариқи гулчин дар хидмати ошиқони осори устод қарор додем. Умедворем, азизони хонанда ками моро ба ҷойи пур бидонанд ва костиҳоеро, ки дар нашри ин рисола пеш омадааст, ба мо гӯзшад намоянд, то ки дар нашрҳои баъдии ин баёзи меҳр баислоҳашон бикӯшем.

Худованд устод Мирзо Аҳмадови донишманд ва фариштахисолро дар паноҳи муҳаббати хеш ва ба бахти мо, шогирдону иродатмандонашон нигаҳбон бошад.

***М. Шукурзода,***
*Душанбешаҳр,*
*май-июли с. 2010.*

***Ҷӯра ЮСУФӢ***

## ТИМСОЛИ ҲИЛМ

*Эҳдо ба профессор Мирзо Аҳмадов*

Падарат муфтии Мулоаҳмад,
(Раҳмати Ҳақ бар ӯ бувад беҳад),
Бо вуҷуди ҳазор монеу садд,
Дар замони ҳукумати пурдард
Раҳнамоии мӯъминон мекард.
Бо ҳидоёти он накӯйи аср,
Рӯй овардӣ бар ҷаҳони наср.

Пеши куфри замон наларзидӣ,
Ғайри меҳри Худо наварзидӣ,
Аз насаб ҳеҷ гаҳ нафахридӣ,
Гирди номи падар нагардидӣ,
Падари хеш дар ҳунар дидӣ.
Эй ту, ғаввоси баҳри маъноҳо,
Коми ту пур зи лӯълуйи лоло!

Кошифи Кошифию Дарвешӣ,
Дар пажӯҳиш зи ҷумлагон пешӣ,
Кам намоию аз меҳан бешӣ,
Чун фаромӯш карда аз хешӣ,
Ғайри ҳақ аз касе наандешӣ.
Эй ту, кашшофи қуллаҳойи илм,
Эй ту, тимсоли ҷодаҳойи ҳилм!

Устоди бузурги донишгоҳ,
Баски ҳастӣ зи неку бад огоҳ,
Бар ҳазорон нишон додӣ роҳ,
Номбардори хиттаи Масчоҳ,
Зам ба ҳаштоди ту шавад панҷоҳ!
Эй муаллим, Худо нигаҳдорат,
Лутфи Пайғомбар бувад ёрат!

***САИДОВ Н. С.***
*Ректори Донишгоҳи миллии*
*Тоҷикистон*

# УСТОДИ АРҶМАНДУ МЕҲРУБОН!

Бо камоли мамнунӣ ва ифтихормандии беандоза аз номи ҳайати бисёрҳазорнафараи устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон Шуморо бо рӯзи фаррухпай ва хуҷаста – 80-умин солгарди баҳори пурфайзу бобаракати умр ва фаъолияти беш аз 60-солаи омӯзгориву илмӣ аз самими қалбҳои саршор аз меҳру вафо, муҳаббату садоқат табрику муборакбод намуда, ба Шумо тани сиҳат, хотири ҷамъ, офияти комил, саломатии бардавом ва дар фаъолияти тарбиявию эҷодиатон комёбиҳои нав ба навро таманно менамоем:

*Зиндагӣ дар садафи хеш гуҳар сохтан аст,*
*Дар дили шӯъла фурӯ рафтану нагдохтан аст.*

Оре, зиндагиномаи Шумо воқеан гуҳарбор аст. Зеро туфайли заҳматҳои ҳамешагӣ соҳиби обрӯю мартабаи баланд гардидаед ва дар зиндагӣ муваффақиятҳои арзишмандро насиб гашта, ба қуллаи мурод расидаед.

Шумо ҳамчун адабиётшиноси варзида ва барҷаста дар рушду инкишофи илми мазкур хизматҳои зиёдеро ба сомон расонида, умри бобаракати худро сарфи тарбияи мутахассисон карда, хамчун донишманд ва устоди варзидаи соҳаи худ маҳбуби аҳли қалам ва илму адаби ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз марзи он гаштаед.

Албатта, Шумо ба осонӣ соҳиби чунин обрӯ ва самимият нагашта, барои ба ин дараҷа расидан хизматҳои беғаразона ва софдилона кардаед. Роҳи тайкардаатон дар ҷодаи илм аз давраи донишҷӯӣ ибтидо гирифта, дар ин роҳи пурпечутоб ва ноҳамвор мардона гом зада, то ба дараҷаи доктори илмҳои филологӣ, профессорӣ расидаед:

*Обрӯ зотист, Бедил, вар-на монанди гуҳар,*
*Мӯҳраи гил ҳам тавонад дар дили дарё нишаст.*

Дар ҷодаи пурпечутоби зиндагӣ ҳастанд чунин касоне, ки тамоми умри азизи хешро ба таҳқиқу баррасии мушкилоти илм бахшидаанд. Гулчини самараҳои меҳнату заҳмати худро аркони ақида ба комёбиҳои назаррас соҳиб шуда, мактаби хоссаи эҷодии худро бунёд намудаанд. Шоири шаҳир қадру манзалати заҳматҳои ҳамешагии Шумо барин фидоиёни миллату Ватанро ин гуна ишора кардааст:

*Бар ин равоқи забарҷад навиштаанд ба зар,*
*Ки ҷуз накӯии аҳли карам наҳоҳад монд.*

Байти фавқ ба Шумо барин маърифатпарвароне мутааллиқ аст, ки ба накӯии аҳли карам дар зиндагӣ камар баста, ба баландтарин мартаба – эҳтироми аҳли фазл расидаед.

Ҳамзамон, чун олими шинохтаи бахши филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ асарҳои пурарзише офаридаед, ки барои шогирдон имрӯзу фардо чун дастурҳои таълимию зиндагӣ хизмат менамоянд. Ҳазрати Ҷомӣ ҳанӯз чандин аср пеш эҳсос намуда буданд, ки маҳз фидокориву фурӯтанӣ базмҳои маънавии наслҳоро дурахшон менамояд:

*Шамъ шав, шамъ, ки худро сӯзӣ,*
*То бад-он базми касон афрӯзӣ.*

Фаъолияти ибратбахшу босамаратон, ки дар саргаҳи он хиради воло ҳукмфармо буд, ба бахши илмҳои филологии кишвар такони манфиатбахше намуд. Гувоҳи ин гуфтаҳо зиёда аз 300 мақолаву дастуроти методӣ, васоити таълимӣ, таҳрирот ва маърӯзаву тақризҳо ва даҳҳо тадқиқоти монографии Шумо мебошад.

Ҳамчунин, устоди азиз, саҳми Шумо дар тайёр намудани мутахассисони баландпояи соҳаи адабиётшиносӣ низ назар-

рас буда, аз ин дидгоҳ шогирдонатон имрӯзҳо чӣ дар муассисаҳои илмию таълимӣ ва чӣ дар идораҳои бонуфузи кишвар машғули фаъолияти пурсамар буда, ҳар нафас исми шарифи Шуморо боифтихор ба забон мегиранд. Ва мо аминем, ки боз солиёни зиёд раҳнамо ва дуогӯи шогирдони худ хоҳед буд.

Мирзо Аҳмадови мӯҳтарам!

Бори дигар санаи муборакии зодрӯз – 80-умин баҳори умр ва 60-умин соли фаъолияти илмиву омӯзгориатонро бароятон аз самими қалбҳои саршор аз меҳру вафо табрик менамоем ва орзуманди муваффақиятҳои ҳар чӣ бештару беҳтари Шумоем.

Чун меҳру муҳаббати моро ғунҷондан дар ин саҳифа аз имкон берун аст, бо байти машҳур меҳрномаро ҳусни анҷом мебахшем:

*Ҷуз ин дуот нагӯям, ки Рӯдакӣ гуфтаст:*
*«Ҳазор сол бизӣ, сад ҳазор сол бизӣ».*

## *БАХШИ АВВАЛ*:

# ҒАВВОСИ ДАРЁИ НУР

«Хонандаи гиромӣ! Агар хоҳӣ, ки аз саъодати ду ҷаҳон бархурдор гардӣ, аз бесомониҳо ва пастиву баландиҳои рӯзгор дар амон бошӣ ва аз роҳи торику пурхавфу хатар ба шоҳроҳи росту дурусти ҳаёт раҳсипор гардӣ, сазовори ҳурмату эҳтироми мардум ва ҷавонмарди асил бошӣ, бояд назму насри рӯҳу равонбахши бузургтарин нависанда, олим ва шоири асри понздаҳ Мавлоно Ҳусайн Воъизи Кошифӣ… ро мунтазам мутолиа намоӣ»…

Банда ин сатрҳоро аз оғозгоҳи рисолаи доктори илми филология, устоди Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе, ба номи аллома Садриддин Айнӣ, инсони вораста ва нотакрор Мирзо Аҳмадов «Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ» иқтибос кардам.

Мо дар наврасӣ, дар айёме, ки дар деҳа донишомӯзи мактаби миёна будем, номи муборақи эшон вирди забони хоссу ом буд. Он вақт онҳое, ки кӯлбори сафар бар дӯш, кӯҳу кӯталҳои каҷмакаҷи кӯҳистонро убур кардаву ҳама машаққати зиндагиро ҷасурона ба ҷон харида, бо орзуи олии қуллапаймоӣ дар масири илм роҳии шаҳрҳои овозаманде чун Сталинобод ва Маскаву Ленинград мешуданд, ангуштшумор буданд. Ғами нон ва орзуи дар амният ба сар бурдан барои инсонҳои маъмулӣ болотар аз ҳама ормонҳои дигар буд, аммо қаҳрамони гуфтори мо устод Мирзо Аҳмадов он рӯзгор аз афроди маъмулӣ набуданд ва имрӯз ҳам аз он гурӯҳ нестанд. Мирзо Аҳмадов имрӯз ба зинаи муборақи 80-и умр пой мегузоранд ва ба ақидаи банда, воҷиб аст, ки дар чунин айёме хуҷаста ва некӯ назари иҷмолие ба пайраҳаҳои сабз ва нурбори ин устоди мӯътабар дошта бошем.

Профессор Мирзо Аҳмадов ҳаштод сол муқаддам, агар мушаххастар бигӯем, ба таърихи 13-уми майи соли 1930, дар хонадони марди мӯътабар Эшони Муфтӣ (Аҳмад Мира-

минзода, мутахаллис ба Маҳвӣ ва Аҳдӣ), ки аз хатмкунандагони мадрасаҳои Самарқанду Бухоро ва ҳамсабақу дӯсти поягузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ буданд, ба дунё омаданд. Саъодате беш аз ин нест, ки тифле бо истеъдоди фитрӣ ва худодод дар партави илму маърифати фақеҳе зуфунуну порсо ва ҳомии аркони шариъат ба камол бирасад ва донишҳои ибтидоии динӣ ва дунявиро аз падари орифу соҳибсухан ва мактабҳои навтаъсиси шӯравӣ фаро бигирад ва худро ба ҷодаи пурпечутоб, аммо фароху ифтихорофарини илму дониш андозад. Оре, баройи Мирзо чашм кушодану тарбият ёфтан дар чунин хонадони муқаддас мояи ифтихори баланд маҳсуб мешуд, вале дар иҳотаи муғризони рӯзгор, дар чашми онҳое, ки бо баҳонайи мубориза ҳои синфӣ алайҳи муфтиву қозиву мулло ва дигар «аносири зидди ҳукумати шӯроҳо» ҷанг эълон карда буданд, қад афрохтан ва кӯшиши гавҳари илму дониши навин ба даст овардан кори саҳлу осоне набуд. Хатарҳо дошт, аммо марди ҳақ, марди роҳи ормону орзу кай биме аз хатар дорад.

Ман дар ин матлаб ба баёну таҳлили рӯзгори пур аз фарозу нишеб ва то андозае фоҷиабори қиблагоҳи устод Мирзо Аҳмадов – ҳазрати Эшони Муфтӣ намепардозам. Зеро дар ин замина рисолае таҳти унвони «Кӯҳкане аз користони дил» бо иловаи гулчини ашъори он бузургворро соли 1999 дар Теҳрон ба чоп расондам. Доктор Мирзо Аҳмадов низ дар муқаддимае, ки ба «Ашъори мунтахаби Аҳмад Мираминзода» (Душанбе, 1999) навиштаанд, ишораҳое ҷолиб дар бораи фоҷиаи рӯзгори ғамангези қиблагоҳашонро доранд. Танҳо нуктае, ки ин ҷо мебояд афзуд, ин аст, ки ҳазрати Муфтӣ бо «ҷурм»-и таҳсил дар мадориси олии Самарқанду Бухоро ва муддате симмати муфтиву қозиро дар болооби водии Зарафшон ба ӯҳда доштан ва баъдан бо сабаби вакили сулҳу салоҳ будан миёни муҷоҳидин ва асокири Артиши Сурх аз ҳар ду ҷониб зулм ва ситамҳои ноҳақ диданд. Ва ин қиссаи талх ҷои таҳлил ва баррасии ҷудогонаро тақозо дорад. Аммо Эшони Муфтӣ чун ҳамайи мунавварфикрони Бухоро, ки мутанаффир аз сохтори пӯсидайи аморат ва ҷаҳолату гумроҳии қабилайи ҳокими Манғития буданд, на-

зари мусбат ва хушбинона ба сохтори Ҳукумати Шӯравиро, ки бо машъали илм ва парчами адолат аз дурии дуриҳо ба сӯйи тӯдайи заҳматкашон меомад, доштанд. Дар ашъори ҷудогонаашон сиёсати башардӯстонаи ҳукумати нав, талошҳои он ҷиҳати эъмори ҷомиаи фарсудайи феодалӣ, хусусан таъсиси мактабу маорифро холисона васф кардаанд.

Дар деҳаву ҷамоатҳое, ки Эшони Муфтӣ таъсиру нуфузи баланд ва муридону ихлосмандони ҷоннисор доштанд, гароиш ба зиндагии навин ва таҳсил дар мактабҳои тозабунёди деҳот боравнақтар аз дигар рустоҳо оғоз шуд. Муфтӣ дар умқи ҷонашон нисбат ба наҳвайи ҳукуматдориву «раъиятпарварӣ»-и амирони манғити Бухоро нафрат мепарвариданд. Роҳе, ки дар он лоақал аробае бигунҷад ва мардуми бечорайи бедӯкону бебозори кӯҳистонро ба шаҳрҳои калон ва марказҳои маъмуриву туҷҷорӣ бипайвандад, Манғитиён насохтанд ва боз чандин ҳамоқатҳои зимомдорони он рӯзгор аз чашми оламбини Эшони Муфтӣ пинҳон набуд. Вале бо сиёсати «сояи Худо» дар рӯйи замин, ки авомуннос ва дигар ҳомиёни гумроҳ аз ӯ пуштибонӣ мекарданд, намешуд мухолифат кард. Муфтӣ нисбат ба тамоми муллоён ва ҳамаи хатмкунандагони мактабу мадрасаҳойи олии Бухоро ва ҳатто ҳокимони ҳукумати нав чандин бартариҳо доштанд: дар сартосари қаламрави Масчоҳ халқ ғамхор, ҳомӣ ва пуштибони эшон буд. Муфтиро мири Масчоҳ – Аҳмадхоҷа ба зиндон кашонд, аммо бо дархосту исрори мардум маҷбур шуд, озодашон кунад. Тӯдаҳои ранҷбар ба намояндагони ҳукумати Шӯроҳо ҳушдор медоданд, ки коре ба пешвову пири онон надошта бошанд, зеро ҳазрат чароғи тобоне дар кӯрароҳи ҷомиаи ононанд ва ғаразе ба ҳокимони нав надоранд. Бо вуҷуди ин, олиму шоири фарзонаро азият мекарданд, тӯҳмат мезаданд, ба зиндон мекашонданд ва бо ҳимояти халқ ва марҳамату лутфи Илоҳӣ боз ба озодӣ мерасиданд, миёни мардум аз деҳе ба деҳе каломи Ҳақ дар лаб мегаштанд ва дар хилвати шабҳо рӯбарӯйи чароғи дудӣ бедор нишаста, ғазалҳои ноб ва суханӣ дӯшиза эҷод менамуданд:

*Чашме накушудам, ғами ҳомун нашуд он ҷо,*
*Ашке нафишондам, бами Ҷайҳун нашуд он ҷо.*
*Ин чеҳраи зардам асари доғи кӣ бошад?*
*Оҳе накашидам, ҷигаре хун нашуд он ҷо.*
*Ҳамчун пари товус ба тағйири хаёле,*
*Тарфе нашикастам, ки дигаргун нашуд он ҷо.*
*Афсӯс аз ин марҳилайи сози тазаллум,*
*Роҳе насипурдам, ситам афзун нашуд он ҷо.*
*Фақре ҳама аз гардиши айём кашидам,*
*Дасти карам аз кисае берун нашуд он ҷо…*

Дар хонадони аҷдодии мо, балки дар зодгоҳи банда, бешак, дар тамоми қаламрави Зарафшон, аз солҳои бисту сийи қарни гузашта то имрӯз ёди ҳазрати Муфтӣ, зикри накӯйӣ, наҷобат, зебойӣ ва доноии он бузургвор дар лабҳо гул мекунад. Як насли тамом ва бедору огоҳ бо ёди Муфтии Муллоаҳмад, бо иродату ихлос бо он ҳазрат, бо қироати ғазалҳои ирфонияшон зист ва бо ҳамон муҳаббат дар дили хок фурӯ рафт. Яъне, бо фармуди ҳаким Умари Хайём:

*Бо меҳри ту дар хок фурӯ хоҳам шуд,*
*В-аз ишқи ту сар зи хок бар хоҳам кард.*

Имрӯз низ ҳамчунин аст. Мо, фарзандон ва набераву аберагони ниёкони чеҳра дар ниқоби хок кашидайи онон ҷӯёйи зиндагиномайи ҳазрати Муфтӣ ва пайвандони арҷманди он бузургворем. Обрӯмандтарин порсойи деҳа, балки фарзонайи ноҳияи мо, тағойи Мирзолатиф, наберайи қозӣ Одина Муҳаммади 99-сола, ки ҳоло дар қайди ҳаётанд ва Худованди бузург ақлу ҳушу тавони солим ба эшон арзонӣ доштааст, ҳамвора ба ёди ҳазрати Муфтиянд ва ашки ҳасрат аз дидагони нобино баройи он нодираи рӯзгор мерезанд ва аз бузургвориҳойи эшон ҳазорҳо гуфтанӣ доранд.

Мо ва ҳамайи онҳое, ки бо афкору андеша ва фаъолияти фарҳангӣ ва илмиву мазҳабии Аҳмад Мираминзода ошноянд, мадюни хизматҳои таърихии он бузургвор дар тарбияи насли бузурге аз рӯшанфикрон, муъаллимону табибон дар

солҳои сӣ то панҷоҳи садайи гузашта мебошем. Имрӯз, ки фарзанди арҷманди ҳазрати Муфтӣ – доктори илми филология, профессор Мирзо Аҳмадов роҳи сарафрозӣ ва шарофатмандонаеро дар ҷодайи илм тай намуда, ба қуллаи мурод расидаанд, ин ҳама саъодат ва сарбаландии ин чеҳраи тобноки илми тоҷик бо ғамхорӣ, мадади моддиву маънавӣ ва ҳидояти падар насибашон шуд.

– Қиблагоҳи мо, – ёдовар мешаванд Мирзо Аҳмадов, – ҳамеша дар маҳофили илмиву дӯстона ва нишастҳои хонаводагӣ таъкид мекарданд, ки талош дар роҳи ба даст овардани дониш баробар ба ҷиҳоди акбар аст. Илм хоҳ исломӣ бошад, хоҳ дунявӣ, хоҳ ба форсӣ муяссар шавад, хоҳ бо забонҳои урупойӣ аз ҷону дил пайраваш бошед ва қиблагоҳ дасти маро дар дасти муборакашон гирифта, пас аз хатми омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Ӯротеппа ба пойтахти ҷумҳурӣ оварданд. Бо ман по ба по гаштанд, ҳидоятам карданд, сабақ доданд ва ман, сипос Худоро, дар соли 1951 донишҷӯйи шӯъбаи таъриху филологияи Университет гардидам (Азбаски Мирзо Аҳмадов омӯзишгоҳи омӯзгориро бо баҳои «аъло» хатм карда буданд, эшонро бе имтиҳон қабул карданд).

Мирзо Аҳмадов пас аз хатми Университети давлатии Тоҷикистон фаъолияти фарҳангии худро дар нашриёти «Ирфон» оғоз намуданд. Доираҳои илмии пойтахт, ба вижа, донишмандони гавҳаршиносе чун Абдулғанӣ Мирзоев ва Александр Болдирев аз истеъдоди фитрӣ ва тавоноиҳойи илмии М. Аҳмадов огоҳӣ ёфтанд ва эшонро бо камоли майл барои кор ба бахши адабиёти классикии Академияи илмҳои ҷумҳурӣ даъват намуданд. Он айём такопӯ ва тадоруки пурҷӯшу хурӯше барои таҷлил аз ҷашни 1100-солагии одамушшуаро устод Рӯдакӣ идома дошт. Академик Мирзоев дар ҳамон рӯзҳо вазифаи пурмасъулияте бар дӯши шогирди ҷавони хеш Мирзо гузоштанд ва гуфтанд:

«– Виростории қисмати тоҷикии рисолайи «Замони Рӯдакӣ»-ро ба зиммаи Шумо гузоштем. Мақолаҳои русии маҷмӯаро хонум Таня Голс ва Галимова таҳрир мекунанд. Кори ниҳоят ҳассос ва ниҳоят пурмасъулият, аммо ҳамайи

олимон ба тавонмандии Шумову ин бонувон эътимод доранд. Умедворам, ки истеъдоду дониш ва заҳмат ба харҷ медиҳед, то рӯҳи Рӯдакии азиз аз шумо розӣ ва ҳама умр дастгиратон бошад.»

Рисолайи «Замони Рӯдакӣ» соли 1958 дар рӯзҳои ҷашни заррини Рӯдакии бузургвор бо кайфияти олӣ ба зевари чоп ороста гардид ва гӯё ин амр баройи донишманди ҷавон Мирзо Аҳмадов, ки муҳаррири рисола буданд, имтиҳони маҳорату виҷдон аз сӯйи устодони воломақом ва дар айни замон, ниҳоят сахтгири эшон, шодравонҳо Мирзоев ва Болдирев буд. Номи мубораки олимони зикршуда ва шӯҳрати волойи он бузургон дар миёни ховаршиносони Шӯравӣ ва хориҷӣ аз даҳон ба даҳон мегузашт ва аммо ҳар навсафари кӯйи дониш ҷуръати наздикӣ ба ононро надошт. Аз сӯйи дигар, Мирзои ҷавонро ин бузургон худ ҷӯё шуданд ва барои идомайи донишпажӯҳӣ озими шаҳри Ленинград намуданд, ки ин ба таърихи моҳи октябри соли 1958 рост меояд.

Мирзо Аҳмадов тибқи дастури устодонашон зиндагӣ ва эҷодиёти шоири охирҳои асри понздаҳ ва аввали асри шонздаҳ Дарвеши Деҳакиро мавриди таҳқиқи жарф ва густарда қарор доданд. Девони шоир, ки таҳти рақами 420 дар китобхонаи оммавии ба номи Салтиков-Шедрини шаҳри Санкт-Петербург маҳфуз аст, чун ламъаи нур дар чашми олими ҷавон тофт. «Шояд ин ягона нусхаи хаттии девони ӯ бошад, – менависанд Мирзо Аҳмадов, – зеро аз феҳрастҳои ба мо дастрасшуда нусхайи дигаре аз ин девон пайдо нагардид».

Дар илми адабиётшиносии тоҷик то замони падид омадани рисолайи номзадии устод Мирзо Амадов «Ҳаёт ва эҷодиёти Дарвеши Деҳакӣ» ин шоири чирадаст ва соҳибдевони боғурур тақрибан гумном буд. Дарвеш дар кадом муҳити илмӣ ва адабӣ ба камол расид? Чаро шоире классик ва офаринандаи ғазалҳои ноб аз неъмати савод бебаҳра бошад? (Дар рисола ин иддаоро рад карданд М. Аҳмадов). Эҷодиёти бузургоне чун Низомии Ганҷавӣ, Саъдиву Амир Хусрав, Шайх Аттор ва Камоли Хуҷандӣ чӣ таъсире ба мактаби ғазалсароии Дарвеш гузоштааст ва дар

маҷмӯъ, Дарвеш дар адабиёти ҷаҳоншумули мо аз чӣ мақоме бархурдор аст? Илова ба суолҳои матраҳшуда, устод боз чандин ҷанбаҳои эҷодии Дарвеши Деҳакиро мӯшикофона таҳқиқ намуда, дар соли 1963 ба дифоъи рисолаи номзадӣ таҳти сарпарастии академикҳо Абдулғанӣ Мирзоев ва Александр Болдирев мушарраф гардиданд. Ҳосили андеша, пажӯҳиш, маъмуриятҳои илмӣ ва ҷустуҷӯҳои бобарори эшон сарварони ғамхор ва мунсифу донишманди он рӯзгорро шод ва сарафроз намуд. Дар тазкираҳои «Оташкада»-и ҳоҷӣ Лутфалибеки Озар, «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навойӣ (дар тарҷумаи Муҳаммади Қазвинӣ), «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, «Тӯҳфайи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ ва дар ҳар ёднома, қомус ва баёзе, ки ишорае аз осору зиндагии Дарвеш рафта бошад, устод Мирзо Аҳмадов мудаққиқона ба ин осор муносибат карда, симои шоире баркамол, ғазалсарое олитабъ, орифе назарбаланд ва дарвеше аз нигоҳи ирфонӣ ва нубуғи шоирӣ ба маротиб тавонмандтар аз шаҳу вазирро ба наҳви аҳсан падид овrouted.

Дарвеши Деҳакӣ бо вуҷуди ин ки хасоили Дарвешӣ дорад ва аз мактаби сӯфиёну аҳли тасаввуф пайравӣ мекунад, нон аз амали косибӣ хӯрда, чун ҳаким Носири Хусрав ҳаргиз чашми тамаъ ба молу маноли дороён наандӯхтааст ва ҳатто чунин иттифоқ афтода, ки шоир ҳадоёи амирони вақтро ҷасурона бар лиқойи онон мебахшад ва мегӯяд:

*Аз шароби дигарон, Дарвеш, оби хеш беҳ,*
*Ҳар киро бошад ҳалоле, аз чӣ рӯ нӯшад ҳаром?*

Дарвеш аз лошахорони бешараф, мамдӯҳони сифлатабъу риёкор ва дарёзаҷӯйи дари моликону ашрофони бадном мутанаффир аст.

Ҷанбаҳойи зулмситезӣ, ғурури зебову олиҳимматии шоир ва мухолифати ӯ бо золимони ҷирахор ва бардагони сифлатабъи дарбори онон дар таҳқиқоти жарф ва олимонаи Мирзо Аҳмадов дурахшиши чашмгире дорад. Устод пажӯҳиши илмиро тавъам бо касби тадрис дар макотиби олии кишвар

пеш мебаранд. Соли 1968 ҳамчун устоди донишгоҳ дар Донишгоҳи омӯзгории пойтахт ба таълиму тарбияи донишҷӯён камар бастанд ва дар имтидоди солҳои 1978-1986 вазифаи декани факултети забон ва адабиёти тоҷикро ба ӯҳда доштанд. Метавон гуфт, дар ҳамин айём фаъолияти омӯзгорӣ ва илмию таҳқиқотии Мирзо Аҳмадов бештар аз пештар равнақ пайдо кард. Бо тобноктарин шахсиятҳои фарҳангии кишвар, докторону профессорон Шарифҷон Ҳусейнзода, Холиқ Мирзозода, Носирҷон Маъсумӣ, Камол Айнӣ, Воҳидҷон Асрорӣ, Соҳиб Табаров, Раҷаб Амонов ва дигарон ҳамкории мудовим ва дӯстии саршор аз муҳаббати бародарӣ пайдо карданд.

Дар миёни мардум ҳикмати машҳурест, ки мегӯянд: олим шудан чӣ осон, одам шудан чӣ мушкил. Албатта, олим шудан, ба маънои ҳақиқии сухан, ба ҳеҷ ваҷҳ кори саҳлу осоне нест (ба истисноии онҳое, ки бо роҳи қуллобӣ ва дуздии осори дигарон ё бо «имдод»-и пулу мол тавассути қалами дигарон дипломи докторӣ ё номзадӣ ба даст меоранд). Ҳазорҳо қатра аз хуни ҷигар кам мекунад инсон, то як кафе дурри мақсуд ба даст оварад ва андаке аз маъонии бикру тоза ба боргоҳи ҷовидонаи илм афзояд. Гуфтаанд дигарон ва мо боз ҳам тазаккур медиҳем, ки ин ду фазилати нодир: гавҳари поки одамият ва дастоварди шоиставу чашмгир дар умури илмиро Худованд ба устод Мирзо Аҳмадов арзонӣ дошт. Зистан бо дасту дили пок, музди ҳалол ба каф овардан тавассути заҳмати мудовим, интизоми оҳанин дар кор ва эҳсоси олии масъулиятшиносӣ дар иҷрои вазифаи инсонӣ ва давлатӣ, муҳаббат ба хонавода, ёрмандӣ ба ёру дӯст, тарбияи фарзандон, эҳтиром ба ҳамаи инсонҳо, сарфи назар аз ирқу миллат ва зодаи кадом маҳал будан – ин аст фишурдаи дарёйи хӯю хислати ин озодамарди мутадайини даврон!

Куҷо дидаед, ки инсоне дар зинаи ҳаштоди умр, бо қомати алифосо росту мавзун ва чеҳраи маҳтобии ғарқи нур гоҳо пиёда, гоҳо савора, гармову сармо нагуфта, ҳамарӯза раҳи манзилу донишгоҳро паймояд ва аз пушти минбар дар синфи тадрис соатҳо сабақ ба донишҷӯён бидиҳад ва боз бо қадамҳои устувор, фориғ аз кор сар ба аё-

дати беморон бизанад, аз он пас ба мағозаву бозор биравад, камукостиҳойи рӯзгорро бароварда гардонад ва бо дасти пур қадам ба остонайи манзили хеш биниҳад?! Ин пирамарди фариштахисол, вале шерҷигар профессор Мирзо Аҳмадов аст, ки банда ва ҳамаи дӯстони дуру наздик инчунинашон дидаем. Рӯйи ин мавзӯъ, ки эшон даҳҳо ва метавон гуфт, садҳо шогирдонро чи бегона ва чи аз табори хеш дар Душанбе хононданд, роҳнамойӣ карданд, нону намак ва сарпаноҳ доданд, аслан лаб намекушоянд. Ва камина боре дар манзилашон, ки меҳмонашон будам, аз ҷанобашон пурсидам: «Устоди гиромиқадр! Баъзе инсонҳо чаро ин қадар қадрношиносанд? Ҳамин мӯйи сиёҳи Шумо, ба ақидаи банда на танҳо дар таҳқиқу тадриси 60-сола, дар тадриси донишҷӯён ва сухангӯиву ширкат дар анҷуманҳои илмӣ, балки дар хидмат ба ёру дӯст низ ранги шир сап-сафед шуд; нури чашм аз даст додед, пирӣ носозгориҳойи худро буруз медиҳад ва Шумо дар аксар маврид аз ҷавонӣ то ин дам бори сангини рӯзгор тани танҳо ба дӯш мебаред. Ҳазрати Бедил магар ин сатрҳоро барои Шумо ё бузургмардоне амсоли Шумо сурудаанд:

*Бедил, аз ёрон касе бар ҳоли мо раҳме накард,*
*Чашми ин номаҳрамон кӯр аст ё пӯшидаанд?!*

Лабханде орифона саропойи вуҷуди профессорро фаро гирифт. Сонияе ба хомӯшӣ ғунуданд ва бо табассуми малеҳ сояи ин хомӯширо бештар густариш доданд. Хомӯш буданд устод ва даст ба пешонӣ бурданд. Аз ин сукут дарёфтам, ки мегуфтанд: ба ин суоли пурдарди шумо падидоварандаи маъниҳои баланду осмонӣ, ҳазрати Бедил ҷавоби бисёр мусаллам ва то ҳудуде тунд додаанд, ки худатон шохае аз онро гуфта гузаштед. Аз ҳеҷ бандаи Худо, чи хешу чи бегона ниёз ба кӯмакеву мададе надорам. «Мо Худои хеш дорем, нохудо даркор нест».

Ҳазрати Бедил онҳоро ба унвони «кӯру номаҳрамон» ёд кардааст ва ин номаҳрамон азамати инсонӣ, диди пурмеҳр ба оламу одамро надоранд ва бо шӯҳрати сохта, мансаби ха-

рида ё чор тангаи бодоварда худашонро гум кардаанд. Дар ҳар қадам дурӯғ мегӯянд, васвосу алағдаанд, беқароранд мисли рӯбаҳ, сар ба ҳар сӯрох мезананд мисли муш, то луқмаи ҳарому ҳариш ба андӯхтаҳояшон афзоянд. Корашон афтад, ғуломанд, коратон афтад, омиру афсаранд. Садҳо некӣ бинанд аз шумову як костӣ, дар як он фаромӯш мекунанд. Дӯсттарошиҳои хунук ва ночаспонашон дилро ба дард меорад. Суханчинанду хабаркашанду хабарбар. Ҷуръате надоранд, ки алови чашми як номардро дар рӯбарӯяш бигиранду бигӯянд: эй фалонӣ! Ту чи сагӣ, ки ба одамони мӯътабар дармеафтӣ, тӯҳмат мезанӣ, таҳқир мекунӣ, хиёнат раво медорӣ?! Туф бар туву ту баринҳо! На, инҳо аз он рӯйинтанон, ки мо дар хаёл мепарварем ва дӯсташон медорем, нестанд. Суханбофанду дурӯяву далла! Ба қавли Бедил «номаҳрамони кӯранд ин ёрон» ва ба фармуди Лоиқ, хамӯшиву дурӯиву тарсуиву ниқору интиқомҷӯишон аз ғояти рашку ҳасуд аст ё аз тарси ними нону нимаҷонашон. Қодир ба хиёнат, разолат ва ҳама пастиву палаштиҳоянд ин «ёрони бебасар»!

Инҳо то ҳол сангеву хиште ба мақбараи пиру пешвояшон ҳазрати Муфтӣ ё оромгоҳи эшони Муллоумар зам накардаанд. Ин номаҳрамон, ки Бедили бузург аз онҳо сахт дилхӯр ва мутанаффир аст, намедонанд ё донистан намехоҳанд, ки Соҳибдевон будан чӣ маъно дорад. Бистбисту панҷ сол хоку гарди мадраса лесида улуми осмонӣ ва ирфониву қуръонӣ андӯхтан ба чӣ машаққате ҳосил мегардад? Мо ба дурии дуриҳо намеравем ва кофист, ки ба дару девори мадрасаҳои Бухоройи асри нуздаҳу бист назар андозем ва чеҳраҳойи мондагору нурафкане мисли Аҳмади Дониш, Савдову Шоҳин, Ҳамдиву Мунзим ва Туғралу Зуфархон Ҷавҳариро ба ёд оварем ва биандешем лаҳзаеву қазоват кунем, ки хизмати онҳо дар назди таърих чӣ қадар арзишманд аст? Магар Эшони Муфтии соҳибдевон ва ҷойгоҳи хосси хеш дарёфта дар сафи уламойи замони хеш ва падидоварандайи афкори ирфонӣ ва фақеҳе фаҳмидаву факур ва чароғи рахшони даврони задухӯрдҳои кӯр-кӯронайи синфӣ дар болооби Зарафшон дар шумораи саромадону навобиғи

қарни хеш нестанд? Манзилу маъвойи Муфтӣ то ҳол дар кӯҳистон нимвайрону нообод монда ва часпида дар бораву баландии деҳайи Виткон ва аз он баландӣ бо забони сангдеворҳои валағдаву фарсуда нафрати Худоро бар сари мо мерезад: хонайи шоирро шарӯроне як замон хароб карданд ва шумо, зодагони пушти камари онҳоед, ки хиштеро дар ин маъбад болойи хишт нагузоштед! Чӣ ҷойи бозсозӣ ва таъмир, ки ба анҷоми ин гуна корҳое азамат ва ҷигар надоред шумо; лоақал боре ба суроғи манзили абадии шоири ориф наомадед? На, хайр! Омадед, аз роҳи мошингарди Душанбе – Кӯҳистони Масчоҳ, аз васати гаҳворайи нозиш ва болиши ҳазрати Муфтӣ – деҳаҳои Падроху Виткону Камодон. Савори мудирнтарин мошинҳои ҷопониву олмонӣ садҳо бор бо карру фар гузаштед, вале ку ҳофизайи таърихӣ ва кучост фаросату фаҳму дарки инсонӣ, ки лаҳзае аз мошин пиёда шавӣ, дар зарфи панҷ ё даҳ дақиқа ором-ором ба водии хомӯшон биёӣ, рӯй ба санги мазори орифи бузург, ҳазрати Муфтӣ ва эшони Муллоумар бигзорӣ, аз рӯҳи пурфутӯҳашон баройи ҳама фаромӯшкориҳо пӯзиш бипурсӣ ва хоки қабрашон тӯтиёи дида бинмойӣ?! На, шумо навдавлатону нав ба мансаб расидагон, ки Худованд рӯзе шуморо бар хари худатон хоҳад шинонд, нирӯйу мадору маҷоли шинохтан ва дарки қадру манзалати бузургонро надоред! Рӯшанфикри шумо кӯр аст, чӣ ҷойи гила аз авомуннос! Олиму омӯзгору амалдори шуморо нафси шайтонӣ ва ҳимори ҷаҳлу нодонӣ дар гардан савор аст. Девони Туғралу ашъори Муфтиро вазиру вакили шумо боре варақ назадаасту намезанад, чӣ ҷойи ғамхории чопи осорашон ё таъмири хонаву мақбараашон!

Ман нукоти дар боло ёдшуда, ҳатто як каломи гиламандонаро аз забони устод Мирзо Аҳмадов ҳеҷ гоҳ нашунидаам, балки ин ҳама дардҳо ва андӯҳу ранҷро аз замири мунири эшон хондаам. Устод бо ин ҳама дарёи дониш ва наҷобату покӣ ва тавозӯъу фурӯтанӣ, ки Худованд бароящон ато фармудааст, аслан эҳтиёҷ ба ғамхориву кӯмаки касеро надоранд. Ғаввоси дарёи маънианд ва аз мероси ҷаҳоншумули классикони адабиётамон – аз Рӯдакиву

ҳамасрони ӯ то Туғралу Аҳмади Дониш, дар ҳадди олӣ огоҳӣ ҳосил кардаанд. Ба ҳақиқати зиндагӣ аз осори бузургон бисёр амиқ пай бурдаанд, ки аҳли ҷоҳу сарватро бо аҳли илму ҳилм таваҷҷӯҳ ва чашми ошноӣи нест, вагарна офарандагони маонии бикру баланд, нобиғаҳое чун Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва… аз ғафлат ва коноийи онон шокӣ намешуданд. Ҳофиз саҷда бар даргоҳи холиқи одаму олам мебарад ва таманнойи онро дорад, ки Эзидаш «гадоро мӯътабар насозад». Саъдӣ бар ин ақида аст, ки дар сахтӣ ҷон додан ба маротиб авлост, аз ин ки ҳоҷат пеши дунон бубарӣ. Бӯалии зуфунун низ дар ин боб андарзҳои фаромӯшношудание дорад ва моро ҳушдор медиҳад:

*Гарон аст зи талхии марг талхии хоҳиш,*
*Ба дарди хеш бимиру зи кас даво маталаб.*

Туғрали шаҳид, бузургтарин шогирди мактаби абӯлмаъонӣ дар бароварда гардидани хостаҳои хеш моро водор месозад, ки ба ҳеҷ ваҷҳ умед ба бандайи хокӣ набандем ва дар кушоиши гиреҳи мушкилот танҳо даст ба домони Эзиди маннон дошта бошем:

*Ҳеҷ кас, Туғрал, набошад такягоҳи ҳеҷ кас,*
*Он ки дар уфтодагӣ дасти туро гирад, Худост…*

Шогирдон сар то по ҳушу гӯш гашта, дарси профессор Мирзо Аҳмадовро дар авроқи дил сабт мекунанд. Суханони омӯзгорашон ба дилу зеҳни онон таъсири хоссе дорад. Устод чиҳилу ду сол ба ин тараф аз пушти минбар ҳамарӯз ба донишҷӯён афкори андешаи Илоҳӣ ва омӯзгории бузургони адабиётамонро тадрис мекунанд. Афзун бар ин, андӯхтаҳойи хешро аз осори педагогии олимону донишмандони ҷаҳон бо забони фасеҳу каломи рангин ба самъи онон мерасонанд. Чизе, ки моро аз ҳазору як муҳассиноти Мирзо Аҳмадов беш аз ҳама ба ваҷд меорад ва аз ин боб сари ифтихор ба осмон мебарем, ин хушномӣ ва сазовори эҳтироми баланди шогирдону ҳамкасбон будани устод аст. Дар урфи-

ят мегӯянд: подоши меҳр меҳр аст ва муҳаббат муҳаббат меофаринад. Шогирдони баркамоли устод Абдулҳамид Самад, Камол Насруллоҳ, докторони илм Исмоилов Шамсуллоҳ, Нуров Абдулбоқӣ, Ҳамзахони Камол, Абдусамад Муллоев, Комилҷони Саидолим, Ҳабибуллоҳ Нозирӣ, Мирзобеки Самад, ки ҳар кадоме имрӯз дар риштаҳойи мухталифи илму адаби тоҷик нақши сазовору арзандае доранд, ҳамвора дуойи ҷони устоду мураббии ғамхорашон Мирзо Аҳмадовро бар забон меоранд ва аксар бо шунидани исми муборaки эшон ба ваҷд меоянд, таъкид меварзанд: мо на фақат сабақ аз адабиёти классик ва маҳорати омӯзгориву илмӣ ва адабӣ аз устод гирифтем, балки дарси инсоншиносӣ ва ҳикмати пурмаънойи одамиятро аз доктор Мирзо Аҳмадов омӯхтаем. Устод худ бо ахлоқи ҳамида ва гуфтору пиндори некашон намунайи барҷастайи инсони комиланд.

Ин ҷо наметавонем зикри хайр аз ҳамайи онҳое биоварем, ки ин шахси баройи ҳамагон азиз ҳамвора аз наҷобат, аз ҳамкории пурмаҳсул ва беғаразона бо онон бо сипосу қадрдонӣ ёд мекунанд. Ҳамин чанд рӯз қабл чун бар ба бар бо ҳам аз хиёбони ороставу перостайи ба номи Рӯдакӣ рад мешудем, дар рӯбарӯйи Академияи илмҳо устод лаҳзае таваққуф намуданд ва оҳи сард аз дили пурдард берун оварданд: «даргузашти фаҷеи олими тавоно, дотсент Зоҳир Аҳрорӣ дили маро ба дард овард. Аҳрорӣ вуқуфи комил аз адабиёти Шарқу Ғарбро доштанд ва ҷамъе аз ҳамкорон, аз ҷумла камина некиҳои бешуморе аз ин марди фозил дидаем. Китоби тозаэҷодам «Девони Дарвеши Деҳакӣ» соле қабл дар 368 саҳифа зери назари ин олими тавоно ва матншиноси закитабъ ба нашр расид. Худованд дар садри биҳишт қарор диҳад устод Аҳрориро» – дасти дуъо ба рӯ кашиданд Мирзо Аҳмадов ва мо аз канори коргоҳи донишманди фақид бо сари хам, сокиту ором роҳ паймудем.

Устод Мирзо Аҳмадов дар аксар маврид бо шогирд ва дӯсти айёми ҷавонияшон, луғатшиноси мумтоз, барандайи ҷоизаи бо номи Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ – Амон Нуров (Амонуллоҳи Нурӣ) ҳамроҳ ба меҳмониҳо мераванд, якҷоя ба сафарҳои дуру наздик иқдом мекунанд. Ҳарду зо-

дайи як диёр, хеш ва то ҳудуде ҳаммаслак ва парвардаи як фазойи илмиву адабианд. Дар хиёбонҳои Душанбе, вақте ки ин ду абармарди мумтоз дар майдони илм ва сар то по нуру сафоро бар ба бар мебинам, аз шодӣ дар ҷаҳон намегунҷам. Шодии банда аз ин хотир меафзояд, ки бародарони ҳамдил ва ҳамақидаву ҷонӣ Амон Нуров ва Мирзо Аҳмадов аз ҳаштод соли умр, барҳақ 50-60 соли онро дар хидмат ба илму адабиёт сарф кардаанд. Дар ҳар нишасте ё маҳфиле ва ё сӯҳбатҳойи гузарову онӣ агар ёде аз ин ду донишманди бозаковат пеш ояд, аз худу бегона фақат васфи хубиҳояшонро мешунавем. Ҳамсолон, ҳамкасбон, ҳамақидаву ҳамдарсон, шогирдон, маъмурони давлатӣ, онҳое, ки боре бо ин ду гавҳари тобнок мулоқот кардаанд, соатҳо аз фитрат ва одамияти баланд, покизагии ахлоқ ва фурӯтаниву озодагии онҳо қисса мекунанд. Аммо устод Мирзо Аҳмадов бо ёдоварии номи Амон Нуров худ гӯё табдил ба хуршеди оламафрӯз мегарданд: «Мирзоамонро, – бо лабханди малеҳ ба мо рӯй меоранд устод Мирзо Аҳмадов, – метавон як пажӯҳишкада ё доиратуллуғоти муосир номид. Дар ду даҳсолаи охир ончунон ба таҳқиқоту мӯшикофӣ дар таҳия ва тартибу тадвини вожаҳо сар фурӯ бурданд, ки қариб буд саломатиашонро аз даст диҳанд. Худоро шукр, ки он касро дар арафайи 60-солагиашон аз як бӯҳрони амиқи касолату хастагӣ берун овардем. Ана, ҳоло бубинед, гул баринанд Мирзоамон».

Дубора табассуми маҳтобӣ чеҳраи мусоҳиби бузургвори мо, устод Мирзо Аҳмадовро оро медиҳад. Эшон ҳар гоҳ аз шахсиятҳои воломақоми фарҳангӣ сухан матраҳ гардад, худро фаромӯш мекунанд ва дарҳол ба зикри хайри бузургон мепардозанд. Аз хидмати мондагор ва хубиҳои беҳамтойи ҳамкорони донишмандамон, Болдирев, Брагинский, Мирзоев, Ҳусейнзода, Табаров, Асрорӣ, Мирзозода, Амонов, Раҳим Ҳошим, Бухоризода, Капранов, Сӯфизода ва амсоли онон бо ҳаяҷон ва эҳсоси баланди бародарӣ ёд мекунанд. Ба таври мисол, чанд рӯз қабл дар охирин сӯҳбате, ки дубора роҷеъ ба заҳматҳойи пурарҷи Амон Нуров матраҳ шуд, устод феҳристи мухтасари таълифоти илмиву адабии

эшон ва осори таълифшуда дар борайи ин дӯсти беҳамтойи даврони бачагиашонро якояк баршумурданду аз комёбиҳои илмии бародари ҷонӣ сари ифтихор ба осмон кашиданд. Дар чунин ҳолатҳо сар то пойи вуҷуди устод Аҳмадов табдил ба кохи меҳру муҳаббат мегардад. Яъне:

*Чунон пур шуд фазойи сина аз дӯст,*
*Ки фикри хеш гум шуд аз замирам.*

Профессор Мирзо Аҳмадов дар матлабе бо номи «Вақте ки вожаҳо ба гуфтор меоянд» (ниг. маҷмӯайи «Ифшогари рози сухан», 1998, саҳ.39) самараи заҳамоти якумрии Амон Нуровро дар луғатшиносии тоҷик ончунон олимона, амиқ ва бо каломи андак, вале як ҷаҳон маънӣ ба қалам додаанд, ки ҳеҷ шоири соҳир ва чеҳранигори тавоно қодир ба чунин нодиракорӣ нест. Ин ҷо илова ба истеъдоди олии модарзод, аз хусуси ба пояи баланди илм расиданашон, одамият, дар ҳазлу шӯхӣ устухон надоштани Амон Нуров, аз нуристони дигар – муҳити маънавии ӯ далелҳо меоваранд ва ҳазли намакин, аммо бисёр зебанда ва ба мавқеъе роҷеъ ба вижагиҳои зодмуди Мирзоамонро гӯшзад месозанд: «баъзе ашхоси бозарофат ба тариқи шӯхӣ мегуфтанд, ки виткониҳо ба ҷойи гандум дар заминҳояшон муаллим мекоранд».

Мирзо Аҳмадов на фақат даргоҳи васеъ, дасти расо, саховати олӣ, дастархони ҳамеша моломол аз нуқлу навойи пуртанаввуъ доранд, балки Худованд ба эшон дили зеботар ва шаффофтару тамйизтар аз булӯр ато кард, ки лабрез аз сидқ аст ва дар он ҷо ба мисдоқи як зарра ҷое боройи кибру кудурат ва ҳасадоту бадбинӣ боқӣ намондааст (аслан, ҳасудону бадхоҳон дар пулу сарват ва ҳатто илму дониш ҳам ба ҷое бирасанд, фоқиду бебаҳра аз ду муқаддасотанд: аввал, раҳмати Худованд, сонӣ эҳтироми мардум). Ва муаллими кадхудо ва олиназари мо устод Мирзо Аҳмадов дар ихвонияи «Вақте ки вожаҳо ба гуфтор меоянд» илова ба он, ки аз олимони ҷаҳоншумул, устодону ҳаммаслакони дар ҷумҳурӣ ва Шӯравӣ машҳури Амон Нуров ситоиш намудаанд, аз «гандумҳои биҳиштӣ»-и заминҳои Виткон, аз

омӯзгорони солҳои сию чилу панҷоҳ: Шоҳсаид Саидов, Муллорӯзӣ Одинаев, Саидакрам Наботов, Сафарбек Азизов, Тӯраҳасан Қобилов, Мирзоҳасан Муҳаммадов, Муллосафар Ҳасанов, Нусратбек Азизов, бародарон Мулломаҳадамин, Муҳаммадмурод, Муллохушмурод Шомуродовҳо, Абдусаттор Азизов, Ҷӯрабой Ҷумъаев, Ғаффор Азизов, Тӯра Саидов, Сангин Ниёзов, Усмон Ҳусейнов, Муллоқурбон Арбобов, Усмонбек Мӯсоев, Мирзо Наврӯзов, Бобо Авазов, Қурбон Лутфуллоев, Ҷумъабой Нуров, Иноят Боқиев ва дигарон самимона ёд кардаанд.

Оре, онҳое, ки рӯзгоре ситорагони тобноки маориф буданд, акнун ҳама яксар чеҳра дар ниқоби хок кашидаанд ва ҳамвора дар ёду хотираҳои сабзу мунаввари профессор М. Аҳмадов дубора зинда мешаванд, дар паҳлӯйи мо, дар гирди дастархон ҳузур пайдо мекунанд, ҳамроҳамон нафас мекашанд ва бо мо зиндагӣ мекунанд. Оре:

*Зиндае нест, ки бар мурда надорад ҳасрат,*
*Хизр шамъест, ки бар гӯри Сикандар сӯзад.*

Ин мисраъҳои сӯзандатар аз оташро устод борҳо бар забон овардаанд ва хотирайи қавӣ, поси нону намак, муҳаббати ҷӯшони қудсӣ ба диёр ва ҳамдиёрон ба Мирзо Аҳмадов имкон додааст, ки шахсиятҳои барҷастаи водии Зарафшон ва ҳатто ҷумҳуриро, алалхусус онҳоеро, ки ҳамсабақ ё ҳамнишину ҳамтироз бо қиблагоҳашон – ҳазрати Эшони Муфтӣ буданд, якояк ёд бинамоянд.

Дар солҳои бисту сию чил ва ҳатто панҷоҳи садайи гузашта, на танҳо авомуннос, ки душмани рӯшанойӣ ва тараққиву пешрафтанд, балки иддае аз хатибу муллоҳои ноогоҳ «фатво» ба кофарии муаллимон ва ҳатто дастур ба қатлу кушторашон медоданд (дар Ғарм ҳамон айём, яъне дар авоили инқилоби болшевикӣ се тан аз бонувони омӯзгорро бо ҳамин «ҷурм» ба дор кашиданд. Дар ҳамин ноҳия бародари профессор Шарифҷон Ҳусейнзода ва дар Роҳатӣ муаллим Убайдиро, ки ба фармуди рӯзноманигор ва нависанда Бахтиёри Муртазо, зодаи Масчоҳ будааст, низ ба

қатл расонданд). Ана, дар ҳамон авзоъи тӯфонхези набарди «сурхҳо»-ву «сабзҳо», ки ба вижа кӯҳистони тоҷикро чун марази вабо ба ваҳшат оварда буд, ҳазрати Мутфӣ рисолати пайғомбаргунае аз хеш нишон доданд ва бими терор ва қатлу кушторро ба ҷон харида, марши ҳуррияти аллома Айнӣ бар забон ронданд:

*Эй ситамдидагон,*
*эй асирон,*
*Вақти озодии мо расид.*
*Муждагонӣ диҳед, эй шафиқон,*
*Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид!*

Ва гуфтанд: «– Эй мардум! Пайомбари гиромии Ислом (с.) фармуда, ки агар илм дар уфуқҳои дигар, дар умқи синаи ситораҳойи осмонӣ нуҳуфта бошад ҳам, дасти тавонои табору тирайи эрониуласлон, ки шумо аз ин тираву таборед, ба дарёфту истифодайи он расидааст. Пас, пунбайи ғафлат аз гӯшҳо берун оваред, ба фарзандон донишҳои аввалия омӯзонед ва мадад расонед ва дуъо диҳед, бираванд дар Самарқанду Истолинобод ва Хуҷанду Тошканд илми олӣ ба даст биоваранд, муаллиму муҳандис, табибу кӯҳкан шуда, ба кӯҳистони ҳама умр бебаҳра аз неъмати дониш баргарданд ва решаи ҷаҳлу нодонӣ, факр, вомондагии қуруни вустойиро барканананд. Дар тӯли таърихи башар мо ёд надорем, ки давлате раъиятпарвар мисли ҳукумати феълӣ зуҳур ва таҳсилро аз мактаб то дорулфунун муфту ройгон ба фарзандони халқ вогузор карда бошанд. Зиндагӣ бе мактаб, бе дониш, бе пешрафти иқтисоду фарҳанг, бе роҳбарони оқилу одилу худотарс чӣ мақому чӣ маъние дорад?

Чунин дастуру иршодгариҳои ҳазрати Эшони Муфтӣ дар дилҳои бандагони некбахти Худо ва хусусан дар рустоҳои гирду атрофашон дар ҳамон замони ҳассосу фаҷеъ ва даврони задухӯрдҳои хунини синфӣ беасар намонд ва аз хоки диёр дар навбати аввал садҳо бех навниҳолони боғи маориф сар бардоштанд (агар аз ин деҳот, яъне деҳоти сегона муаллим ё духтур ҳанӯз дар солҳойи сӣ ва сивупанҷи асри бист

ба камол расида бошад, дар дигаре аз рустоҳойи кӯҳистони Масчоҳ, аз ҷумла дар Рогифу Равомутк, Худгифҳои Сояву Офтоб, Муждифу Лангару Хайробод ва ғ. камолоти омӯзгор, рӯшанфикр ва мутахассиси соҳибмаълумоти илми олидор ба солҳои 60-70-и қарни зикршуда рост меояд. Бубин, тафовути роҳ аз куҷост то ба куҷо! Ва ҳамайи ин самарайи кушойишҳои Муфтист).

Эшон на ба хотири дарёфти подош ё қабзи мансаб аз Ҳукумати Шӯравӣ ташвиқи илму ҳунар мекарданд, балки ин амрро вазифаи исломӣ ва инсонии хеш медонистанд ва ҳеҷ подоше ва симмате то поёни умр аз ҳукумати вақт тақозо накарданд. Ба Муфтӣ ва силоҳи таблиғотии ин бузургвор зимомдорони вақт бо шакку тардид менигаристанд. Нирӯҳои иртиҷоъиву вопасгаро ҳарчанд аз тарси режим маҷоли садо баланд кардан надоштанд, вале ба якдигар гӯшакӣ мезаданд, ғур-ғур мекардаанду пичирос мезаданд: бинед, муфтии шаръи шариф ба кофарон гаравид. Ба хизмати аҷнабиву фарҳанги бегона камар баст!.. Таблиғи мактабу маорифи аҳли куфр мекунад!

Садамаҳо аз ду ҷониб ба ҷони эшони Муфтӣ расид, вале ин офтоби ҳусн ҳамоно сироти мустақим мепаймуданд ва рӯзе дасти Мирзои навхат – аз боҳуштарин фарзандони хонадонро дар даст гирифтанд ва аз кӯҳистони танг ва роҳҳои пурпечу пурхавф гоҳо савора, гоҳо пиёда равони пойтахти ҷумҳурӣ гардиданд. Ин ба таърихи яке аз рӯзҳои тобистони соли 1951 рост меояд, ки он айём пойу қадами ҳеҷ яке аз доништалабони диёр ба остонаи Душанбе нарасида буд (бародарони калони Мирзо – Мирзоҳомид ва Мирзомаҳмуд қабл аз эшон ва он ҳам бо ибтикори ҳазрати Муфтӣ Донишгоҳи омӯзгории Хуҷандро хатм карда буданд).

Устод Мирзо Аҳмадов бо чеҳраи ғарқи нур ва лабханде маҳину малеҳ, ки хосси табиати доимии ин олими фарзона аст, рӯзҳои ҳамсафариашон бо қиблагоҳӣ ва омадан ба Сталинободро бо шодиву нишот ёдовар мешаванд. Расмеро, ки бо мурури айём ранг бохтаву камфурӯғ гаштааст, аз тоқи китобҳо бо дасти муборак берун меоранд ва ман бо тамоми ҳушу гӯш, сар то по гӯиё чашм мегардам ва дида ба ин му-

саввара медӯзам: ҷавоне навхат, тақрибан 18-19 сола, дар тан пероҳани сафеди оҳарӣ аз болои он кастюми сиёҳи мушкӣ пӯшида ва дар сар тӯпии наву пурҷилойи маҳсули дасти бонувони Истаравшан ниҳодаасту китфи чап ба тани падар такя дода, чашмони уқобии пурнур ба чашми бинанда афкандааст. Қиблагоҳи устод дар ин акс низ пероҳани сафедпӯшанд; ҷелаки рах-рахи нав ва дастори начандон бузурги пешоварӣ, риши сап-сафеди пурҷилотар аз абрешими хом эшонро шабеҳи ҷамоли классикони адабиётамон ҷилва медиҳад (мо ин аксро баъдан таксир намуда, дар чандин нашрия ва китобҳо мавриди истифода қарор додем, ки акнун яке аз саҳифаҳойи китоби ҳозирро зебу зиннат бахшидааст).

Ин мусаввара, ки худ арзиш ва маъниву мӯҳтавойи як девони ғазалро дорад, ягона аксест, ки дидори моро ба чеҳрайи марди бузурги таърих ва намояндайи адабиёти поёни садаи нуздаҳ ва оғози қарни бист ҷаноби Аҳмад Мираминзодайи соҳибдевон, мутахаллис ба Маҳвӣ ва Аҳдӣ мерасонад. Аммо ҷовидон намудани лаҳзайи сафар ба Душанбе-ро ба тавассути ин мусаввараи таърихӣ устод Мирзо Аҳмадов чунин шарҳ доданд:

«– Акс андохтанро он рӯзгор ноогоҳон ва ашхоси мутаассиб кори зишту носавобе мехонданд. Қиблагоҳ, намедонам, ба ин санъат дар дил чӣ шавқе ё кароҳате мепарварданд. Аммо мо, ҳамин ки ба Душанбе расидему рӯзи дигар, дар ҳамон гӯшае, ки ҳоло чойхонайи «Роҳат» воқеъ аст, чашмам ба аккосхонае афтод, ба қиблагоҳ бо дидайи илтимос рӯ овардам:

«– Додо, дунё гузарон… Чӣ мешавад, ки баройи ёдгорӣ аксе бо ҳам дошта бошем?»

Ҳазрат бечуну чаро розӣ шуданд ва сипос Худойро, ки акси ягона ва таърихӣ падид омаду шаст сол боз ҷой дар мардумаки чашми хонаводайи мо ва манзилу маъвойи дигар муридони қиблагоҳиро дорад…

Мирзо Аҳмадов, чунон ки дар боло мутазаккир гардидем, ихлоси баланд ба аҳли китоб доранд ва аз ҳофизайи қавии олимона бархурдоранд. Аз мулоқот ва гуфтугӯйи падари шоир ва донишмандашон бо аллома Садриддин Айнӣ, ки

дар мадрасаи Бухоро ҳар ду ҳамсабақ буданд, лавҳаю лаҳзаҳойи дилчасп дар хотир доранд.

Аз нигоҳи Мирзо Аҳмадов ҳамсабақӣ, ҳамнафасиву ҳамнишинӣ бо аллома Айнӣ баройи қиблагоҳашон ифтихори бузург будааст. Дар маҳфиле, ки ба муносибати поёни таҳсили гурӯҳе аз хатмкунандагон амир Олимхон тартиб додааст, се тан аз хатмкунандагони мумтоз – Садриддин Айнӣ, Домулло Икромча (падари устод Ҷалол Икромӣ) ва Аҳмад Мираминзода (Эшони Муфтӣ) ҳамчун хатмкунандагони беҳтарини мадраса садрнишини ин зиёфати шоҳона будаанд ва шоҳ дар поёни ин нишаст ба ҳарсейи онҳо вазифаҳойи баланду масъул пешниҳод намуда, онҳоро бо инъомҳову ҷомаҳойи фохир сарафроз менамояд (дар ин бора матлабе аз устод Мирзо Аҳмадов дорем, ки дар бахши дигаре аз ин маҷмӯъа бо мӯҳтавойи он ошно хоҳед шуд). Ва Аҳмад Мираминзода бо дастури амир қозиюлқуззоти водии Зарафшон таъйин мешаванд.

Ҳар фарзанди солеҳ, бидуни шак, муҳаббати сӯзоне дар нисбати волидайн дар банди ҷигар мепарварад. Банда, ки сипос Худоро, дӯстии мудовим ва ихлосу равобити шогирдиву бародарии чиҳилсола бо доктор Мирзо Аҳмадовро дорам, шоҳиди ёдҳойи ширин, гоҳе талх дар хусуси ҳар кадоме аз бародарону хоҳарон, модар ва падари бузургворашон будаам. Муқаддимайи фишурдаеро, ки Мирзо Аҳмадов ба Девони ашъори қиблагоҳашон Муллоаҳмад Мираминзода (нашриёти «Шарқи озод», Душанбе, 1999, саҳ. 3-15) навиштаанд, наметавон бидуни оби дида хонд. Ин меҳрнома ё ба ночор метавон гуфт, номайи ғамро мехонаму байте сари забонам меояд:

*Балоғат дар сухан, донӣ, чӣ бошад?*
*Каломи андаку маънии бисёр!*

Дар деҳайи Падрох чашм ба дунё кушодани қиблагоҳашон, дар навҷавонӣ ятим мондан, ба даст овардани донишҳои аввалия дар дабистони деҳа, ҳиҷрат ба шаҳрҳои Самарқанду Бухорову Тошканд, таҳсил дар мадра-

сайи олии Бухоро, вогузор гардидани симмати қозиюлқуззоти водии Зарафшон бар дӯши он ҳазрат, ҳамлайи Артиши Сурх ба ин водӣ, тамоюли сулҳ ба муҳоҷимин, гирифтории Муфтӣ ба ғазаби мири Масчоҳ – Аҳмадхоҷа, ба зиндон афтодани эшон аввал аз сӯйи ҳамин мир, баъдан ҳабс шуданашон дар соли 1932 бо дастури болшевикҳо, шоҳиди қатли ноҷавонмардонайи дӯст ва ҳамсабақи бузургворашон Туғрали Аҳрорӣ гардидан… ин аст мӯҳтавойи дебочайи М. Аҳмадов ба баёзи рангини меросмонда аз падар. Афзун ба он ишораҳои кӯтоҳ, ки дар боло зикр шуд, профессор Мирзо Аҳмадов фазойи сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангии замони шоир, таҳлилу баррасии шеъри эшон, сабку салиқайи адибро дар иншойи ғазал, қасида, мухаммас, қитъаву рубойӣ ва дигар аҷноси шеърӣ дар ҳадди олӣ арзёбӣ кардаанд.

Оре, ба таъйиди абулмаъонӣ, осмон бегонагонро қобили сахтӣ надид. Аксари уламо ва ҳамасрони соҳибноми шоир Маҳвӣ (Аҳдӣ) дар Бухоройи гирифтори ҷаҳли мураккаби Манғития ва баъди сарнагунии ин режими табоҳкор ва рӯйи кор омадани режими болшевикӣ лахт-лахту пора-пора гардиданд, ки «намунайи олӣ»-и ин пора-пора шуданҳо фоҷиайи дар зиндони коммунистӣ ҷон бохтани Садри Зиё, бо дасти ҳамин қотилон ба қатл расидани Туғрал, 75 зарбайи чӯб ворид шудан ба тахтапушти Айнӣ аз сӯйи ҷаллодони амир Олимхон аст. Ба қавли шоир:

*Бухоройи адабпарвар,*
*Ба ёдат чашми ман ҳар бор мебошад тар.*
*(Бозор Собир)*

Дар таҳқиқоти Мирзо Аҳмадов ва тибқи он нукоте, ки соҳиби ин қалам аз шахсиятҳойи зубда ва ҳамнишиному шогирдони огоҳу босаводи Муфтӣ дарёфтааст, эшон ҳамақида бо Аҳмад Махдуми Дониш ва осори фалсафӣ ва илмии ҳама пайравони олиназари мактаби фикрии ӯянд. Илова ба донишу истеъдоди баланд, имону иродайи оҳанине Худованд ба шоир ато намуда, ки танҳо ашхоси пайғомбаргуна ва назар-

кардайи Ҳақ таҳаммули онро доранд: аз солҳойи бисту сӣ то поёни умр (8-уми июни соли 1955), бидуни ҳеҷ вазифаю мансаб, танҳо бо пешайи боғбониву кишоварзӣ рӯз ба сар бурдан, гирифторӣ ба гирдоби тӯҳматҳо ва азобу шиканҷа аз давлат ва мухолифини он, таҳаммули даврони ҷанг ва талху пичинги авомунноси деҳот ба хотири таблиғи илму дониш, ба яғмо рафтани бисоти рӯзгор, хонондан ва соҳиби маълумоти олӣ намудани се шаҳписар ва билохира, дар синни 76-солагӣ ба дорулбақо реҳлат кардан – ин аст чанд ибораи мухтасар аз ҳазорон сафҳайи ёдномайи нонавиштайи як фақеҳи табаррук, ки дер ё зуд ин китоб навишта хоҳад шуд!

Дар таҳқиқоти осори профессор Мирзо Аҳмадов, шоир Маҳвӣ чун аксари тарбиятдидагони ҳавзаҳойи адабии Моваруннаҳр бо илҳоми саршор аз Бедили Деҳлавӣ шеъру ғазал гуфтаанд. Осорашон зиёда аз се ҳазор байтро дар бар дорад ва ин ҷо нуктаеро мехоҳем матраҳ кунем, ки Маҳвӣ дар баробари эҷоди ғазалҳои ишқиву ирфонӣ, ашъори кӯбандае дар маззамати золимон ва дигар аносири шарури зидди башар гуфтаанд. Маҳвиро, ба ақидайи устод М. Аҳмадов, аввало, лутфи Худойи ламязол аз ҳама балоҳо эмин дошт ва дар фаҷеътарин шароити сиёсӣ ва иҷтимоъӣ ба синни мубораки 76 расонд. Дуввум, муҳаббати мардуми сартосарии водии Зарафшон, ки ҳамчун пиру пешгоҳ эҳтиромашонро дар умқи ҷон доштанд. Саввум, офтоби илму дониш, ки ҳамеша дар осмони синайи шоир партавафшон буд ва ниҳоят, мардонагӣ, ҷасорат ва рӯйинтанӣ, ки бар иловайи дигаре аз муҳассиноти худододи эшон чун сипар ва шамшер babopойи зинда мондан ва баровардa гардидани орзуву ормонашон хизмат кардааст. Нирӯманд ва ҷасур будаанд ҳазрати Муфтӣ, – мефармоянд устод Мирзо Аҳмадов ва фармудайи хешро бо мисрае аз Бедили дарёйи маъонӣ тақвият медиҳанд:

*Хосияти ин ҷаҳон оҷизкушист,*
*Зинҳор ин ҷо нотавон натвон буд!*

Мирзо Аҳмадов бисёре аз хислатҳои олишони падарро ба

мерос гирифтаанд: фурӯтананду олиҳиммат ва ҳаргиз бори миннати дунон намекашанд. Пас аз фурӯ нишастани тӯфони фишорҳойи режими коммунистӣ бо тадриҷ ва оҳиставу ором ба таҳқиқ ва нашри осори падар пардохтанд. Нахуст аз рӯзнома ва маҷаллаҳои мӯътабари солҳои 90-и садайи гузашта ҳамзамон бо муаррифии зиндагиномайи фишурдаи ин адиб ва донишманди бузург, хонандагонро бо намунаи ашъори ирфонӣ ва сурудаҳои даврони нави шоир ошно намуданд. Аммо рисолати сутурге, ки дар ин росто ба ҷо овարданд, нашри «Девони ашъор»-и ҳазрати Муфтӣ аст, ки ин баёзи сиришта аз нури муҳаббату сидқ аз замони камолоти шоир то баҳори соли 1999, яъне ҳудудан сад сол зери чодари хомӯшӣ пинҳон буду якбора чунин «рӯбинон»-и нодиру сурурангезе насибашон гардид. Ва акнун аз баёзи тозанашри ҳазрати Маҳвӣ мехонем:

*Ман дар сари савдойи ту дилро додам,*
*Сар то ба қадам ба бандагит бинҳодам.*
*Шояд сари таслими маро созӣ қабул,*
*Хоҳиву нахоҳӣ, бар дарат уфтодам.*

… Ва ин ҳам дар ҳолест, ки имрӯз мо, ҳама ошиқони осори гаронмояашон бар дару даргоҳи каломи рангини шоири ориф сар фурӯ меорему аз ин ганҷи сармад баҳраҳо мебарем ва барои таҳиягари ин баёз устод Мирзо Аҳмадов умри дароз ва саодати ҳар ду дунёро таманно мекунем.

Устод Мирзо Аҳмадов дар сулуки рафоқат ва дӯстнавозӣ, шояд дар айёме, ки мо ба сар мебарем ва тухми садоқат – тухми анқост, ҳамтое надошта бошанд. Ман аз забони поку дуррбори ин олими тавоно борҳо арзи сипоси фаровоне ба унвони директори нашриёти «Шарқи озод» Манзурхон Додохонов (он ҳам дар ғайби ин марди наҷиб) шунидаам, ки ӯ дар чопи ду асар аз М. Аҳмадов: «Девони ашъори Муллоаҳмад Мираминзода» (1999) ва «Девони ашъори Дарвеши Деҳакӣ» (2009) на бо кӯмаки молӣ, балки хайрхоҳона ва бо муҳаббати бародарӣ мусоидат кардааст. Аз ношир ё маъмуре, ки дар ин амри хайр беэътинойиву коршиканӣ

кардааст, аслан гиламанд нестанд. Ба андешайи устод, ҳар касе, ки шокӣ аз бадҷинсу бадгуҳар бошад, камтар аз онҳо нест. Аз шогирдоне, ки сабақ додаанд ва хешону ҳамшаҳриёне, ки аз дастархони устод нону намак хӯрдаанду аз мақому мартабаашон огоҳанд, вале камтаваҷҷӯҳанд ба эшон ва дар рӯзҳои душвори танҳойӣ ва ранҷурӣ низ ба суроғи манзилашон намеоянд, заррае ранҷиш ё озору гила надоранд ва дар ҳар мулоқоте, ки баъдан дар ҷашну сур ё азою мотам пеш меояд, устод Мирзо Аҳмадов шогирдони камлутф ва бомуҳаббатро яксон дар оғӯши меҳр мекашанд ва он ҳам, ҳатман бо рӯйи хуш ва чеҳрайи ғарқ дар чашмайи шодиву нишот.

Доктор Мирзо Аҳмадов дар дебочайи ба девони падар навиштаашон аз устод Боқӣ Раҳимзода, ки пас аз мутолиайи номаи Эшони Муфтӣ (ба таърихи моҳи январи 1954) ва ошнойӣ бо намунаҳое аз осорашон «Эшон баҳранд» гуфтааст, самимона ёд кардаанд. Дар мулоқоте, ки бо Мирзо Аҳмадов дар манзилашон, дар яке аз рӯзҳои сарди зимистони соли 2010 доштем, сухан аз дидори ҳазрати Эшони Муфтӣ бо шоири овозаманди тоҷик, Қаҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода матраҳ шуд. Он ҷо меҳмонон аз Масчоҳ ва Душанбе низ ҳузур доштанд. Устод Мирзо Аҳмадовро хислати наҷиби модарзоде ёр аст: ҳамеша нуктаеро, ки бар забон оранд, ҳатман бо нуру зиёйи табассум озинбандияш мекунанд.

Эшон фармуданд: соли 1951 як силсила аз шеърҳои қиблагоҳ дар рӯзномаҳойи марказии пойтахт ба нашр мерасад ва чашми устод Турсунзода ба шеърҳои тозасурудайи шоир меафтад. Хурсанд мешаванд устод ва дар назди чанде аз ёронашон ашъори ҳазратро ситоиш мекунанд. Дар ин ҷамъ Шаҳобов ном пизишк, ки худ аҳли Бухоро буданд, ҳузур доштаанд ва эшон ба устод Турсунзода рӯй меоваранд ва мегӯянд:

«– Ман барои як сафари маъмурӣ озими кӯҳистони Масчоҳам. Агар шумо зарур шуморед, ҳатман саре ба манзили шоир хоҳам зад».

Мирзо Турсунзода хоҳиш мекунанд, ки саломи дуруди он

касро ба ҷаноби Аҳдӣ (Маҳвӣ) бирасонанд ва аз тариқи шодравон Шаҳобов (падарарӯси устод Ҳодизода) шоирро ба ҳузури худ мехонанд ва он кас даъвати фарзанди маҳбуби миллатро ба ҷо меоранд. Дар Сталинобод, дар идорайи Иттифоқи нависандагон миёни ду шоир – яке дар айни сарсабзӣ ва саршор аз таровишҳойи эҳсоси ҷавонӣ, дигаре парвардайи ғаму дард ва офтоби умраш ба ҷойе расида, гуфтугӯйи ҷолибе ба амал меояд. Турсунзода аз эшон дар поёни дидор суол мекунанд:

– Шумо бо ин табъи латиф ва андӯхтаҳойи пурвусъату фаровони илмиву адабӣ дар кӯҳистони танг чӣ гуна ғунҷидаед? То имрӯз куҷо будед ва чаро боре ба Иттифоқи нависандагон сар назадед?

Ба нақл аз устод Мирзо Аҳмадов, Муфтӣ лаҳзае ба рӯйи зебо ва нурониву пуртаровати Мирзо Турсунсода дида медӯзанд, оҳи сабуке мекашанд ва саъй мекунанд, ки андӯҳи ниҳонии худро буруз надиҳанд. Ва бо табассуме малеҳ посух медиҳанд, ки он ҷо дар паноҳи муҳаббати мардум умр ба сар мебаранд; ҳарчанд беш аз бист соли умрашон дар ҷустуҷӯйи илму дониш дар шаҳрҳои бузург сипарӣ гардид, акнун бо кӯҳҳойи азим ҳампаҳлӯянд, яъне ё шаҳри азим, ё кӯҳи баланд.

Устод Турсунзодаро нукоти дилнишини шоир писанд меафтад ва беихтиёр матлаеро аз ғазали эшон бар забон меоранд:

*Биё, эй қаҳрамони пахтакори мо, туро раҳмат,*
*Сабаб бо мо, ба айши бешумори мо, туро раҳмат.*
*Ватанро бахшад истиқлолият кори накӯйи ту,*
*Бувад осоиши аҳли диёри мо, туро раҳмат.*

– Ин сурудайи солҳойи охири шумост, ки аз забони шаҳдбори Барно Исҳоқова аз радио мешунавем?

– Оре, – посух медиҳанд Муфтӣ.

– Матну оҳанг ниҳоят мувофиқ омадаанд… Худи шумо ҳам оё овози Барноро меписандед? – Боз дида ба обшори риши сап-сафеди шоири солманд медӯзанд Турсунзода ва

рухсораҳойи кулчаийи шоири ҷавон бештар шафақгун мешавад. Аҳдӣ посухи кӯтоҳе ироа мекунанд ва мегӯянд, ки шеъри дигаре ҳам дар ситоиши овози ҳамаписанди Барно сурудаанд, ки онро дар вақту маҳалли дигар хоҳанд хонд.

Шодии Мирзо Турсунзода, ки Мирзо Аҳмадови он айём донишҷӯ шоҳидаш будаанд, меафзоянд ва эшон афсӯс мехӯранд, ки дар чунин сӯҳбате ниҳоят гарму самимӣ дӯсти даврони ҷавонӣ ва ҳамсабақашон дар мадрасайи Бухоро – аллома Садриддин Айнӣ ҳузур надоранд (устод он рӯзҳо дар Самарқанд будаанд) ва зимнан, аз шоир суол мекунанд:

– Ба назари Шумо дар эҷоди шеър тавонмандиҳои ду шоири ҳамаср ва ҳаммаслак Зуфархон Ҷавҳарӣ зиёд аст ё Туғрал?

– Банда ба қалами ҳар ду эҳтиром мегузорам, – бе таваққуф ҷавоб медиҳанд шоир Аҳдӣ, – аммо ба ақидайи ман, Туғрал, Худо раҳмат кунад ӯро, Бедили замони мо буд.

Устод Мирзо Турсунзодаро, ки дар қазияи ҷанги босмачиҳо бо асокири рус баройи исботи бегуноҳии Туғрал сахт талош карда буданд, аз ин сухани Аҳдӣ муҷаддадан ранги рухсор арғувонӣ мегардад. Пири равшанзамир ва шоири гарму сардии рӯзгордидаро бо муҳаббат гусел мекунанд ва тақозо мекунанд, ки ашъори тозаэҷодашонро ба рӯзномаҳои марказ ва идорайи Иттифоқи нависандагон зуд-зуд бифиристад. Аҳдӣ бадеҳатан рубоийи зерро мегӯянд ва ба поси ин пазироийи зебо ба устод Мирзо Турсунзода эҳдо медоранд:

*Хоҳӣ ба рафиқӣ, рав ба марди хушрӯй,*
*Дар зоду назоди ту надорад такопӯй.*
*Ҳоҷат хоҳӣ, туро раводор бувад,*
*Ин асл бувад зи мардуми некурӯй.*

(Ин рубоӣ дар Девони ашъори шоир, саҳ. 111 низ омадааст).

Аз ин мулоқоти таърихии ду шоири ҳар кадоме соҳибистеъдод ва дар сабку салиқайи хеш мумтоз, акнун 60 сол сипарӣ мешавад. Аммо ҳанӯз ҳам нуқли сӯҳбати устод

Мирзо Аҳмадов аст ин дидори муборак ва олимонаву мантиқӣ ва мунсифона баррасӣ мекунанд онро. Устод Турсунзода дар муносибат ба аҳли қалам, чи ҷавон, чи пир, на танҳо самимиву меҳрубон, балки ононро мададгору пуштибон будаанд ва шоҳидони чунин хислатҳойи ҷавонмардонаашон, хушбахтона, ҳоло дар қайди ҳаётанд. Аз сӯйи дигар, фарзандони маънавӣ ва ба ҷон баробари устод – шодравонҳо Қутбӣ Кирому Лоиқ Шералӣ ва устодон Бозор Собиру Гулрухсору Гулназар наҷобати падаронайи устодро дар ашъорашон бо сатрҳои тобандаву ҷонгудоз сутудаанд ва онҳо тавфиқу комёбии эҷодии хешро аз баракати ҳимоят ва дастгирии маънавии Турсунзода медонанд. Лоиқи шӯридадил, мегӯянд устод М. Аҳмадов, эътироф мекунанд, ки:

*Чу Турсунзода бо боли замона*
*Накардам тай ақсои ҷаҳонро.*
*Надидам обшорони Ниагар,*
*На Эронрову на Ҳиндустонро…*

Вале дар идомайи ин меҳрнома Лоиқ худ иқрор бар ин аст, ки ҷаҳонро ба тавассути шеъри Турсунзода бишнохтааст. Бозор Собир, ҳар гоҳ ки қалам дар орзуйи эҷоди шеър бардоштааст, рӯйи Турсунзода мисли рӯйи гули офтобгардон дар дидагонаш ба ҷилва омадааст ва ӯрову хомаашро хомӯш-хомӯш гирёндааст:

*Ҳар гаҳе дар орзуйи шеър бардорам қалам,*
*Дар хаёлам рӯйи Турсунзода гардон мешавад.*
*Ҳам маро, ҳам хомаро хомӯш гирён мекунад,*
*Ашки ман, ашки ятими шеър борон мешавад…*

Иддае гиламанданд, ки Мирзо Турсунзода бо он тавонмандиҳое, ки дар умури риёсат ва роҳбарӣ доштанд, боз ҳам дар нисбати суханварон камтаваҷҷӯҳ будаанд. Дар пазириш ба кор, таҳрир ва таҳияи китобҳояшон гӯё кӯмак накардаанд. Мирзо Аҳмадзода ҳамчун муҳаққиқ ва аз зум-

раи ҳамасрони боҳуш ва хушбини устод Турсунзода бо чунин нуктагириҳойи ноҷо мувофиқ нестанд. Масалан, шоир Аҳдиро, ки ҳасудони рӯзгор бар ҷабинашон мӯҳри «муфтӣ», «қозӣ», «унсури бегона» ва ғ. зада буданд ва синну солашон ҳам аз марзи ҳафтод гузашта буд, чӣ тавр метавонистанд ба пойтахт бихонанд ва шомили кори илмиву эҷодӣ намоянд? – мегӯянд М. Аҳмадов. – Ҳамин қадар, ки Турсунзода дасти навозиш ба бағали риши пирони сухангӯй мебурданд ё дили озурдайи онăонро навозиш мекарданд, дар анҷуману маҳфилҳои фарҳангӣ ба пойтахт даъват менамуданд, хамин ҳам дили маҷрӯҳи аҳли қаламро даво мебахшид ва аз Турсунзода ҷасорати вижаро тақозо мекард. Туғрали авҷи сухан ва ҳамтирозон бо ӯ – Зуфархон Ҷавҳарӣ, Садри Зиё, Айниву Аҳдиҳо бештари озору шиканҷаро аз ҳасудону ҷосусон ва муздуру дарюзаҷӯёни дари арбобону амалдорони даври хеш дидаанд, на аз бегонагон! Ҳасудони шоиркуш ҳатто хори чашми оламбини Ҳофизи шӯҳраи даҳр будаанд, ки нафринашон хондааст:

*Ҳасад чӣ барӣ, эй сустназм, бар Ҳофиз,*
*Қабули хотиру лутфи сухан худодод аст.*

Аҳдӣ, иброз намуданд Мирзо Аҳмадов, аз арҷмандоне чун устод Турсунзода розиву сарфароз буданд. Рӯҳи Туғрали шаҳид ва дигар бузургони адабиётамон низ дар охират дастгирашон хоҳад буд.

Зулмситезӣ ё муқовимати адибон ва адабиёт алайҳи золимони аср дар ҳама давру замон меҳвари аслии кандуков ва пажӯҳишҳои аҳли таҳқиқ будааст. Мирзо Аҳмадов дар чандин дастоварди пурарзиши илмии худ, аз ҷумла дар монографияи «Дарвеши Деҳакӣ» (нашриёти «Дониш», 1967), «Насри ахлоқӣ ва тарбиявии Ҳусайн Воъизи Кошифӣ» (қисми як, нашриёти «Наҷот», 1994, қисми ду, ҳамин рисола, нашриёти матбаайи аввали ш. Душанбе, 1994), «Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ аз нигоҳи Ҳусайн Воъизи Кошифӣ» (нашриёти «Маориф ва фарҳанг», 2006), Меъёрҳои ахлоқӣ дар «Одоб-ул-асҳоб»-и Мавлоно Фахрид-

дин Алии Сафӣ (маҷаллайи «Ҳаёт ва қонун», шуморайи 6, с. 2006) ва дар дигаре аз осори илмӣ ва методии эшон жарф ва амиқ арзёбӣ гардидааст.

Профессор М. Аҳмадов дар таҳқиқу таҳлили осори ахлоқӣ ва ирфонии Ҳусайн Воъиз чун ғаввоси ҳушманд ғӯтавари дарёйи пурвусъати афкору андешайи ин зуфунуни қарни понздаҳ мегарданд ва худ таъкид мекунанд: «Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик нависандаеро пайдо кардан муҳол аст, ки аз ҷиҳати микдор ва фаро гирифтани масъалаҳои панду ахлоқӣ ҳамсанги Ҳусайн Воъиз бошад» (ниг. М. Аҳмадов. Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ, саҳ. 7)

Устод муҳимтарин масъалаҳоеро, ки Воъиз дар таҳқиқи онҳо бо андешаи жарф ғӯтавар гаштааст, мавриди баррасӣ қарор дода, онро шартан ба ду бахш тақсим намудаанд: а) ахлоқи иҷтимоӣ ва сиёсӣ; б) масъалаҳои ахлоқи фардӣ.

Чунонки дар боло ишора намудем, мавзӯи давлат ва давлатдорӣ ва сарзаниши подшоҳи золим меҳвари аслии пажӯҳиш дар осори Ҳусайн Воъиз буда, муҳаққиқ дар таълифоти хеш таваҷҷӯҳи хосе ба ин масъала доранд. Аз нигоҳи бузургтарин арбобони сухан, шоҳи одил ва оқил сутуни аслии давлат ва давлатдорист. Бақойи миллат ва бисоту ҳастии ҷомеа ба тавонмандиҳойи ақлонии подшоҳ ва атрофиёнаш бастагӣ дорад. Дар осори қабл аз исломии мутафаккирони тоҷику форс ва пас аз вуруди ислом дар андеша ва тафаккури навобиғи тавоное чун Фирдавсии покзод ва Саъдиву Ҷомӣ ин мавзӯъ дар ҳадди олӣ инъикос ёфтааст. Фирдавсӣ хирадварзии шоҳро дар ҳамайи достонҳойи «Шоҳнома»-и безавол ба наҳви аҳсан васф намудааст. Чунончи:

*Хирад бояд андар сари шаҳриёр,*
*Ки тезию тундӣ наояд ба кор.*
*Хирад раҳнамою хирад дилкушой,*
*Хирад даст гирад-т ба ҳарду сарой.*

Саъдӣ алайҳиррраҳма подшоҳи кофир, аммо одилу раиятпарварро аз ҳамтойи мусалмон, вале золими ӯ бадтар мешуморад ва ба андешайи ин ҷаҳонгарди донишманд, давлат метавонад бо куфр пойдор бимонад, аммо бо зулм не. Мав-

лоно Абдураҳмони Ҷомӣ мақоми шоҳи одилро ба ҳадде боло бурдаанд, ки Искандар аз нигоҳи эшон ва иддайи зиёде аз гузаштагони илму адаби мо шоҳи идиалӣ ва ормонист. Ҳатто ӯро, ки дар таърих разилу ҷаҳонхоре беш нест, Ҷомӣ вориди кишваре менамояд, ки он ҷо ҳама баробару бародаранд ва дар он кишвар на шоҳе ҳузур дораду на гадое. Домани ин мавзӯъ дар адабиёти мо бисёр пурвусъат аст. Суоле пеш меояд, ки Мавлоно Ҳусайн Воъизи Кошифӣ дар осори пурвусъату воломақоми хеш роҷеъ ба мавзӯъи зикршуда чӣ дидгоҳе дорад? Дар суханрониҳое, ки ин нотиқи баландовоза аз минбарҳои вазъ ва ҳузури ҳазорҳо тан аз шогирдону устодони даврони хеш ироа мекард, сухани ӯ рӯйи ин масъала чи таъсире ва чи тафовуте аз пешиниён дошт? Осори катбии Воъиз оё ақидаву андешайи тозае ба қалбу шуури инсонҳо расондааст ё на?

Доктор Мирзо Аҳмадов зимни мутолиа ва баррасии мудовим ва пурарзиши хеш ба пурсишҳои боло дар рисолайи «Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ» посуххҳои комил ва сутуданӣ гуфтаанд ва эшон бар ин ақидаанд, ки Ҳусайн Воъиз дар ибтидойи фаъолияти нависандагияш роҷеъ ба сурату сирати подшоҳи одил анъана ва суннатҳойи пешиниёнро идома додааст. Яъне, шоҳ агар одил бошад, мамлакат obод ва раъият шод аст ва баръакс, ҳама хоробӣ, нокомӣ ва фисқу фасод аз наҳсонияти подшоҳи худкомаву золим ҷомиаро ба табоҳӣ мекашад. Ё ба фармуди масали мардумӣ:

*Бод агар аз қибла хезад, сахт борон мешавад,*
*Шоҳ агар одил набошад, мулк вайрон мешавад.*

Дар нахустин асари насрии Воъиз муҳақиқ чунин ишораҳоро ба мушоҳида гирифтаанд, ки ин рисола «Аррисолат-ал-алийя» унвон дорад. Мирзо Аҳмадов зимни омӯзиш ва таҳлилҳойи амиқи илмӣ чанд бартарии дидгоҳҳои Ҳусайн Воъизи Кошифиро дар қиёс бо таълифоти шоирону орифони пеш аз рӯзгори ӯ мӯшикофона таҳқиқ кардаанд ва ба чунин натиҷа расидаанд:

1. Воъиз дар масоили давлат ва давлатдорӣ фақат дар

оғози роҳи эҷодӣ ва он ҳам дар рисолаи «Ар-рисолат-ал-алийя» роҷеъ ба мавзӯъи мавриди баҳс ба умумиятгӯйӣ роҳ додааст.

2. Умумигӯийи ӯ нисбат ба мутақаддимин ва муосиронаш тафовут дорад.

3. Рӯйи мавзӯъи шоҳи одил ва идиалӣ гузаштагони мо бахшҳои ҷудогонаеро дар осорашон тахассус додаанд, аммо Воъиз бахши умдае аз таълифоти доманадори хеш, аз ҷумла ду китоби комил ва пурмӯҳтаво: «Анвори Суҳайлӣ» ва «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-ро маҳз ба ҳамин мавзӯъ тахассус додааст. Фасли шашуми «Ар-рисолат-ал-алийя» аз оғоз то анҷом ҳовии ҳамин масъала аст.

Муҳассиноти ҷолибе, ки устод Мирзо Аҳмадов зимни қиёс ва таҳқиқу баррасии осори Воъиз бо таълифоти мутақаддимин ва ҳамасрони ӯ дарк карда ва ба он ишора намудаанд, ин аст: дар умури давлатдорӣ шоҳшиносону носиҳону мамдуҳони ӯ танҳо умед ба хирад ва тараҳҳуму адлу инсофи шоҳро доранд. Гӯё рушди ҷомиа, шукуфойӣ ва болоравии сатҳи иқтисоду илму фарҳанг танҳо марбут ба ақлу дониш ва виҷдону имони шоҳаншоҳ аст ва дар ин замина дар адабиёти мо, мутаассифона, шоирони риёкору маддоҳе ҳам будаанд, ки ҳафт қурси осмон зери пойи қизиларслонҳо партофтаанд! Таъкиди пажӯҳишгари осори гаронмояйи Воъиз устод М. Аҳмадов, ки солҳойи сол фаъолияти илмии худро нисори он намуданд, ин аст, ки Ҳусайн Воъизи Кошифӣ дар пойдории давлат ва ризояти раъият аз ҷомеа танҳо ба нирӯйи ақлонӣ ва адлу инсофи як тан, яъне фақат шоҳ иттико намекунад. Дар замири мунири Воъиз ҳикмати басо содда, аммо арзишмандеро мехонем. Яъне: «як гул баҳор нест». Ё ба таъбири устод Мирзо Турсунзода:

*Қалъа аз як пояйи девор нест,*
*Боғ ҳам аз як буни пурбор нест.*
*Рӯйи олам дидан – одам дидан аст,*
*Неку бадро дар ҷаҳон санҷидан аст…*

Дастовардҳои илмии кошифишиноси гиромӣ М. Аҳмадов

мабнӣ бар он аст, ки устод андешаҳойи бартар ва ҳакимонайи Воъизро рӯйи мавзӯъи хирад ва ақлу инсофи атрофиёни шоҳ ба риштайи таҳрир кашидаанд. Яъне раҳбар дар чӣ муҳитеву фазое ба маснади ҳукмронӣ нишастааст? Мулозимону атрофиёни ӯ оё аз мояи хирад, адлу инсоф ва дигар муқаддасоти исломӣ ва инсонӣ баҳрамандананд? Онҳо бо машвара ва саъю талоши хеш чӣ саҳме дар ғановати хазинаи давлат ва беҳбуди умури давлатдорӣ мегузоранд? Ин вазирон, ин мушовирону муфтиёну қозиён ва афроде, ки зоҳиран камар дар хидмати халқу Худой барбастаанд ва перомуни амир ҷамъ омадаанд, оё шоистагии маъмурият ва давлатдориро доранд? Агар мулозимони шоҳ бебаҳра аз неъмати истеъдоду инсофанд ва манофеъ ва нафси аммораи хешу наздикони хешро болотар аз нафъи раъият ва меҳан медонанд, пас ҳақ ба ҷониби Саъдӣ алайҳирраҳма аст, ки фармуда:

*Хона аз банду бех вайрон аст,*
*Хоҷа дар фикри нақши айвон аст!*

Устод Мирзо Аҳмадов ин вижагии осори аллома Ҳусайн Воъизи Кошифӣ ва бартарии ақлу андешайи ӯро дар қиёс бо қаламкашони пешин ва ҳамасрони ӯ якояк баршумурдаву таҳлил карда, ба чунин натиҷа расидаанд: Воъиз дар адойи вазифа масъул ва мунсиф будани атрофиёни шоҳро бо далоили қотеъ гӯшзад намуда, ба онон роҳи мустақиму дурусти давлатдорӣ ва масъулиятшиносиро нишон додааст ва гаштаву баргашта исрор намудааст, ки рисолаҳойи ба хуни дил иншо намудаашро давлатмардон ҳамчун барнома ва дастури кори хеш пеши рӯ дошта бошанд, аз онҳо бо чашми хирад баҳра гиранд.

Адиби ҳикматгӯ ва воъизи тавоно ҷиҳати тақвияти андешаҳойи пандозмӯзи хеш аз ояҳойи осмонии Қуръони азимушшаън ва аҳодиси набавӣ дар ҳадди матлуб истифода менамояд, то ки бар дилу зеҳни мухотабаш бештар муассир оянд. Дар рисолайи «Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ» аз забони Воъиз омадааст: «– Ҳар фақире, ки аз тоби офтоби зулм ва ҳарорати шӯълайи ситам сӯхтаву гудохта шавад, бо-

яд бар адлу ройи подшоҳи одил паноҳ ёбад».

Воъиз бо иттико ба фалсафа ва ақоиди динӣ шоҳро ба чунин андеша вомедорад:

«– Адли яксоатии подшоҳ аҷру савоби ибодати шастсоларо дорад».

«– Адлу инсоф чун аз миён бардошта шавад, зулму ситам, қаҳту вабо, фисқу фуҷур, зинову риё авҷ гирад».

Нависанда андешаҳои дилписанди хешро, ки дар таҳқиқоти устод Мирзо Аҳмадов таҳлили амиқ ёфтаанд, гоҳо ба сурати шеър даровардааст:

*Шоҳи ҷобир зи мулку дин танҳост,*
*Ҷон ба таъсири адл дар танҳост.*
*Адл машшотаест мулкорой,*
*Адл ромишгарест ҷонафзой.*
*Адл кун, з-он ки дар вилояти дил,*
*Дари пайғамбарӣ занад одил.*

Муаллифи рисолайи «Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ» аз осори илмӣ ва адабии ниёконамон то чӣ ҳад бархурдор будани Воъизро низ дар мадди назар гузоштаанд. Ба вижа огоҳиҳойи нависанда аз «Шоҳнома»-йи безаволи Фирдавсӣ ва истифода аз абёти ҳакимонайи пири равшанзамири Тус аз сӯйи Ҳусайн Воъизи Кошифӣ бисёр муносиб ва муассир афтодааст. Хамчунин андарзҳо аз «Гулистон»-и бехазони Саъдӣ ва намунаҳо аз осори бузургони дигар маънийву мӯҳтавойи рисолаву ҳидоёти дилпазири Воъизро гуворотар намудааст.

Бахши азиме аз рисолайи таҳқиқотии устод М. Аҳмадов, чуноне ки қиблан ишора намудем, бархостани адиб дар ҳимояти мазлумон ва ҳушдор ба шоҳи золимро дар бар гирифтааст. Ҳикоятҳои рез ва ибратомӯзе ба таври мӯъҷазу фишурда ҷиҳати тақвияти андешайи илмӣ матраҳ гардидаанд. Мирзо Аҳмадов аз асли ҳаштуми рисолайи «Анвори Суҳайлӣ» ҳикояеро ба сурати зайл овардаанд ва нақд кардаанд: пиразане дар ҷавори подшоҳе кулбайи фақирона дошт. Подшоҳро ин пиразану кулбааш хуш наомад ва дар ғайби

кампир хонаашро барандохт ва ба қасри худ дохил намуд. Бар асари дуъову нолайи пиразан рӯзе тамоми кӯшку қасри подшоҳи золим фурӯ рафт ва ба замин яксон шуд.

Воъиз дар поёни қисса ба подшоҳи хонабарадоз рӯй меорад ва ҳушдор медиҳад ӯро:

*Гар тири ту зи ҷавшани фӯлод бигзарад,*
*Пайкони оҳ бигзарад аз кӯҳи оҳанин.*

Андешаву афкори гуманистии Воъиз дар таълифоти панду ахлоқии ӯ аз ҷойгоҳи баланде бархурдор аст. Доктор М. Аҳмадовро чунин вижагии ин осор бештар ҷалб намудааст ва мавзӯъи мавриди баҳс дар таҳқиқоти устод қобили зикр аст. Хидмат ба волидайн, эҳтиром ба устоду мураббӣ, раҳму шафқат ба арҷмандону пайвандон, дастгирии дарвешону фақирон, умуман ҳеҷ яке аз масоили башардӯстӣ дар андеша ва афкори Воъиз аз нигоҳи таҳқиқии Мирзо Аҳмадов дур намондааст.

Золим на танҳо касест, ки даст ба тороҷи амволи мардум мезанад ва бо зарбу шатм ва теғи забон ҷисму рӯҳи инсонҳоро ҷареҳадор месозад, балки нодида гирифтани вазъи нобасомони иҷтимоъӣ ва кӯрмол-кӯрмол гузаштан аз канори беваю бечорагон ва фақирону мазлумон низ нишоне аз зулм ва золимист. Муаллифи рисолайи «Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ» иқтибоси ҷолибе дар ин хусус аз «Анвори Суҳайлӣ» меоранд: «Нашояд ту анвоъи атъимайи (таъоми) лазиз бихӯриву ӯ (фақир) бар хони меҳнат ҷуз хуни ҷигар нахӯрад». Яъне:

*Эй, ки бар маркаби тозанда саворӣ, ҳуш дор,*
*Ки хари боркаши бодия дар обу гил аст.*
*Оташ аз хонайи ҳамсояйи дарвеш махоҳ,*
*К-он чӣ бар равзани ӯ мегузорад, дуди дил аст.*

Пас аз шарҳу табсарайи нукоту абёти боло, муҳаққиқ раванди мавзӯъи зулмситезӣ дар осори Ҳусайн Воъизи Кошифиро мавриди канду кови бештар қарор медиҳад ва тамсили

зебое аз нависандае меорад, ки зикраш ин ҷо низ судманд аст (мазмунан ва бисёр фишурда): Рӯзе Исо (а) аз гӯристоне мегузашт ва гӯреро дар коми оташ диду гӯршударо дар азоби алим. Дуое кард ва Худо ӯро зинда гардонд. Исо (а) сабаби азобро пурсид. Он шахс ҷавоб дод, ки дар зиндагӣ ним дирам аз ҳаққи ятимеро хӯрдаст ва акнун сесад сол (!) аст, ки дар оташи ин гуноҳ месӯзад.

Чунон ки М. Аҳмадов шарҳ додаанд, ин ҷо таъкид танҳо рӯйи мавзӯъи ним дирам нест, балки бархостан ва камар барбастани аҳли ҷомеъа дар дифоъи бечораву бенавоён ва ҷустани роҳи раҳоийи онон аз ҷабри панҷайи золимон аст.

Агар дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Ковайи диловар алайҳи Заҳҳоки палиди мағзкуш қиём мекунад ва дирафши мубориза ҷиҳати нобудии ӯ баланд менамояд, ин танҳо ҷасорат ва таҳамтанийи оҳангари пири ҳаждаҳ писар ба кому гулӯйи морон нисор карда нест, балки таҳрик, тарҳрезӣ ва барпо кардани ин қиём – қиёмии озодӣ алайҳи истибдод, набарди мардонагӣ бар зидди ғуломӣ бо таҳрику талоши ҳакими Тус аст, ки дар офариниши ҳамосаҳойи дод сарири суханварони дунё мебошад. Фирдавсӣ аз ҷон гузаштанро дар роҳи наҷоти кишвар аз юриши бегонагон авлотар аз зиндагӣ медонад:

*Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,*
*Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.*

Дар достони Кайхусрав, ки подшоҳии ӯ ҳаштод сол идома кардааст, эрониён як рӯзро бидуни ҷанг ба сар набурданд ва саранҷом Кайхусрав интиқоми хуни ба ноҳак рехта шудайи падарро аз Афросиёб ситонд ва тахту тоҷро канор гузошта, ғайб зад. Яъне омада буд ба дунё, то алайҳи бедод ситезад, интиқом аз душмани номард бигирад, адолати сиёсиро дар рӯйи замин барқарор бинамояд – ин аст ҳадафи Кайхусрави Сиёвуш аз подшоҳиву ҳукмравойӣ ва зиндагияш дар арикаи қудрат ва дар рӯйи замин.

Чунин рӯҳияйи ғурурафзой ва ситезайи тунд бар зидди зулму золимонро дар баъзе аз ҳикояҳойи «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдӣ низ хондаем, ки дар ин хусус дар

саҳифаҳои қаблии навишторамон ишораҳойи муфассале матраҳ шуд. Шарораҳойи шеъру достонҳойи муқовимат ва пойдорӣ дар адабиёти форсӣ дар қарнҳои понздаҳ ба баъд, мутаассифона, андак ба назар мерасад. Сарзаминҳойи рашкбарангези Хуросон (Осиёи Миёнаву Афғонистон) ва Эрон аз се-чаҳор қарн пеш ба ин тараф ҳамвора ҳайҷову майдони хунин миёни сокинони бумӣ ва мутаҷовизини ишғолгар будааст. Агар ҳамлайи балшивизми русро дар қарни бисти милодӣ сарфи назар намоем, ҳуҷуми муғулон ба меҳани аҷдодии мо аз асафбортарин доғҳойи таърих аст; яъне «сӯхтанд, куштанд ва бурданд». Аммо ғорат ва турктозии зодагони Чингиз, ки ҳатто дили тапанда ва хомохоми тифли тоҷикро дар Ҳирот балъиданд ва дар Нишобур на танҳо одамон, балки сагу гурбаеро зинда нагузоштанд, аз чашми хунполойи муаррихин пинҳон намонда бошад ҳам, шоирону нависандагони мо дар ин замина осоре кӯбанда ва инқилобӣ алайҳи ҷаллодони хуношом кам гуфтаанд, ба ҷуз Сайфии Фарғонии фаромӯшшуда дар зодбуми хеш, ки беибо тозиёнайи таъну маломат бар сари ишғолгарони муғул мебо占над ва фошофош мегӯяд:

*Ҳам марг бар ҷаҳони шумо низ бигзарад,*
*Ҳам равнақи замони шумо низ бигзарад.*
*Бар теғи ҷабратон зи таҳаммул сипар кунем,*
*Ҳам тезии синони шумо низ бигзарад.*
*Ин давлат аз касон ба шумо, нокасон расид,*
*Давлат зи нокасони шумо низ бигзарад.*
*Дар дашт ғурриши шеру паланг намонд,*
*Ин аваи сагони шумо низ бигзарад.*

Маъонӣ ва мӯҳтавойи фишурдайи осори дар боло зикршударо устод Мирзо Аҳмадов бо «Ахлоқи Мӯҳсинӣ», «Анвори Суҳайлӣ» ва дигар рисолаҳойи ибратбахши Ҳусайн Воъиз қиёс ва таҳлил намуда, аҳамияти илмӣ ва эстетикии дидгоҳҳои Воъиз ва мутафаккири тавоноро ҳамаҷониба арзёбӣ кардаанд. Яке аз бахшҳои муфассал ва газанднопазири «Ахлоқи Мӯҳсинӣ», ки «Дар шуҷоат» ном дорад, ба ан-

дешайи муҳаққиқ, дар рӯзгори мо низ аз аҳамияти худ заррае накостааст ва имрӯз ҳам моро водор мекунад, ки дар умури давлатдорӣ ва ҳифзи марзу буми Ватан шуҷоатро ва ақлро чун беҳтарин сармояйи зиндагӣ ба кор гирем.

Воъиз хирадварзе худотарс, худшинос, даруннигар ва олиме зуфунуну дурандеш аст. Ӯ назди амирзодагони темурӣ аз иззату икроми муносибе бархурдор мебошад ва мушаввиқи бақову пойдории давлати онҳост. «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-ро низ ҳамчун дастуруламали вазирону амирон ба Мӯҳсин Мирзойи темурӣ аҳдо намудааст. Аммо ин хонадон чун аксар хонадонҳойи шаҳаншоҳону «олимақомон»-и эрониву тӯронӣ на танҳо аз дастуроту хирадномаҳойи ба хуни дил иншо намудайи носиҳону ҳакимону файласуфон сабақ наомӯхт, балки аз таҷрибайи оддии зиндагӣ ҳам ҷиҳати ҳифзи давлаташ баҳраманд нашуд.

Бинобар таъкиди Мирзо Аҳмадов, нависандайи даррок ва ҳушманд Воъиз низоъ ва кашмакашҳойи аҳмақонайи дарборро аз як сӯ ва аз сӯйи дигар, зуд-зуд шабохун задан ва кӯшиши қабза кардани қудратро аз ҷониби шайбониёни ӯзбак, беш аз ҳама эҳсос кард. Дар ҳашт боб аз рисолайи «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» ӯ зимни баёни тамсилу ҳикоёт ва андарзҳои малеҳу омӯзанда, шоҳро рукку рост ба саркӯб сохтани душман водор месозад. «Пеш аз вуқӯъи воқеа дар фикри хеш бош» – ҳушдор медиҳад адиб ва байтҳойи зерро ҳусни ихтитоми андешааш қарор медиҳад:

*Ба шуҷоат тавон гирифт ҷаҳон,*
*Ҳар кӣ баддил бувад, чӣ кор кунад?*
*Он, ки ҷуръат намояд андар кор,*
*Хештанро бузургвор кунад.*

Шуҷоат ва мардонагиро бар марг тарҷеҳ додан шевайи зиндагии родмардон аст. Ин андешайи волойи шаҳодатхоҳона дар осори классикони адабиётамон ва ҷаҳон аз ҷойгоҳи рафеъе бархурдор аст. Воъиз мамдуҳи хеш Мӯҳсин Мирзоро дар ашъори фалсафӣ ва ҳикоёти дилнишину ҷаззобаш бо сарнавишти қаҳрамононе ҷовиду намиранда,

амсоли Рустаму Исфандиёр ошно месозад. Ба ақидаи адиб асолати зиндагӣ ва маъниву мақоми он на дар тӯлонӣ зистан ва ғарқ дар нозу неъмат ва молу амволи ҷаҳон будан аст, балки ҳадаф аз умри як инсони вораста, хусусан шоҳу вазиру вакил, ҷоннисорӣ баройи раият ва исору мардонагӣ баройи бақойи миллату меҳани хеш аст. Қаҳрамонони ҳикояҳойи Воъизро дар ин бахш аз рисолаашон устод Мирзо Аҳмадов бо қаҳрамонони «Шоҳнома» ҳамсону ҳамсанг мешуморанд. Ва абёти зер нишони боризе ҷиҳати исботи ин фикр мебошад:

*Маро ном бояд, ки гардад баланд,*
*Ки аз ном гардад касе арҷманд.*
*Ба мардӣ шавад номи озода фош,*
*Чу номи накӯ ҳаст, ҷон гӯ мабош!*

Давлати Темуриён ва охирин сулолаву бозмондагони ин хонадон, ҳарчанд ирқан муғул будаанд, аммо дар асл суннат ва оинҳойи давлатдории нийкони олишонамон – Сомониёнро то охирин рамақ ҳифз карданд. Онҳо, ки билохира, мусалмон ва аз пайравони мазҳаби имоми тоҷиктабори ҷаҳоншумул – Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит буданд, дар Осиёи Миёна, Хуросон (ба вижа дар Ҳироту Кобул) ва гӯшаҳое аз Ҳинд бо тоҷикони бумӣ даромехтанд ва ин васлати афифи хонаводагӣ ба эҷоди дӯстиву муҳаббат ва зуҳури шоҳшуҷоъҳову ҷаҳонгирҳо, мирзоулуғбекҳо, мирзобобурҳову аврангзебҳо ва ҳазорҳо ҷисму рӯҳи тоҷикӣ мунҷар шуд. Хизмати темуриён дар равнақи тамаддуни эронӣ ва густариши илму адаб ва забони малакутии форсӣ ба ҳеҷ ваҷҳ камтар аз сомониён нест. Онҳо ҳатто дар интихоби исм барои фарзандону наберагонашон номҳои тоҷикиро баргузидаанд, ба тоҷикии форсӣ андешидаанд, ба ин забон шоҳасарҳо навиштаанд ва макотибу маҳофилу дорулфунунҳо эҷод кардаанд. Таваҷҷӯҳ ва иродати Мавлоно Ҳусайн Воъизи Кошифиро ба бозмондагони оли Темур шояд яке аз сабабҳо ҳамин аст, ки қаблан баён доштем. Мухотаби асосии Воъиз дар «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» шоҳи ояндаи

мамлакат Мӯҳсин Мирзо аст ва нависанда талоши ҷонкоҳ бар ин дорад, ки ӯро дар рӯҳияи диловариву рӯинтанӣ, ақлмандиву хирадварзӣ, дар маҷмӯъ, шоҳе комил ва омил ба камол расонад, то ки якпорчагии Хуросони бузург ҳифз гардад. Кишвар обод ва шаҳрвандонаш дар амну осоиш ва саодати абад ба сар баранд. Воъиз борҳо шуҷоат ва размоварии ҷангсолорон ва амирзодагонро дар расидан ба аҳдофи олӣ таъкид меварзад. Аз манобеъи дастнахӯрдае чун «Насоеҳ-улмулук» ва амсоли он ба масобайи роҳхати зиндагӣ далел меоварад. Ба тарзи мисол: «Ҷавонеро, ки ӯро адаб нест, чун бӯстонест, ки гул надорад ва соҳибҷамоле, ки ҳаё надорад, чун таъомест, ки намак надорад ва оламгире, ки ӯро ш у ҷ о а т нест, бозургонест, ки мояе надорад».

Ин байти такондиҳанда низ гӯшзаде муносиб ва муассир баройи Мӯҳсини ҷавон, яъне амириояндайи Хуросони пурмоҷаро ва дар ҳоли парокандагӣ аст:

*Подшоҳӣ дар чаман доданд гулро, з-он ки гул*
*Бо вуҷуди нозукӣ аз хор сар бар мекунад.*

Муҳаққиқ ба ин байт шарҳи ростин ва шаффоф навиштаанд, ки фишурдааш ин аст: нависанда баройи он ки душвории ба салтанат расиданро ба шаҳзодайи ҷавон гӯшзад кунад, растан ва аз миёни неши хор қад афрохтани гулро барояш мисол меоварад. Ҳамчунин аз таҷрибайи Искандар ва корбурди тадбирҳояш ҳини лашкаркашӣ қиссаҳо дар миён мегузорад, ки ин ҳама ҳикоёту тамсилот баройи шоҳзодайи ҷавон омӯзандаанд.

Мирзо Аҳмадов ба ду намуд аз шеър ва андешайи муқовимат дар осори Ҳусайн Воъиз таваҷҷӯҳ зоҳир кардаанд:

а) ҳикоя ва шеърҳое, ки дар саркӯбии золимони дохилӣ таълиф гардидаанд;

б) қиссаҳойи мансур ва манзум, ки аз таҳоҷум, ҳамла, зӯргӯийи душмани хориҷӣ ҳокиянд. Эшон ин мавзӯъҳоро таснифу тақсимбандӣ накардаанд, аммо мӯҳтавову равиши кори таҳқиқотиашон ба ҳамин мисдоқ, бо тааммул ва жарф

сурат гирифтааст. Дар ҳарду ҳолат ҳам, таълифоти Воъиз ҳоизи аҳамияти вижа мебошад ва устод М. Аҳмадов мавзӯъ ва масоили мавриди назарро дар маркази диққат қарор додаанд.

Пояи ҳама гуна зулм бебақост, хоҳ аз дохил сар занад, хоҳ аз хориҷ ва золим бо ин амали нораво теша бар решайи хеш хоҳад зад – ин аст натиҷайи ниҳоийе, ки аз таълифоти Воъиз ва таҳқиқи осори ӯ бармеояд. Афзун ба он чи ки зикр ёфт, дар рисолайи «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» омадааст, ки шоҳро зарур аст ҳамвора талошҳойи раиятпарварии хешро тақвият бахшад, шароити мусоиде баройи рифоҳу озодии онон ба вуҷуд оварад, зеро ҳамин раият, ҳамин тӯдаҳойи мардуманд, ки зарурате пеш ояд, дар дифоъи ватан бар алайҳи истилогарон сина сипар мекунанд ва бар акс, онҳо қодиранд ҷиҳати вожгун сохтани тахту тоҷи шоҳи золим дирафши ковиёнӣ баланд кунанд.

Мирзо Аҳмадов ҳини таҳлил ва таҳқиқи боби бисту ҳафтуми асар ишораҳо бар маҳдудияти андеша ва ҷаҳонбинии нависанда менамоянд: «ҳамчун мамдуҳи як нафар шоҳзодайи беистеъдод, ки дар таърих ягон роли муайяне набозидааст», галояе пеш меоранд аз Воъиз, вале пасонтар чархиши дигаре дар зеҳни муҳаққиқ пеш меояд ва эшон комилан дуруст дарк кардаанд, ки пайкони сухани ибратомӯзи нависанда дар ҳар заминае, ба хусус, дар масоили давлат ва давлатдорӣ на танҳо шоҳзодайи ҷавон Мӯҳсин Мирзоро ба нишон гирифтааст, балки дархури ҳама давру замонҳост ва пандномае баройи ҳама шоҳону сарону моликон аст.

Аз назари вусъати андеша ва фарогирии мавзӯъоти мутааддид осори Воъизро, ки чоряк аср аз умри гаронмояйи хешро профессор Мирзо Аҳмадов ба пажӯҳиши он бахшидаанд, метавон доиратулмаорифе мамлу аз ҳикоёти дилпазир ва ашъори ҳакимона номид. Воъиз суннатҳо ва ойинҳои истифода аз мазомини осори ирфонӣ, андешаҳойи аҳли тасаввуф ва ба хусус, корбурди ояҳойи осмонии Қуръони маҷид ва аҳодиси набавиро ба наҳви аҳсан ба ҷо овардааст ва муаллифи рисолайи «Ахлоқи хамида ва дастури

давлатдорӣ» ишораҳое ба ин қабил аз муҳассиноти таълифоти ӯ кардаанд. Доктор Абдулҷаббори Кокойӣ (Эрон) дар ин маврид дар рисолайи пурмӯҳтавойи хеш «Баррасии татбиқи мавзӯъоти пойдорӣ дар шеъри Эрон ва ҷаҳон» (Теҳрон, с. 1385 хуршедӣ, саҳ. 86) ба зарурат ва зебоийи чунин наҳвайи нигориш таъкид варзида, гуфтааст: «истифода аз ривоят, оёт ва мутуни муқаддаси динӣ ва мазҳабӣ аз ваҷҳайи аслии тамойизи адаби муқовимати Эрон ва ҷаҳон аст».

Яке аз ҷанбаҳои вижа ва ниҳоят муҳим ва ҳоизи аҳамият, ки доктор М. Аҳмадов иқдом намуданд, дар рӯзҳойи бурузи ҷанг ва сулҳи тоҷикон (1992-1997) рӯй овардан ба таҳқиқ ва нашри осори сабақомӯзандайи Ҳусайн Воъизи Кошифӣ дар заминаи давлат ва давлатдорӣ мебошад. Дар ин росто рисолайи «Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ»-ро метавон ганҷинае ва барномае пурарҷ ҷиҳати таҳкими ваҳдати миллӣ ва истиқлоли давлати озод ва ҷавонбахти тоҷикон номид, ки ин мавзӯъ пажӯҳиш, таҳқиқ ва баррасии муфассалеро тақозо дорад, ки иншоаллоҳ, дар оянда иқдом ба он хоҳем кард. Ва аммо дар ин навиштор баррасии фишурдае рӯйи монографияи М. Аҳмадзода «Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ» (аз нигоҳи Ҳусайн Воъизи Кошифӣ), ки дар соли 2006 интишороти «Маориф ва фарҳанг» ба чоп расонда буд, анҷом пазируфт. Ҳарчанд монографияи зикршуда чун осори гаронмоя ва доманадори Ҳусайн Воъиз масъалаҳои зиёдеро дар бар дорад, мо бештар рӯйи мавзӯъи давлатдорӣ ва ҳифзи аркони давлат аз дидгоҳи нависанда ва таҳқиқоте, ки устод М. Аҳмадов дар ин бора ба субут расонданд, таваққуф намудем, зеро мавзӯъи мавриди назар аз ҳар лиҳоз ҳоизи аҳамияти бузург аст. Роҷеъ ба паҳлӯҳойи гуногуни насри ахлоқиву бадеъийи Кошифӣ доктор Мирзо Аҳмадов ҳамчунин чаҳор китоби пурмӯҳтаво навишта, ба чоп расондаанд, ки унвони онҳо дар феҳристи мухтасари осори илмии номбурда дар охири ҳамин маҷмӯъа дарҷ гардидааст. Дар соли 1967 монографияи «Дарвеши Деҳакӣ»-ро нашр намуданд (интишороти «Дониш»).

Як ришта аз таҳқиқоти М. Аҳмадов ба фаъолияти адабии

Мавлоно Алии Сафӣ (фарзанди Ҳусайн Воъизи Кошифӣ), ба вижа, ба рисолайи «Одоб-ул-асҳоб»-и ӯ равона гардидааст ва муаллиф дар матбуоти рӯз дар ин бора якчанд мақолаҳойи илмӣ чоп карданд. Бо ибтикор ва эҳтимоми профессор М. Аҳмадов намунае чанд аз ғазалиёти шоироне чун Дарвеши Деҳакӣ, Осафии Ҳиравӣ, Аҳмад Мираминзода, порае чанд аз китобҳойи ахлоқии «Анвори Суҳайлӣ», «Бадоеъ-ул-афкор», «Нафаҳат-ул-унс» ва ғайра аз тариқи моҳномаҳойи мӯътабари ҷумҳурӣ муаррифӣ гардид. Дар Доиратулмаорифи Шӯравии тоҷик ва чандин маҷмӯаҳойи дастҷамъӣ метавон бо мақолаҳойи бешумори илмӣ ва илмиву методии устод ошно шуд.

Фаъолияти М. Аҳмадов дар илми матншиносии мо низ қобили зикр аст. Афзун ба китобҳойи дар боло зикршуда, дар соли 1968 аз тариқи нашриёти «Дониш» маҷмӯайи «Ашъори мунтахаб»-и Шавкати Бухоройиро таҳия ва нашр намуданд. Дар ҷунгу тазкираҳойи «Дурдонаҳойи наср» (1991), «Гулшани адаб», ҷилдҳойи як ва ду (1975) зиндагиномайи мухтасар ва намунайи насри классик ва осори Адиб Собири Тирмизӣ, Убайди Зоконӣ ва ғайраро ба чоп расонданд. Дар тадвину тасҳеҳ ва вироиши чандин рисолаҳойи пурарзиш ва маҷмӯаҳойи илмӣ, аз ҷумла дар рисолаҳойи гаронбаҳое чун «Замони Рӯдакӣ» (1958), «Мирзо Асадуллоҳи Ғолиб» (1965), «Чанд мулоҳизаҳойи адабӣ» (1973), «Барномаҳо барои донишгоҳҳои омӯзгорӣ» (1983) ва амсоли ин мо бо имзойи мубораки ин донишманди закӣ ва нуктасанҷ дучор омадаем, ки ҳама дар маҷмӯъ, нишоне аз заҳмати мондагори устоданд ва ин ҳам дар ҳолест, ки беш аз 50 соли умри бобаракаташон дар Донишгоҳи омӯзгорӣ, дар тадрис ва таълими шогирдон сарф гардид.

Одамият, фурӯтанӣ, одоби олии инсонӣ ва исломӣ ва зиндагии поку беолоише, ки Худованд ба профессор Мирзо Аҳмадов эҳдо намуд, мавзӯъи достонҳойи алоҳидаест ва ҳадиси ин ишқ, ба фармуди Ҳофизи лисонулғайб дар дафтар нагунҷад…




*«Кӯҳкане аз користони дил» – рисолаи М.Шукурзода ва гулчини ашъори Аҳмад Маҳвӣ (Аҳдӣ), ки дар соли 1999 дар Теҳрон ба табъ расид.*

## *БАХШИ ДУВВУМ:*

# КӮҲКАНЕ АЗ КОРИСТОНИ ДИЛ

*Чӣ користон, ки дорӣ андар ин дил,*
*Чӣ бутҳо менигорӣ андар ин дил.*
*Баҳор омад, замони кишт омад,*
*Ки дона то чӣ корӣ андар ин дил.*
*Ҳиҷоби иззат ар бастӣ ба берун,*
*Бағоят ошкорӣ андар ин дил.*
*Дил аз афлок агар афзун набудӣ,*
*Накардӣ маҳсаворӣ андар ин дил.*
*Аҷоиб бешае омад дил, эй ҷон,*
*Ки ту мири шикорӣ андар ин дил.*
*Зи баҳри дил ҳазорон мавҷ хезад,*
*Чу гавҳарҳо биёрӣ андар ин дил...*
(Аз девони Шамси Табрезӣ)

Таърихи Бухороро донандагони роз гӯё бо хун навиштаанд. Ин сарзамин баъд аз ғуруби асри заррини Сомонӣ дар ҳар давру замоне макони юриши лашкари бегона қарор гирифтааст. Пас аз гузашти чанд сада аз ҳуҷуми муғул, дар оғози қарни бист болшевикҳо ба ин диёр сарозер шуданд ва дар баробари хисорати сангини ҷонӣ ва молӣ ба фарҳанг ва мазҳабу забон ва суннатҳои мардуми бумӣ латмаҳо ворид карданд...

Даҳҳо тан аз ворисони Бӯалӣ ва Носири Хусрав ва Камоли Хуҷандӣ... чун ин ниёкони некмаҳзарашон ба ночор ҷилои ватан намуданд. Теъдодеро хуни ноҳақ ба замин рехт ва гурӯҳе ҳам дучори зулму зиндон ва дарбадарӣ гардиданд, ки қаҳрамони ин гуфтори мо шоир ва орифи мумтоз ва марде муттақӣ ва фақеҳ муфтӣ Муллоаҳмади Мираминзода дар ҳамин шумор аст. Эшон дар даврони салтанати амир Олимхон – охирин сулолаи хонадони қабилаи манғит, шоҳиди 75 чӯб задани ҷаллодони амир ба тахтапушти дӯсти айёми донишомӯзиаш аллома Садриддин Айнӣ гардид. Намози

ҷанозаи Туғрали Аҳрориро, ки сарбозони болшивик бо бо-
рони тир оғушта ба хун карда ва намегузоштанд, ки шаҳиди гулгункафанро ҳамдиёронаш ба хок супоранд, эшон хонд. Хабари дар зиндони коммунистӣ ҷон супурдани мутафаккири барҷаста ва қозиюлқуззоти Бухоро Шарифҷон Махдуми Садри Зиёро дар кӯҳистон шунида, ашки ҳасрат аз дида рехт ва то поёни умр боз талхии чандин мусибатҳои дигарро чашид. Ба фармуди Ҳофизи бузург:

*Фалак ба мардуми нодон диҳад зимоми мурод,*
*Ту аҳли фазливу дониш, ҳамин гуноҳат бас.*

Муллоаҳмад Мираминзода ва садҳо тан аз ҳамсолони фозил ва донишманди он бузургвор замоне, ки аз партави илму ирфони исломӣ баҳравар гардида, ба камол расиданд, яъне мадраса ё донишгоҳи олии исломиро дар Бухоро ба поён бурданд, тӯфони ҷаҳлу хушунат ва ҷангу ҷидол дар ин диёр бедод мекард. Бухороро ғосибон ба тӯп бастанд. Мадориси диниро вайрон карданд, китобҳои аз Имом Бухорӣ, аллома Сино ва Носири Хусрав ва Саъдӣ ва Ҳофиз ба ёдгор мондаро якҷо бо китобхонаҳои мӯҳташам оташ заданд. Юриши коммунистӣ, ба вижа бар зидди рӯшанфикрон шиддат гирифт. Теъдоде кушта шуд, як иддаро ба дурдасттарин гӯшаҳои Сибир бадарға карданд, боқимондаро ба зиндон бурданд... Гуноҳашон ин буд, ки аҳли фазлу дониш буданд. Писари муфтӣ донишманди фарзонаи тоҷик, устоди донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон, доктор Мирзо Аҳмадзода дар ёддоштҳои худ фишурдае аз ин фоҷиаро зикр намуда навиштааст, ки дар замони авҷи бесарусомониҳои солҳои сии қарни бист, Мираминзодаи шоирро ду бор бо «ҷурм»-и мулло будан ба зиндон андохтанд ва ҳамин нукта дар моҳномаи мӯътабари Тоҷикистон «Садои Шарқ» низ таъкид гардидааст: Дар солҳои 1932-1933 ӯро ду маротиба «мулло» гӯён ба ҳабс мегиранд.[1]

[1] Аҳмад Мираминзода. Назми дурустам доданд, Садои Шарқ, шумораи 6, 1990, саҳ. 70.

Қабл аз он ки ба муаррифӣ ва баррасии осори «ин симои дурахшони маънавӣ ва мазҳабӣ дар водии Зарафшон»[1] бипардозем, бо истифода аз нақлу хотироти ҳамдиёрон ва навиштаҳои муҳаққиқону донишмандони диёр кӯшиш менамоем, ки баъзе аз саҳифаҳои заррини китоби мутафаккири арҷмандро варақ бизанем ва зикри хайре аз фазилатҳои олии эшон ба амал оварем.

Мегӯянд, ки муфтӣ сарфи назар аз мансабу мартабаи шоистае, ки дошт, аз хоксортарин мӯъминони замони худ маҳсуб мешуд. Ба хурду бузург муносибати яксон дошт ва кӯшиш мекард, қабл аз мусоҳибаш ба ӯ адои салом намояд, чӣ кӯчак бошад, чӣ бузург, дар дидорбинӣ ва аёдати беморон таъхир намекард, ҳар мусофире, ки аз сафар бармегашт, аввалин шуда ба зиёраташ мерасид. Мисли нури чароғ маҳфилро зеб медод ва дар баҳсҳову баррасиҳои омиёнаву олимона аз Қуръони маҷид ва осори мӯътабари донишмандони ислом санад оварда, ҳамсӯҳбатонро қонеъу шод менамуд ва ба бурузи ҳар гуна фитна ва иғво ҳеҷ гоҳ роҳ намедод. Муҳимтар аз ҳама, бар хилофи иддае аз муллоёни мутаассиби Бухоро, аз падида ва пешрафти илму фанни замона бо хушнудӣ истиқбол мекард.

Чуноне дар «Донишномаи фарҳанг ва адаби форсӣ» (саҳ. 857) зикр ёфтааст, Муллоаҳмад Мираминзода аз ҳамдарсони устод Садриддин Айнӣ дар мадрасаи Бухоро буд ва бинобар нақли падарам, ки дар соли 1991 дар синни 83-солагӣ аз ҷаҳон чашм пӯшид, дар баъзе аз маҳофил ва меҳмониҳо касоне, ки аз устод Айнӣ шинохти дуруст надоштанд, аз ӯ бадгӯӣ мекарданд ва ё сабаби ба хидмати шӯравиҳо пардохтани устодро аз муфтӣ ҷӯё мешуданд. Аз шунидани чунин суханҳо чеҳраи Мираминзодаро табассуми малеҳ ва орифона ва ҳатто як навъ рамздор фаро мегирифт ва бо ширинзабонӣ ва сухани нарм гиреҳи муамморо боз мекарданд. Ба нақл аз муфтӣ Муллоаҳмад, дар мадраса ҳеҷ донишҷӯе ба пояи донишу маърифати устод Айнӣ нарасида-

---

[1] Ин таъбирро дар бораи муфтӣ рӯзномаи «Истиқлол», шумораи 9, 1997 ба кор бурдааст.

аст. Айнӣ чун аксар равшанфикрони замонаш барои он ба амирон мухолиф буданд, ки онҳо Бухороро дар ҳолати фақру бадбахтӣ нигоҳ доштанд, фасоду ҷаҳлу нодонӣ кишварро фаро гирифт; аз сӯи дигар, ҷаллодони амир бародари Айнӣ – Сироҷиддинхоҷаро мисли гӯсфанд сар буриданд, ки дар ин бора устод марсияи ҷонгудозе навиштаанд...

Мираминзода ҳамеша чанд хислати нодири устод Айниро дар маҳфилҳои хонаводагӣ ва дӯстона таъкид кардааст, чунончи ба мухолифати зимомдорони вақт, ки душмани дини мубини Ислом буданд, нигоҳ накарда, устод Айнӣ ҳамеша панҷ вақт намозашонро мехондаанд, яъне тарс аз давлат надоштанд ва ҳатто вақте ки устод раиси Фарҳангистони улуми Тоҷикистон пешбарӣ мешаванд, аз боло амр мекунанд, ки ин мансаб тақозо мекунад, ки Садриддин Айнӣ узвияти ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравиро бипазиранд... Айнӣ ин амрро қабул намекунанд ва мегӯянд, ки банда ҳозирам барои фарҳангу адабиёти кишварам садоқатмандона хидмат кунам, вале хоҳиши узви ҳизби коммунист шуданро надорам. Муфтӣ аз устод Айнӣ ҳамеша холисона дифоъ мекарданд ва ба поси дӯстие, ки ба ин шахсияти барҷастаи таърих доштанд, ҳар гоҳ ба пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе пайи коре қадам ранҷа карда бошанд, ҳатман ба зиёрати дӯсти даврони донишомӯзии худ, аллома Садриддин Айнӣ мушарраф гаштаанд, вале ҳеҷ подоше ва кӯмаке аз устод талаб накардаанд.[1]

Мегӯянд бузургон мардумро тарк мекунанд, вале мардум ононро ба ҳеҷ ваҷҳ тарк нахоҳанд кард. Ман ҳадиси бузургвории муфтӣ Муллоаҳмадро шояд аз синни ҳафтсолагӣ ё бештар аз он то ба имрӯз, ки акнун сафедии мӯям бар сиёҳии он пирӯз мешавад, мешунавам. Дареғо, ки беҳтарин гуфтаниҳои падари хушзеҳнам ва амаки орифам Муллораҷаб алайҳи раҳма ва даҳҳо тан аз ҳамнишинону муридону шогирдони он ҳазратро наметавонистам аз забони онон забт кунам ва ҳадиси ошиқонае дар бораи он соҳибназари фурӯтан ва фарзона мураттаб созам. Писари

---

[1] Писари эшон М. Аҳмадзода низ ин нуктаро тасдиқ кардаанд.

донишманди эшон, ки сифатҳои ҳамидаи падарро мерос гирифтаанд ва акнун машғул ба таҳқиқу таҳияи осорашон мебошанд, фармуданд, ки илова бар девони ашъор дафтари ёддоште аз шоир боқӣ мондааст, ки дорои матолиби ҷолибест ва аммо мутаассифона, мо имкони дастрасӣ ба ин манбаъи нодирро надорем ва дар ин замина танҳо аз мақолаи Саидолим Акрамзода бисёр лаҳзаҳои зеборо аз рӯзгори муфтӣ метавон истифода кард.

Мақолаи номбурда «Эшони муфтӣ – шоир ва олим» унвон дорад, ки дар шумораи ҳафти нашрияи «Гулбонг»[1], дар моҳи ноябри соли 1996 милодӣ ба нашр расидааст ва ҳамин матлабро бо андаке тағйир ва иловаҳо гоҳномаи «Истиқлол» (нашрияи «Бунёди оли Сомон» дар шаҳри Душанбе) моҳи июни соли 1997 чоп кардааст, ки «Вакили мири Масчоҳ» унвон дорад. Нашрия бо ҳарфҳои дурушт зери ин унвон ба ин шакл ба хонандагони хеш муроҷиат кардааст: <u>«Ҷасади Туғралро ӯ ба хок супурда буд...»</u>

Чуноне дар ёддоштҳои шодравон Акрамзода омадааст, шоир ва орифи замон Муллоаҳмад Мираминзода дар он даврони пурошӯб дар умури сиёсии мамлакат низ ширкат доштааст ва дар соли 1919 даргириҳои шадиде миёни артиши сурх ва муҷоҳидони Масчоҳ идома дошт. Барои имзои оташбас миёни нерӯҳои даргир ҳайатеро аз макони будубоши аслии муҷоҳидон, аз ноҳияи Масчоҳ ба ситоди артиши сурх воқеъ дар шаҳраки Варзи Манор даъват мекунанд, ки мутфӣ Муллоаҳмад низ ба намояндагӣ аз мири Масчоҳ ҳузур доштааст. Иттилоъи ғамангезе фаврӣ ба муфтӣ мерасад: Шоири ширинкалом Муҳаммад Нақибхони Туғралро се рӯз қабл сарбозони болшевик ба шаҳодат расонда ва намегузоранд, ки ҳамдиёронаш ҷасадашро ба хок супоранд, ҷанозаи ӯ дар бистари хоку хун дар қатлгоҳ хобидааст. Нақибхон гӯё дар мубориза бар зидди асокири шӯравӣ бо муҷоҳидони Масчоҳ ҳамкории махфиёна доштааст... Ин ха-

---

[1] Ин нашрияро шоири соҳибистеъдод Қувват Давлат (равонаш шод бод!) солҳои 1995-97 сарпараст буд ва бо камоли таассуф, «Гулбонг» акнун чоп намешавад.

бар на танҳо муфтиро, ки бо Туғрал дӯсти ҷонӣ буданд, ғарқ дар гирдоби мотам сохт, балки дили ҳар пора санге дар лаби рӯдхонаи Зарафшон ва бурҷу бораи мадрасаҳо ва мақбараҳои Самарқанду Бухороро ба фарёд овард. Ғосибони мулҳид фоҷиаеро, ки чингизиёни ғаддор дар Нишопур бар сари орифи ҷаҳоншумул, шайх Фаридуддини Аттор оварда буданд, пас аз гузашти ҳафт қарн дар ноҳияе аз қаламрави Самарқанд такрор карданд: Шоирро куштанд, хуршедеро ба хун ғарқ карда дар хок фурӯ нишонданд!!! Он ҳам бидуни баррасӣ ва пурсуҷӯ! Шоир Мираминзодаву дигар намояндагони мири Масчоҳ дарҳол ин ҷиноятро маҳкум намуданд ва то он даме, ки намози ҷанозаи шоирро нахонданд ва бо дасти худ ҷасади муборакашро дар хок насупурданд, бо сарони артиши сурх сари мизи музокира нанишастанд. Бинобар нақли муфтӣ, дар бадани Туғрал осори панҷ тир боқӣ будааст. Шоирро бо сару пои бараҳна, дар ҳоле ки дар тан пироҳану шалвори сафед дошт, дар домани теппае на чандон баланд ба шаҳодат расонданд ва аз ҷайби ӯ коғазе пайдо шуда, ки дар он шоир чун хитоба барои ҳамсари азизаш навиштааст:

*Ту эй гул, баъди ман бо ҳар ки мехоҳад дилат биншин,*
*Ки ман бо доғи ҳиҷронат чу булбул з-ин чаман рафтам...*

Мегӯянд, ки шоирони самарқандӣ дар посух ба ин байти Туғрал дар ҳамон рӯзҳо назираҳои зебое сохтанд. Ин фоҷиа то замони фурӯпошии шӯравӣ ҳарчанд вирди забонҳо буд, аммо касе ҷуръат ва иҷозаи чопи онро дар матбуот надошт ва осори Туғрали Аҳрорӣ, ба нақл аз муаллифи «Тазкиратушшуаро» «ин достонсарои риёзи Самарқанд ва тӯтии шакархои нахлистони наҷобатпайванд ва суханпардози бӯстони хушгуфторӣ ва нуктапардози чаманистони маънинигорӣ»[1] хеле дер, танҳо дар солҳои 20 милодӣ пас аз «исботи бегуноҳии ӯ» ба нашр расид. Дар ҳар сурат, муфтӣ

[1] Ниг.: Туғрали Аҳрорӣ. «Корвони муҳаббат», мураттиб Асрори Раҳмон, 1990, саҳ. 4, ба алифбои форсӣ.

Муллоаҳмад Мираминзода дар ин лаҳза намегузорад, ки ҷасади мутаҳҳари ин азизи диёрашон хор шавад. Аз даҳҳо корҳои пурсавоб ва таърихие, ки муфтӣ анҷом дод, якеш ҳамин аст, ки зикр шуд.

Дар бораи ин шахсияти бузурги мазҳабӣ ва фарҳангӣ дар миёни мардуми Масчоҳ то ҳанӯз ривоёт ва ҳадиси гуногун аст, ки аз даҳоне ба даҳоне пахш мешаванд, чунончи бузургсолони рустоҳои Виткон ва Падрок нақл мекунанд, ки эшони Тӯраи Авлиёҷон, ки донишҳои замони худро фаро гирифта, ҳамчун олими роздони порсо ва пири хирад ба қуллаҳои баланди шӯҳрат расида буданд, рӯзе ба зодгоҳи Муллоаҳмад меоянд ва сарону моликони деҳаҳои гирду атроф ҳама ба истиқболи он бузургвор мебароянд... Дар ин миён чашми он ҳазрат ба писарбачае меафтад, ки машғули гӯсфандчаронӣ будааст. Эшони Авлиёҷон аз асп пиёда мешаванд ва даст ба сари чӯпони ҷавон мебаранд, бо табассуми малеҳе ӯро навозиш карда, дуъое барояш мехонанд ва мегӯянд: дар ҷабини ин тифлак чароғи илм фурӯзон аст...

Он писараки некахтар, қаҳрамони рисолаи мо Муллоаҳмади Мираминзода аст, ки бо мурури замон гавҳари маърифат ба каф оварда, ба дилу дидаи ҳазорҳо тан аз мардуми шаҳру русто равшанӣ андохт, намаки ашъори ирфонии он ҳазрат ба муштоқону ихлосмандони осораш ҳамарӯза лаззати маънавӣ мебахшад.

* * *

Эшони муфтӣ, ки табиатан нарму ҳалим ва соҳиби дили раҳим ва табъи латиф будааст, пайваста талош варзида, ки дар он даврони пурошӯб, оташи фитнаву ҷанг ва хунрезиҳои беҳударо фурӯ нишонад ва нагузорад, ки диёр ба фақру бадбахтӣ ва мардуми он ба таҷовузи дӯсту душман кашида шавад. Дар ҷанги муҷоҳидони Масчоҳ бо артиши сурх, ки ин набард нисбат ба дигар манотиқи Осиёи Миёна хеле тӯлонӣ буд ва то соли 1923 идома пайдо кард, эшони муфтӣ бо истифода аз нуфузу шӯҳрате, ки дар диёр дошт, мудом нақши пири мудаббир ва сафири сулҳу оштиро иҷро кардааст. Ба ғайр аз имзои оташбаси шаҳраки Варз Манор, ки дар

боло ишора кардем, дар гуфтушуниди сулҳу оштӣ миёни муҷоҳидон ва артиши Сурх дар Уротеппа ва Ғончӣ ва Самарқанд низ ширкат намуда, тарафҳои даргирро ба сулҳу оромиш даъват кард. Сухани эшон барои дӯсту душман муассир ва корагар буд.

Бо камоли таассуф, муфтӣ подоши ин ҳама хидматҳо дучори тӯҳмати ноҳақ гардида, аз сӯи сарони муҷоҳидин низ ба зиндон кашида мешавад.[1]

Муфтӣ Муллоаҳмад чун аллома Садриддин Айнӣ ва иддаи дигаре аз донишмандону равшанфикрони Бухоро, ба назари банда ба ду ваҷҳ бо дастгоҳҳои Ҳукумати Шӯравӣ созиш кард: Аввалан, низоми пӯсида ва зиддибашарии аморати Бухоро ононро хаста ва дилмондаву озурда карда буд. Амирони манғит ончунон гирифтори ҷаҳли мураккаб буданд, ки ҷонибдорони тамаддуну фарҳанги рӯ ба инкишофи Ғарбро девона мепиндоштанд, ки мисоли равшани он зиндагиномаи пурфоҷиаи аллома Аҳмад Махдуми Дониш, Шарифҷон Махдуми Садри Зиё ва амсоли онҳо мебошанд. Фосид ва фурӯмоя буд ин хонадон. Аз ин рӯ, устод Айнӣ дасти дуъо ҷониби Парвардигор боло карда, илтиҷо кард ва гуфт: «Хоҳам он хонаи бедоду ситам вайрон бод...». Soниян, онҳо аз ду шарир онеро интихоб карданд, ки зоҳиран ҷаҳолат дар замираш камтар буд ва ин Ҳукумати Шӯравӣ буд, ки ҳам бо салоҳ ва ҳам бо шиорҳои интернатсионалистӣ ва адлхоҳиву башардӯстӣ ва таблиғи илму дониш ва баробариву бародарӣ ва талошҳои созандагӣ ва халлоқият ва раҳоии заҳматкашон аз вомондагии қуруни вустоӣ ба диёри Мовароуннаҳри бостонӣ омада буданд. Солисан, вусъати назари ин бузургмардони таърих ба маротиб паҳнтар аз дидгоҳи онҳое буд, ки дар паси сахра ва сангҳои кӯҳистон сангар гирифта, бо лашкаре, ки Қафқоз ва қаламрави Осиёи Миёнаро комилан ба тасарруф доровaрда, андешаи даст ёзондан ба марзҳои Афғонистонро дошт,

[1] Дар ин бора дар ёддоштҳои писари шоир, доктор Мирзо Аҳмадзода ишораҳои ҷолибе ҳаст ва бахше аз ин хотирот дар бойгонии банда маҳфуз аст (М.Ш.).

ҷиҳод эълон карда, умед ба пирӯзӣ ҳам доштанд. Муфтӣ одилона, аммо нобаробар будани ин мубориза амиқ дарк карда буд, вале сарони ҷиҳод умед ба пирӯзӣ бар болшевикҳоро доштанд, ки саранҷом теъдоди зиёде дар ин мубориза қурбон шуд ва теъдоде аз равшанфикрон тибқи фармудаи омӯзгори бузурги ахлоқ Саъдӣ алайҳир-раҳма амал карданд:

*Агар пилзӯрӣ в-агар шерчанг,*
*Ба наздики ман сулҳ беҳтар зи ҷанг.*

Ба ҳамин сабаб, мо дар фаъолияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва дар осори ин фарзонагони миёни обу оташ афтодаи поёни қарни нуздаҳ ва ибтидои қарни бист як навъ замонасозӣ ва каҷдору марезҳоро эҳсос мекунем, вале ба ҳеҷ ваҷҳ онҳо пойбанд ба ақидаҳои пучу ифротии коммунистӣ набуданд ва мисли дигар шоирони наслҳои баъдӣ лаб ба мадҳу ситоиши иғроқомези Ленин ва октябр ва давлати бузурги шӯроҳо на-кушуданд.

Шоир Муллоаҳмад Мираминзода аз айёми ҷавонӣ то во-пасин рӯзҳои умр гирифтори бозиҳои бераҳмонаи сарна-вишт будааст: дар соли 1879 дар рустое ба номи «Падрох» дар ноҳияи Масчоҳ, ки дар 150 километрии шаҳрҳои босто-нии Хуҷанду Самарқанд воқеъ аст, чашм ба дунё кушода, дар ҳафтсолагӣ бо падар падруд мегӯяд ва бори сангини рӯзгор ба дӯши ятиминоболиғ меафтад. Эшон дар шонздаҳсолагӣ ба Тошканд ҳиҷрат мекунад ва дар гузаре ба номи «Мӯи муборак» дар ҳавлии донишманди тошкандӣ Саид Муҳаммадхон ба хидмат мепардозад ва табиист, ки аз партави илму дониши ин марди мӯъмин баҳраҳо бардошта, аз он ба баъд аввал дар Самарқанд ва сонӣ дар мадрасаҳои Мири Араб ва Кукалтоши Бухоро бо шавқу талоши саршор ба андӯхтани илму дониш мепардозад.

Доктор Мирзо Аҳмадзода дар хотироти худ дар бораи солҳои донишҷӯии падар дар Бухоро менависад: «Шоир ҳангоми таҳсил дар Самарқанду Бухоро аз пуштибонӣ ва кӯмакҳои молии ҳеҷ фарде бархурдор набуд ва бо мушкилот рӯз мегузаронд».

Бо вуҷуди тангии маъишат ва фақри домангир, Мираминзода муҳимтарин донишҳои замонро дар ҳадди олӣ фаро мегирад ва донишгоҳро бо муваффақият ба поён бурда, бо як кулвори китоб ба кӯҳистон, ба зодгоҳи худ бармегардад. Тибқи ишораи доктор Мирзо Аҳмадзода, эшон дар қаламрави Фалғару Масчоҳ аввал муфтӣ, баъд қозӣ будааст ва истилоҳи «эшони муфтӣ» аз ҳамин рӯзгор ба исми ӯ илҳоқ гардида, чун арзи эҳтироми хосу ом то поёни умр ва имрӯз низ вирди забони ҳамагон будааст. Ба ривояти он ҳазрат, ки худ дар зиндагиномааш низ зикр кардааст, эшони муфтӣ мансаби қозигиро бо хоҳишу дархости мардуми мусулмони ин минтақа пазируфтааст. Ба таври мисол, дар замони ҳукмронии Ҳофиз Ҳусайн ном шахсе, ки аз деҳаи Палдорак будааст, сарони рустоҳои Шамтуч, Шавкати Боло, Дарғ ва Похут аз ноҳияи Фалғар ба назди мири Масчоҳ Ҳофиз Ҳусайн меоянд ва аз бесоҳибии мулк шикоят намуда хоҳиш мекунанд, ки барои ҳаллу фасли бисёре аз масоили зиндагӣ, аз ҷумла тақсими одилонаи замину истифодаи об ва моҷароҳои тақсими мерос... аз намояндагони аҳли ислом фарди фаҳмида ва оқилеро ба он диёр бар ҳайси қозӣ равона кунанд. Дар ин симмат муфтӣ Муллоаҳмадро муносибтар аз ҳама медонанд, вале эшон дар ин вазифа соле беш намепоянд: Дар Масчоҳ ҳокими нав Аҳмадхоҷа рӯи кор меояд ва эшони муфтиро аз ин мансаб сабукдӯш месозанд ва чуноне дар хотироти доктор Мирзо Аҳмадзода зикр ёфтааст, муфтӣ баъдан низ мавриди зулму шиканҷаи мири мазкур қарор мегирад.

Ҷаҳони фонӣ барои фарзонагони фарҳехта ҷои амну осоиш набудааст. Чуноне мушоҳида намудем, пас аз хатми мадраса барои олиму шоири болидатабъе чун Мираминзода на дар Бухоро ва на дар зодгоҳаш коре дар ҳадди истеъдоду салиқаи он бузургвор пайдо намешавад ва ночор дар замину боғи бобоӣ даст ба кишоварзӣ мезанад. Дар замони рӯи кор омадани болшевикҳо бошад, чун аксари мардони роҳи ҳақ эшони муфтӣ дучори таъқиби мулҳидон қарор мегирад ва ба муддати панҷ сол дар рустоҳои Падрох, Камодон ва Виткон пинҳонӣ умр ба сар мебарад. Ин аст, ки забонаи нолаҳои

ҷонгудозу фарёди ҷонсӯзи шикоят аз фалак дар ашъори шоир фаровон ба машом мерасад:

*Эй фалак, моро ба амвоҷи бало кардӣ дучор,*
*Бисмилам носур гашту зиндагӣ дар дида хор.*
*Дар ҳақиқат, бар сари мижгон чу ашкам музтариб,*
*Инчунин ҳол аст бар мо аз шикасти рӯзгор...*

Эшони Муфтӣ ва ҳамдиёру ҳамдард ва дӯсти арҷмандаш дар солҳои донишомӯзӣ ҳазрати Муллоумар[1], ки зиндагии он орифи соҳибдил баррасӣ ва таҳқиқоти дигареро тақозо дорад, ҳамин тавр, пас аз сарафрозона тай намудани роҳи пур аз фарозу нишеби илм ва ё ба қавли бухороиён, хоку гарди мадраса лесида унвони муфтӣ ва муршиду мударрис касб карданҳо рӯзгореро дар парешонӣ ва зулму фишори ҳокимони давр сипарӣ мекунад... Хушбахтона, ҳамдиёрони мӯъмину мусулмон, сарфи назар аз фазои фитнаангези солҳои ҳукумати диктатории Сталин ва ҳамалоте, ки бар зидди аҳли тақво эълом гардида буд, боз ҳам муфтӣ ва дигар фозилони диёрро дар паноҳи лутфу муҳаббати худ нигоҳ доштанд. Аз домани Фалғар то сароғози рӯдхонаи Зарафшон мардуми Худодӯст ва гавҳаршинос, ошкору пинҳон ба дастбӯсашон мерасиданд, дар кушоиши гиреҳи ин ё он масоили мушкил ва баҳсу талошҳои зиндагӣ аз дарёи дониш ва нури ақлу хиради ин пешвои бузурги аҳли ирфон истифода мекарданд, агарчи ҳукумат нисбати ин зумра покмардон ошкоро душманӣ нишон медод, аммо Худованд ва мардум аз муҳиббону дӯстони наздики онон буданд ва ҳатто дар солҳои қаҳтии авоили инқилоб ва дар рӯзҳои даргирӣ бо Олмон ва ваҳшати гуруснагӣ ва фақр нагузоштанд, ки азизонашон хор шаванд; як луқма ноне, ки аз раззоқ мерасид, бо ҳам мечашиданд.

Муфтӣ Муллоаҳмад Мираминзода мудом худро дар пеши Худованд ва мардум масъул медонист ва зиндагии ниҳоят

[1] Эшони Муллоумар – марде фақеҳ ва муттақӣ, ки оромгоҳи он азиз дар деҳаи Падрох, воқеъ дар кӯҳистони Масчоҳ аст.

содда ва хоксорона ба сар мебурд. Ӯ аз ҳавову ҳаваси нафсонияти дунявӣ, ки асоси тамоми мусибатҳост, худро дур нигоҳ медошт, вораста буд, вале вобаста набуд. Мегӯянд, дар ҳар рустое қадами муборакашон мерасид, то дили шаб чароғи маҳфили китобхонӣ дар ин ё он хона фурӯзон буд ва садҳо шогирдон дур аз чашми золимон, улуми қуръонӣ ва чаҳоркитобхонӣ ва мутолиаи осори ниёконро назди он бузургвор омӯхтанд. Ба шарофати он ҳама фазилатҳои худодод муҳаббати эшонро Худованд ончунон дар дили мардум ҷой кард, ки панҷаи бегонагон натавонист хиштеро аз ин кохи муҳаббат беҷо кунад.

Муфтӣ, ки аз маҷмӯаи донишҳо дар заминаи исломшиносӣ ва таъриху фалсафа ва адабиёт ва ҷомеашиносӣ... комилан бархурдор буд, ҳодисоти ҷаҳонро агарчи бо чашми сар медид, онро бо дидаи дил ва аз дидгоҳи орифони ҷаҳонбин таҳлилу баррасӣ мекард. Чунончи дар сӯҳбатҳои роҷеъ ба сарнавишти қавми тоҷик дар Осиёи Миёна ва ҳамеша ба шикаст мувоҷеҳ шудани душманони ин қавм ва ин сарзамин таъкид намуда, кӯшиш кардааст, ки мардуми гирифтори шиканҷа ва фишору таҳдидро бо мӯмиёи сухан рӯҳбаландашон созад. Он бузургвор чун дигар равшанзамирон розӣ ба хунрезиҳои беҳуда набуд ва ҷони худро дар хатар гузошта, аз тӯҳмату тавтиъаи душманон ва таҳдиду таъкиди баъзе аз муҷоҳидони ноогоҳ натарсида, борҳо дар музокироти сулҳ миёни размандагони Масчоҳ ва нерӯҳои мухолиф ширкат варзида, ҳар ду ҷонибро ба ҳалли оқилона ва мусолиҳатомези набарди ҳафтсолаи кӯҳистониён ва артиши сурх даъват кардааст. Шояд яке аз сабабҳои ихтилофи мири Масчоҳ Аҳмадхоҷа ба эшон ва чанд муддат аз ҷониби ӯ зиндонӣ гардидани муфтӣ аз ҳамин сабаб бошад.

Эшони муфтӣ бар хилофи баъзе аз муллоҳои камсавод ва мутаассиб мардумро ҳамвора даъват ба омӯхтани илму дониш ва ширкат дар мадрасаву макотиб мекард ва мегуфт, ки фаро гирифтани ҳама гуна илм беҳтар аз ҷаҳолат аст ва худ ба таҳсилу таълими фарзандон ҳамеша эътибори ҷиддӣ дода, се тан аз онҳоро то ба ҳадди омӯзгору доктори адабиёт тарбия намуда, ба камол расондааст, ки олим ва донишман-

ди соҳибназар, муаллифи чандин рисола ва осори илмӣ, устод Мирзо Аҳмадзода аз он ҷумлаанд. Шоир ин рубоии зеборо дар мадҳу тавсифи тоҷи сари ҷумла ҳунарҳо, яъне илм сурудааст:

*Илм аст ба коми ташна чун оби ҳаёт,*
*Илм аст ба завқи дил чу ҳалвою набот.*
*Илм аст нигори тоза, маҳбуби ҳама,*
*Илм аст барои ҳар дили мурда ҳаёт.*

* * *

Баъд аз таҳкими ҳукумати шӯравӣ дар Масчоҳ, ки дертар аз ҳама гӯшаву канори Осиёи Миёна сурат гирифт, аз зодгоҳи эшони муфтӣ ва деҳоти наздик ба он беш аз ҳар минтақа ва рустоҳои дигар ҷавонон ҷиҳати таҳсили илм ба шаҳрҳои Самарқанду Хуҷанд ва Истаравшану Конибодом ва Сталинободу[1] Тошканд... рафтанд ва аксари онҳо риштаи омӯзгорӣ касб карда, ба кӯҳистон баргаштанд ва дар дурдасттарин нуқтаи диёр ба таълиму тарбияи насли ҷавон ва ҳатто куҳансол пардохтанд. Ин неъматро аксари мардум, ба вижа сокинони рустоҳои Падрох, Виткон ва Камодон ва дигар масчоҳиён аз файзи даму нафаси поки эшони муфтӣ ва роҳнамоии оқилонаи он фарзона медонанд. Аз сӯи дигар, мардуми ин рустоҳои сегона, ки мухтасар «седия» мегӯянд, талоши пайгире дар роҳи ҷустуҷӯ ва ба даст овардани илму донишро доштаанд. Бесабаб нест, ки исми яке аз ин рустоҳо Витконро мардуми шӯхтабъи ин диёр (бо ҳазл) баргирифта аз исми шаҳри муқаддаси Ватикон (Италия) маҳсуб мекунанд. Гурӯҳе намаки ин ҳазлро қадре афзуда мегӯянд: «Виткон»- валикон аст, яъне макони авлиёҳо».

Лозим ба зикр аст, ки муфтӣ дар фасли пирӣ чанд соле аз умри гаронқадри худро дар ҳамин деҳ сипарӣ кардаанд.[2]

---

[1] То соли 1961 шаҳри Душанбе Исталинобод номида мешуд.
[2] Дар ин бора дар маҷаллаи «Садои Шарқ», шумораи 6, 1990, саҳ. 110 низ ишорае рафтааст.

Мегӯянд, ки дар солҳои аввали Ҳукумати Шӯравӣ теъдоде аз мардуми кӯҳистон аз истеъмоли баъзе аз маводи хӯрокӣ ва сабзавот, ки аз тариқи Русия ё Аврупо ба он диёр ворид шуда буданд, иҷтиноб меварзиданд. Барои мисол, касе аз пеши худ «фатво» медиҳад, ки барои мардуми мусулмон хӯрдани картошка, фаҳамилдору[1] ва боз чанд чизи дигаре, ки ба ин диёр «аз билоди куфр» расидаанд, гуноҳ аст... Иддае радио, бавижа таронаҳоеро, ки аз он пахш мешуд, макрӯҳ медонистанд ва дар ҳалли ин ва дигар муаммоҳои хурду бузурги рӯзгору ҷомеъа сухани ростин ва фатвои мустанадро танҳо аз эшони муфтӣ мешуниданд ва ҳукмашонро ҳамчун ҳукми пешвои шариати ислом ба ҷон мепазируфтанд.

* * *

Муфтӣ Муллоаҳмад Мираминзода мутахаллис ба Аҳдӣ (Маҳвӣ) дар баробари илмҳои дигар, ки дар ин бора қаблан ишора намудем, аз адабиёт ва шеъру шоирӣ низ вуқуфи комил дошт, вале сифатҳои фурӯтанӣ ва хоксорӣ ва тавозӯъпеша будан, ки вижаи орифони порсо мебошад, ба эшон имкон надодааст, ки чӣ дар замони донишомӯзӣ ва чӣ дар даврони шӯравӣ ин ҳунари худододи худро ба маърази намоиш гузорад. Ба қавли Мавлавӣ Ҷунунӣ, орифи бузурги қарни нуздаҳи милодӣ:

*Мардони ҳақ ба пардаи китмон[2] гузаштаанд,*
*Бо ранҷу фақру фоқа азизон гузаштаанд.*

Аз сӯи дигар, даврони зиндагии эшон, яъне поёни қарни нуздаҳ ва ибтидои қарни бист аз пурошӯбтарин сифатҳои таърихи Мовароуннаҳр маҳсуб мешавад, ки Сайфии Фарғонӣ дар як ғазали худ гӯё ҳаводиси шуми як рӯзгори ошуфтаро ба риштаи тасвир кашидааст:

---

[1] Помидор.
[2] Китмон – мастур, пинҳон.

*Аз ҳиммати баланд асар дар ҷаҳон намонд,*
*Як сарв дар саросари ин бӯстон намонд.*
*Равшандилон чу барқ гузаштанд аз ҷаҳон,*
*Хокистаре ба ҷо аз ин корвон намонд.*
*Мурғони нағмахон ҷилои ватан шуданд,*
*Ҷуз байзаи шикаста дар ин ошён намонд.*
*Аз чашми сурмадори давот об шуд равон,*
*Ширинзабонии қалами нуктадон намонд.*
*Эй Сайф, забони хома ба коми давот каш,*
*Имрӯз чун суханталабе дар миён намонд.*

Мутаассифона, ба иллати ҳафтод соли фармонравоии режими диктатории коммунистӣ, роҷеъ ба авзои сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ин хитта то ҳанӯз таҳқиқоти ростину воқеъӣ ва ҳамаҷониба сурат нагирифтааст ва аз осору рӯзгори иддаи зиёде аз шоирону мутафаккирон ва равшанфикрони Бухорои даврони манғитиён иттилооти кофӣ дар даст надорем. Ба вижа дар адабиётшиносии тоҷик дар бораи як зумра адибон, ки ба пешониашон мӯҳри «мулло», «қозӣ», «муфтӣ», «унсури бегона», «душмани халқ» зада буданд, мунаққидону донишмандон ё лаб фурӯ бастанд ва ё аз бими ҷон ба фаъолияти фарҳангӣ ва адабӣ ва иҷтимоъии онҳо баҳои нодуруст доданд. Ба таври мисол, намунаи осори шоири шаҳире чун Туғрали Аҳрорӣ ва мутафаккири маорифпарвар Шарифҷон Махдуми Садри Зиё[1], ки ҳар ду ба истилоҳ барои режими вақт «душмани халқ» ва ё «аносири бегона» маҳсуб мешуданд, танҳо дар солҳои шаст ва ҳафтоди асри гузашта интишор гардид. Аммо шоири ориф Муллоаҳмад Мираминзода ҳарчанд бо асосгузори адабиёти шӯравии тоҷик устод Садриддин Айнӣ то поёни умр равобити ҳасана дошт, вале ҷиҳати нашри девони ашъораш ё чопи гулчине аз девони худ аз мақому мартабаи дӯсти алломааш истифода накард ва ҳеҷ кӯшише дар ин роҳ ба харҷ надод.

[1] Зиндагинома ва китоби ӯ «Наводири Зиёия» соли 1998 бо кӯшиши муаллифи ин сатрҳо дар Теҳрон аз сӯи нашриёти «Суруш» чоп шуд.

Адабиёти шӯравии тоҷикро доктор Субҳон Амирқулов дар «Донишномаи адаби форсӣ» ҳамчун маддоҳ ва ситоишгари ҳукумати шӯроҳо муаррифӣ кардааст ва онро ба се давра тақсим намудааст:

1. Аз соли 1917 то поёни даҳаи бисти милодӣ.
2. Аз поёни даҳаи бист то поёни даҳаи панҷоҳи милодӣ.
3. Аз поёни даҳаи панҷоҳ то ибтидои солҳои наводи милодӣ.

Ӯ комилан дуруст қазоват кардааст, ки шоирони ин давра (давраи якум), ки аз ситаму истибдоди Манғитиён, ба вижа Амир Олимхон (1915-1920) ба танг омада буданд, фирефтаи шиорҳои ситамситезона ва фуқаропарваронаи болшевикҳо шуданд ва ормонҳои худро дар оинаи онҳо диданд ва коғазу қаламро яксара дар хидмати ҷомеаи шӯравӣ даровარданд. Шоироне чун Садриддин Айнӣ, Мунзим, Ҳамдӣ, Фитрат, Ҳамза, Баҳриддин Азизӣ ва Авҳадӣ аз нахустин касоне буданд, ки қалами худро ба суди ҷомеъаи шӯравӣ ба кор бурданд, - навиштааст доктор Амирқулов ва солҳои баъд касоне чун Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Лоҳутӣ, Икромӣ, Саидалӣ Вализода ва Пайрав Сулаймонӣ ба онҳо пайвастанд.

Онҳое, ки дар ин давра метавонистанд ба ин гурӯҳ пайваст шаванд, шоирони ҳамсол ва ё ҳамзамон бо онҳо Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ (1865-1919), Зуфархон Ҷавҳарӣ (1860-1945), Муллоаҳмад Мираминзода (1879-1954) буданд. Онҳо худ эҳсос намуданд, ки адибон низоми ҷадидро, ки аз ранҷбарон пуштибонӣ мекард, месутуданд ва дар бораи Ленин ва Октябр доди сухан медоданд. Ба қавли доктор Амирқулов, ин ҳақиқат, ки дар инқилоби октябр даҳҳо ҳазор тан аз мардум, аз ҷумла аҳли илм кушта шуданд ва садҳо ҳазор тани дигар овора гардид, барояшон пӯшида буд, ё онро бороянди амалкарди худашон медонистанд ё арзишҳои ба дастомадаро гаронтар аз он чи аз даст рафта буд, медонистанд.[1]

[1] Донишномаи адаби форсӣ, ҷ. 1, саҳ. 62; Теҳрон, 1375 ҳиҷрии хуршедӣ (1996 милодӣ).

Бидуни тардид, шоирони дар боло зикршуда, яъне Туғрал, Ҷавҳарӣ ва Акдӣ ба ҷаҳони тозабунёди Шӯравӣ бо чашми дил назар афканда, дар ин рӯзгор то дервақт хамӯширо афзалтар аз маддоҳӣ донистанд.

Давраи дуюм, тибқи тақсимбандии донишманди ёдшуда, давраи шаклгириву пайдоиши адабиёти қолабиву беранги сотсиалистӣ ва дарвоқеъ, давраи талоши шӯравиҳо барои аз ёд бурдани ҳуввияту фарҳанги қавмӣ буд. Аз байн бурдани алифбои ҳазорсолаи форсӣ ва аз шаҳри Самарқанд ба рустои Душанбе (1929) интиқол ёфтани пойтахти Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон далели ин гуфтаҳост ва доктор Амирқулов дар тақвияти ин сухан мегӯяд: Дар ҳама ҷумҳуриҳо аҳли қалам рафта-рафта озодиву истиқлоли худро аз даст дод... Ба даҳони нависандагон лаҷом заданд ва ин лаҷом, ки дар дасти ҳизби коммунисту давлати шӯравӣ буд, ду шоха дошт: яке Иттифоқи нависандагон, ки дар соли 1934 бунёд гардид ва дигаре шеваи реализми сотсиалистӣ. Ҳама мулзам шуданд, ки танҳо аз ин шева пайравӣ кунанд.[1]

Шоир Маҳвӣ, ки акнун «Аҳдӣ» тахаллус карда буд, чун Зуфархон Ҷавҳарии Истаравшанӣ ба лаби ин гирдоб агарчи наздик шуд, аммо ба амвоҷи пурталотуми он муддатҳо нағӯтид, вале Аҳдӣ ва устод Ҷавҳарӣ ҳарчанд солиёни зиёд аз саҳнаи адабӣ дур буданд, аммо ҳар ду дар замони ҷанги ҷаҳонии дуюм ба шеър рӯй оварда дар ашъори худ мардумро ба дифоъи меҳан аз Олмони фашистӣ фаро хонданд.

Аҳдӣ дар як ғазали машҳури худ бо ифтихор дам аз равшании дидаву дил, яъне худогоҳӣ мезанад ва мегӯяд:

*Айб бодо, зи аҷаб ҷониби зулмат нигарам,*
*Дидаро равшанӣ аз субҳи нахустам доданд.*

Иллати дигари дар адабиёт ва ҷомиъаи шӯравӣ мақоми муносиб пайдо накардани Мираминзода, аз як сӯ канораҷӯии ӯ аз ин гирдоби муғоир бошад, аз сӯи дигар ҳокимони вақт ҳаргиз иҷоза намедоданд, ки намояндагони

---

[1] Сарчашмаи ёдшуда, саҳ. 63.

шохиси дини мубини Ислом дар умури давлатӣ ва фарҳангӣ ҳузури вофире дошта бошанд.

Пас аз табъид ва кушторҳои бераҳмонаи ашрофон ва рӯшанфикрон дар матбуот ва адабиёти шӯравӣ солҳои дароз ҳамлаи фарҳангӣ ва сиёсӣ алайҳи онҳо идома дошт. Баръакс, маддоҳони бесавод ё ба истилоҳи он замон «шоирони омӣ», ки дар матбуот забон ба таън ва тавҳини рӯшанзамирони бо-иззат кушода буданд, осорашон дунболи ҳам ба нашр мерасид ва аз пуштибонии молӣ ҳам бархӯрдор буданд.

Аз Муллоаҳмад Мираминзода девони ашъор ва хотироти фишурда роҷеъ ба зиндагии пуразоби ӯ ба ёдгор мондааст. Девони ашъораш шомили се ҳазор байт буда, дорои ғазал, мухаммас, тарҷеъбанд, қитъа, рубоӣ... мебошад, вале нусхаи нисбатан мукаммали ҳамин девон дар замони дучори таъқиб қарор гирифтанаш ва ҳиҷрати шоир аз Самарқанд ба Масчоҳ дар шаҳри Уротеппа ба дасти маъмурони давлатӣ афтода, аз байн меравад ва хоҳарзодаи эшон Муҳаммад Мӯсо (алайҳираҳма) муҷаддадан дар гирдовариву таҳияи девон ба кӯмаки Мираминзода мепардозад, ки доктор Аҳмадзода дар дебочаи муфассале, ки ба девони ашъори Муфтӣ навиштаанд, аз ӯ самимона зикри хайр ба амал овардаанд.[1]

Мираминзода то замони истилои болшевизм бо тахаллуси «Маҳвӣ» ва пас аз ин ба унвони «Аҳдӣ» шеър гуфтааст ва тағйири тахаллус кардани шоир шояд аз ин сабаб бошад, ки маънӣ ва мафҳуми «Маҳвӣ» ба рӯҳи замона созгор набуд ва ҳатто худ устод Айнӣ дар ибтидо ашъорашро бо тахаллуси «Ҷунунӣ», «Муфлисӣ»... суруда, баъдан унвони «Айнӣ»-ро баргузиданд.

Шоир барои нашри осори худ дар матбуот ва интишороти шӯравӣ аслан кӯшише ба харҷ надода, дар як гӯшаи дурдасти кӯҳистон зиндагии хоксорона ба сар бурд. Намояндагони ҳукумат низ ҷиҳати ҷалби эшон ба умури давлатӣ ва ё муассисаҳои фарҳангӣ ба хотири «муфтӣ» будани Мираминзода ва дигар ёрони таҳсилкардаи эшон худдорӣ пеша карданд. Мо дар ҳафтод соли мавҷудияти Ҳукумати Шӯравӣ

---

[1] Ин китоб соли 1999 дар Душанбе ба нашр расид.

бо намунаи осори шоир танҳо дар ду маҷмӯаи фолклорӣ: 1. «Фолклори тоҷик» (Сталинобод, 1954); 2. «Фолклори сокинони саргаҳи Зарафшон» (нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1961) ошно гардидем, ки он ҳам иборат аз чанд рубоӣ аст.

Дар солҳои навади милодӣ матбуоти тоҷик дар баррасӣ ва нашри мероси гузаштагон бештар ҷасорат нишон дод. Парда аз рӯи бисёре аз ноадолатиҳои иҷтимоӣ бардошта мешуд, эҳсоси худшиносии миллӣ ва бозгашт ба асли хеш дар дили равшанфикрон ҷӯш мезад. Нашрияи мӯътабари Тоҷикистон «Садои Шарқ» дар шумораи 6-и худ аз таърихи июни 1990 бо кӯшиш доктор Мирзо Аҳмадзода ва донишманди номии тоҷик, барандаи ҷоизаи Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ Амон Нуров зиндагиномаи мухтасар ва намунаи осори муфтӣ Муллоаҳмад Мираминзодаро ба хонандагони худ пешкаш сохт, ки ин нахустин иқдом дар роҳи омӯзиш ва таҳқиқу ошноӣ бо осори арзишманди шоир маҳсуб мешавад. Ин матлаб «Назми дурустам доданд» унвон дорад, ки номи он аз мисраи як ғазали зебои ирфонии шоир иқтибос гардидааст ва матлааш ин аст:

*З-он чи фармони азал нусха ба дастам доданд,*
*Шарбати тоза хуш аз ҷоми аластам доданд...*
*Гарчи дар ғояти маънӣ ба ҳақиқат нарасам,*
*Лек дар ҳусни забон назми дурустам доданд.*

Дар он матлаб афзун ба баёни зиндагиномаи шоир омадааст, ки девони ашъори ӯ се ҳазор байтро дар бар мегирад ва дар соли 1953 аз ҷониби худи муфтӣ фароҳам гардидааст. «Садои Шарқ» дар ин шумораааш аз девони Аҳдӣ ҳамчун намуна чаҳордаҳ ғазал ва якчанд аз тарҷеъот ва мухаммасҳои эшонро ҳамчун барги сабзе аз дафтари ба фаромӯшӣ супурдашудаи ин орифи порсо ба нашр расонд ва ба ақидаи мо, кори савоберо анҷом дод, зеро баъдан дар дигар рӯзнома ва нашрия ва китобҳои дастҷамъӣ роҳе фарохтар барои нашри ашъори ӯ ва омӯзиши ҳаёту зиндагонии шоир боз гардид, ки намунаи онро мо дар рӯзномаҳои «Гулбонг», «Истиқлол», «Машъал» ва ғайра дучор омадем.

Дар рисолаи «Аз таърихи Масчоҳ» дар бахшҳои «Аҳли адаб ва фарҳанг» ва «Баёзи шоирони муосири Масчоҳ» шарҳи ҳоли мухтасари шоир ва барои намуна ду ғазал аз девони ӯ дар хидмати хонандагон қарор гирифтааст. Китоби дигаре, ки ба муаррифии осори шоирони тоҷик, аз ҷумла ошно намудани гулбуне аз гулзори ғазалиёти Аҳдӣ ба хонандагони эронӣ пардохт, маҷмӯаи «Хуршедҳои гумшуда»[1] мебошад. Дар ин маҷмӯъа намунаҳое аз ғазал, рубоӣ ва дубайтиҳо аз сад шоири тоҷик дар сад соли охир гирдоварӣ ва ба нашр расидааст ва шеъри зебое аз Мираминзода таҳти унвони «Кӯи Мавло» ба дунболи чопи як ғазал ва марсияе аз аллома Садриддин Айнӣ дар хидмати хонандагони гиромии мо дар Эрон вогузор гардидааст, ки матлаъаш чунин аст:

*Хомӯшӣ аслест онро дидаи дил во кунад,*
*Ҳарфи қимат ҷумлагӣ дар кӯшиши уқбо кунад.*
*То ки пои даҳр доим дар рикоби ҷилва аст,*
*Табъи нозук аз хиромаш майли истиғно кунад.*
*Шавқи маҳбуби азал дар сина пинҳон доштан,*
*Ин тароват дидаи кӯри туро бино кунад.*
*Маҳвиё, бишнав зи Бедил мисрае ҳамсанги дурр,*
*Рӯй бар мавлост, ҳар кас пушт бар дунё кунад.*[2]

Илова ба адабиёти дар боло зикршуда, дар «Донишномаи адаби форсӣ» (ҷилди 1, саҳ. 857, чопи Теҳрон, с. 1375 хуршедӣ) ва «Доиратулмаорифи шӯравии тоҷик» аз ин шоир ва орифи ибтидои қарни бист зикри хайр ба амал омадааст.

* * *

Гулистони ашъори Аҳдӣ рангин аст, аммо ӯ афкори ирфонӣ ва фалсафӣ ва ишқиву иҷтимоии худро бештар дар қолиби ғазал суруда, чун иддаи зиёде аз ҳамзамононаш пай-

---

[1] Алиризои Қазва. «Хуршедҳои гумшуда», Теҳрон, 1376 ҳиҷрии хуршедӣ (1998 милодӣ).
[2] Хуршедҳои гумшуда, саҳ. 58.

рави Бедили Деҳлавӣ ва шогирди хушсалиқаи «сабки ҳиндӣ» мебошад. Мо дар офариниши ғазал дар асри Аҳдӣ ба суханҳои хушк ва таъбирҳои урён ва бепироя қариб дучор намешавем, балки ғазалҳои эшон мисли осори аксар шоирони мактаби Мирзо Абудлқодири Бедил тавассути хаёлҳои зебои шоирона ва тасвирҳои равшан ва рӯҳнавоз аз таҳти дилу ҷон эҷод гардидаанд. Аз миёни санъатҳои адабии қадим ва маъмулии адабиёти форсу тоҷик дар тасвирсозӣ шоир бештар ташбеҳ ва истиораро ба кор бурдааст. Аз санъатҳои дигар киноя, иғроқ, маҷоз, ташхис, таззод ва ғайра низ фаровон истифода гардидаанд. Ба таври мисол, ин ғазали зебо, ки ҳусни оғози девони ашъораш маҳсуб мешавад, гулбоғи ҳамешабаҳореро мемонад, ки бо анвоъи мухталифи гул ва раёҳин аз ҷониби боғбоне боҳуш ва хушзавқ ва зарифкор бо маҳорати том зебу зиннат ёфтааст:

*Чашме накушудам, ғаме ҳомун нашуд он ҷо,*
*Ашке нафишондам, ями[1] Ҷайҳун нашуд он ҷо.*
*Ин чеҳраи зардам асари доғи кӣ бошад?*
*Оҳе накашидам, ҷигаре хун нашуд он ҷо.*
*Ҳамчун пари товус ба тағйири хаёле,*
*Тарфе нашикастам, ки дигаргун нашуд он ҷо.*
*Афсӯс аз ин марҳалаи сози тазаллум,*
*Роҳе насупурдам, ситам афзун нашуд он ҷо.*
*Фақре ҳама аз гардиши айём кашидам,*
*Дасти карам аз кисае берун нашуд он ҷо.*
*Дар даҳри ҷафопеша ба рӯям сипаре ку?*
*Ҷуз санги ситамсоз фалохун он ҷо.*
*З-ин дайри харобот ба тасвири муроде*
*Тарҳе накашидам ҳама вожун нашуд он ҷо.*
*Некӯ сухани Маҳвӣ, ки Бедил рақаме зад,*
*Ҳарфе нанавиштам, ки диле хун нашуд он ҷо.*

Дар ин ғазали зебо аз саноеъи адабӣ бештар ташбеҳу иғроқ бо маҳорати баланд истифода шуда, обу ранги шеърро

---

[1] Ям – рӯдхона, дарё.

афзоиш бахшидааст ва шоир кӯшиш кардааст, ки бо такрори вазну қолиби ғазалҳои Бедил худ тасвирҳои тоза ва ноби шоирона биёфарад ва ҳамоҳангие миёни зоҳиру ботини шеъри худ ва «султони авранги сухан» (ин таъбир аз Туғрали Аҳрорӣ мебошад) эҷод намояд ва Маҳвӣ дар бисёр маворид дар ин ҷода ба мақсади худ мерасад ва худ иқрор мекунад, ки:

*Гарчи дар ғояти маънӣ ба ҳақиқат нарасам,*
*Лек дар ҳусни забон назми дурустам доданд.*

«Лек дар ғояти маънӣ ба ҳақиқат нарасам» гуфтанҳои шоир, чуноне зикр намудем, аз ғояти хоксорӣ ва фурӯтаниҳои ӯст ва дар ин ғазал маъниҳои тозаи ирфонӣ, аз қабили «фориғ аз расми ҷаҳон ҳолати мастам доданд», «шарбати тоза хуш аз ҷоми аластам доданд», «дар сафи дидаварон ҷои нишастам доданд», «эътибори насаби бодарастам доданд» ва ғайра бисёр дилнавоз омадааст. Шоир дар истифодаи вожаҳо тибқи фармудаи хоҷаи лисонулғайби шерозӣ, ки гуфтааст:

*Ба хароботнишинон зи каромот малоф,*
*Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта маконе дорад,*

мисли заргар амал мекунад ва аз ба кор гирифтани суханҳои такрор ва қолибӣ худдорӣ меварзад. Ба таври мисол, дар ғазале, ки матлаъаш «з-он чӣ фармони азал нусха ба дастам доданд» мебошад, омадааст:

*З-ин сабаб муътарифам аз раҳи эҳсону карам,*
*Дар сафи дидаварон ҷои нишастам доданд...*

Таркиби «сафи дидаварон» ё умуман вожаи «дидавар»-ро мо дар назми порсӣ ба нудрат дучор меоем ва аз ин рӯ, ин қабил вожаҳо мисли заррезае, ки аз қабати регҳои тозаву муҷаллои лаби рӯд берун меояд, зуд ба чашм мехӯрад ва касро водор ба кашфи маънӣ ва тобишҳои ниҳонии он месо-

зад. Ба таври мисол, вожаи «дидавар», ки Маҳвӣ ба кор гирифтааст, дар тозатарин қомуси форсӣ чунин шарҳу тафсир ёфтааст: дидавар (did- var) 1- бинанда; 2- дидабон; 3- сарбозе бо ҷангафзори инфиродӣ, ки ба манзури муроқибати минтақа ва ҷилавгирӣ аз ғофилгир шудани ягон марбута дар ҳангоми ҳаракат ба пеш ё паҳлӯҳо ва ё ақиб эъзом мешавад»[1]. Оре, бори маънӣ дар ин вожа, чуноне мушоҳида намудем, бисёр вазнин аст ва танҳо гавҳариёне чун пайравони ворастаи мактаби абулмаъонӣ, яъне ҳазрати Бедил қодир ба истифодаи бамавқеъи он мебошанд.

Шоир худ дар пайравии ин пири оинахотир ба василаи хиёлҳои рангини шоирона тасвирҳои тобнок месозад ва ноларо аз дарди ҳиҷрон ҳамчун най ба ҷилва меорад ва гоҳе наззораро водор мекунад, ки ба рухсораи меҳраш каманде бибандад ва ғайра.

Дар ғазалҳои Маҳвӣ байтҳои ибратомӯз, ки дар дилу шуури хонанда таъсири амиқ гузоранд, фаровон ба чашм мехӯрад:

*Дар ин саҳрои ҳасрат вазъи осоиш туро то кай?*
*Ки нақши пои ғамҳо нусхае барбаст аъзоро.*

* * *

*Сиришти ман муҳайё гашт бо тасвири мӯҳтоҷӣ,*
*Ба ҳуҷҷат чун Сулаймоне муриди ибрати мӯрам.*

* * *

*Бениёзонро набошад зоди дунё эътибор,*
*Чашми дилро бениёзиҳо маҳи анвор кунад.*

Маънии байти охирро мо дар девони Бедил ба шаклу мазмуни комилан дигаре дучор меоем:

*Дил, ки равшан гашт, ҷоҳу давлате даркор нест,*
*Баҳри тасхири ҷаҳон хуршеди танҳо лашкар аст.*

---

[1] Доктор хонум Маҳшеди Муширӣ. Фарҳанги забони форсӣ, чопи сеюм, нашри Суруш, с. 1374, саҳ. 475.

Таъбирҳои шоирона ва зебо, ки Аҳдӣ бо баҳрабардорӣ аз осори Бедил сохтааст, дар девони ғазалиёти ӯ фаровонанд. Дар ин замина барои намуна ба қитъае аз як ғазали эшон рӯй меоварем:

*Майли нола ҷуз дили озурдаро ҳосил куҷост?*
*Ашки ҳасрат аз димоғи дида ҷуз соҳил куҷост?*
*Ташнаам, тасмим дар базми шаҳодатгоҳи ишқ,*
*Ҷуз ба шамшери ду абрӯ ханҷари қотил куҷост?*
*Метапад аз бехудиҳо дил зи ҳайрат субҳу шом,*
*Дар илоҷи ҳайрати ман хотири моил куҷост?*
*Дар хатоҳо мӯътариф бар домгоҳи хиҷлатам,*
*Ғайри нуқсонҳо, ки ман паймудаам, ботил куҷост?*
*Ҳар чӣ дар таъмири эҷодат сириштанд неку бад,*
*Илм бошад ҳосилат, сармояи ҷоҳил куҷост?*
*Хомаи тақдир бинвишт он чи аз сирри қадим,*
*Қисмати ноқобилонро тӯҳфаи қобил куҷост?*
*Маҳвиро хуш дар мазоқ ин мисраъи Бедил чи хуш,*
*«Рамзи истиғно табассум мекунад, соил куҷост?»*

Чуноне ба мушоҳида расид, таъбирҳое чун «димоғи дидаву ашки ҳасрат», «базми шаҳодатгоҳи ишқ», «шамшери ду абрӯ», «аз бехудиҳо ва аз ҳайрати субҳу шом тапиданҳои дил», «домгоҳи хиҷлат», «таъмири эҷод»..., ки дар ғазали боло мавриди истифода қарор гирифтаанд, бидуни тардид дар таъсири ашъори баландовозаи Бедил ва ё бо баҳрабардорӣ аз илҳоме, ки аз ин кӯҳи маърифат ба шоир Аҳдӣ расидааст, офарида шудаанд ва аз онҳо бӯи сухани тоза ва ифодаю маъниҳои гуворо ба машоми ҷон мерасад.

Шоир Аҳдӣ чун пири бузургвори хеш, ҷаноби ҳазрати Мирзои Бедил[1] ва ҳазорон тан аз орифони порсигӯй аз дасти ғам сахт домангиранд ва аз мутолиаи осори эшон бармеояд, ки ситамҳое бар дили шоир аз рӯзгори батараҳҳум ва сифлапарвар фаровон расидааст. Аз ин хотир, ӯ бо ғам гоҳе дас-

[1] Ин ҳам аз сифатҳое мебошад, ки Туғрали Аҳрорӣ дар васфи Бедили бузургвор гуфтааст.

ту панҷа нарм мекунад, вале баъзан барои хеш мӯнисе накӯтар аз нолаи шабҳои тор намеёбад:

*Моя шуд завқи тапидан ҳосил аз танҳоиям,*
*Нест моро мӯнисе ҷуз нолаи шабҳои тор.*

Дар адабиёти форсӣ на фақат бӯи шикоят аз ғам ба машом меояд, балки бисёре аз орифони дилсӯхта ғамро сутудаанд. Ба таври мисол, дар як рубоӣ аз Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ бо кинояи аз ғам ситоиш ба амал омадааст:

*Андар дили бевафо ғаму мотам бод,*
*Онро, ки вафо нест, зи олам кам бод.*
*Дидӣ, ки маро ҳеҷ касе ёд накард,*
*Ҷуз ғам, ки ҳазор офарин бар ғам бод!*

Ҳатто нахустин ғазали девони шоир, ки матлааш: «Чашме нукушудам ғами ҳомун нашуд он ҷо» мебошад ва мо дар сафҳаҳои гузашта чанд байте аз онро зикр намудем, метавон гуфт аз оғоз то анҷом номаи ғам аст. Шоир аз доғҳо ва захмҳое, ки аз теғи айёми ҷафопеша бар сина хӯрдааст, дар суроғи дасте, ки марҳам ниҳад ин ҷароҳатҳоро, ба фарёд меояд:

*Кадомин бевафо марҳам ниҳад доғи дили моро,*
*Кунад равшан чароғи дидаи ғамдидаи моро.*
*Дар ин саҳрои ҳасрат вазъи осоиш туро то кай,*
*Ки нақши пойи ғамҳо нусхае барбаст эъзоро...*
*Муборак мисрае иншои Бедил мешавад Аҳдӣ,*
*«Бубин доғи дилу дарёб нақши пои ғамҳоро».*

Ҳамла ва ошӯби тӯфони ғам, ки аз ғазалиёти Аҳдӣ бармехезад, қабл аз ҳар сарчашмае маншаъ аз ғамободи дили Бедил гирифтааст, ки ӯ мефармояд:

*Меъмори азал кард чу таъмири вуҷудам,*
*Аввал ба дилам сурати ғамхона бино кард...*

Пайравони сабки ҳиндӣ аз рӯзгоре ба рӯзгоре маҳфили гарми ашъори чун дами Исо мӯъҷизаофарини ҳазрати Бедилро гиромӣ доштаанд ва ҳақ ба ҷониби донишманди арҷманд Алиасғари Шеърдӯст аст, ки мефармояд: «Чароғи мактаби ҳиндӣ дар Мовароуннаҳр ҳаргиз ба хомӯшӣ нагароид ва шоирони мухталиф ҳамвора ба посдошти суннати сабки ҳиндӣ дар ин диёр ҳиммат гумоштаанд. Аз миёни шоирони сабки ҳиндӣ шеваи Бедили Деҳлавӣ бисёр мавриди тақлид қарор гирифт, аммо шумори шоироне, ки дар ин сабк муваффақият ва дурахшише дошта бошанд, бисёр андак аст. Аз шоирони мутааххир Туғрали Аҳрорӣ (шоири охири қарни нуздаҳ ва нимаи аввали асри бист), ҳамчунин Зуфархони Ҷавҳарӣ – охирин намояндаи сабки ҳиндӣ дар Мовароуннаҳр буданд».[1]

Шоир Маҳвӣ, ки аз муосирони номбурда маҳсуб мешавад, низ дар ҳамин радиф аст ва аз сабаби он ки осори Маҳвӣ то ҳанӯз дар шакли маҷмӯъа ба нашр нарасида буд, на танҳо дар Эрон, балки дар ватани худи шоир ҳам алоқамандони шеър аз мероси фарҳангии эшон иттилоъи кофӣ дар даст надоштанд ва адабиётшиносони тоҷик дар ин замина таҳқиқоте анҷом надодаанд.

Воқеъан дар Мовароуннаҳр, ҳатто дар гӯшаву канори он иддае аз мардуми соҳибзавқ ончунон гирифтори сеҳри сухани Бедил будаанд, ки дар ин водӣ ҳамвора чун маҷнуни дилсӯхта синамоли гирди кӯяш мегаштаанд. Дар тоҷикзамин ҳамвора фалсафа ва ҳикмати шеъри Бедил реша дар умқи ҷони ин мардум дошт. Девони Бедил чун Чаҳоркитобу девони малакутии Ҳофизи бузург китоби саводомӯзии тифлони мактабу мадраса маҳсуб мешавад ва дар маҳофили адабӣ Бедилхонӣ то солҳои наздик роиҷ буд. Ҳанӯз ҳам аз тоқу равоқи хонаҳои мардум, сақфи масоҷид, сангу сахраҳои дили кӯҳистон фарёди ҷонгудози тагбайтҳои Бедил бар фалак мехезад:

---

[1] Алиасғари Шеърдӯст. Чашмандози шеъри имрӯзи Тоҷикистон. Чопи «Суруш», Теҳрон, 1375, саҳ. 29.

*Гар ба ин ранг аст Бедил, равнақи бозори даҳр,*
*То қиёмат Юсуфи мо барнамеояд зи чоҳ.*

* * *

*Фитнаҳӯе аз такаллуф кард бедорам ба по,*
*Хуни ман дар сояи барги ҳино хобида буд.*

* * *

*Хаёли зиндагӣ дардест Бедил,*
*Ки ғайр аз марг дармоне надорад.*

* * *

*Ранҷи дунё, фикри уқбо, доғи ҳирмон, дарди дил,*
*Як нафас ҳастӣ ба дӯшам оламеро бор кард...*

Бедилхонӣ дар рӯзгори шоир Аҳдӣ низ равнақ дошт. Бинобар шоҳидии бузургони диёр, дар гузаштаи на чандон дур дар нишастҳои дӯстона яке ба хондани ғазалҳои Бедил мепардохт ва дигарон лаб фурӯ баста бо гӯши ҷон ӯро мешуниданд, вале чун дар васат ва ё интиҳои шеър шоҳбайте қироат мешуд, баъзе аз афрод инони тоқат аз даст медоданд ва фарёдашон бар фалак мепечид: Дод! Дод! Дод!!!

*Хунам охир ба кафи пои касе хоҳад рехт,*
*Ин ҳамон ранги ҳиноест, ки ман медонам!*

Чӣ тавр кас аз хондану шунидани ин байт ангушти ҳайрат ба дандони ақл нагирад?

Магар бандаи хокӣ қудрати офариниши чунин эъҷозеро дар сухан дорад? Ба бисёр муаммоҳое, ки дар баҳс ва баррасии шеъри Бедил пеш меомад, Аҳдӣ калиди ин қуфлро маъмулан аз даргоҳи шеъри осмонии Ҳофиз ҷустуҷӯ намуда, аҳли маҳфилро қонеъ мекард:

*Файзи Руҳулқудс ар боз мадад фармояд,*
*Дигарон ҳам бикунанд он чи Масеҳо мекард...*

Мактабу маҳофили Бедилхониро дар бисёре аз рустоҳои Масчоҳ муфтӣ Муллоаҳмад ва дар Урметан ва дигар рустоҳои Фалғар мардони орифе чун Мулло Мирзоалӣ ва Муллоқубор[1] раҳбарӣ ва раҳнамоӣ мекарданд. Ҳатто худи устодону соҳибназароне чун шоир Аҳдӣ баъзан дар шарҳу тафсири ин ё он байт аз Бедил ба душворӣ мувоҷеҳ гардида, бо чеҳраи шукуфон ва ғарқи нури илоҳӣ ба шогирдон рӯй оварда мегуфтааст: «Ин байт қасреро мемонад, ки меъмори босалиқае дар ҳадди олӣ сохта, аммо ба дарвозааш қуфли сангине задааст, ворид шудан ба ин қасри зебо мушкил аст, зеро меъмори гиромӣ калиди ин қуфлро низ бо худ бурдааст»[2].

Оре, аз дарёи «файзи Руҳулқудс» ба чаманзори дил ҳамеша баҳори Бедил оби раҳмати илоҳӣ фаровон расид, ба баъзеҳо аз ин дарё ҷӯе ва ба иддае шохоб ва ё қатрае насиб гардид, ки бидуни тардид шоир ва орифи даврони хеш Маҳвӣ дар сафи ҳамин зумра ашхоси саодатманд қарор дошт ва дар пайравии Бедили бузург бисёр ғазалҳои нобу сара гуфтааст. Дар девони Маҳвӣ ашъори дар заминаи ирфон ва ишқу муҳаббати илоҳӣ сурудаи шоир аз ҷойгоҳи вижа бархурдор аст ва дар ин ҷода мо таъсири сухани Ҳофиз ва Камолро ҳам баъзан мушоҳида мекунем, аммо ин мавзӯъ ва маъониро шоир бо лаҳни хоси худ баён мекунад, на ба сабки маъмулӣ ва обурангбохта:

Ба таври мисол:

1. Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ гуфтааст:

*Гар ба масҷид наравам, қиблаи ман рӯи ту бас,*
*Гӯшаи тоъати ман тоқи ду абрӯи ту бас.*

2.Маҳвӣ (Аҳдӣ) мефармояд:

---

[1] Муллоқубор (равонаш шод бод) табъи хуби шеъргӯӣ доштанд ва якчанд ғазал ва рубоӣ аз эшон мерос мондааст ва аз дӯстони шоир Аҳдӣ маҳсуб мешуд.

[2] Ин ёддоштро аз падарам, ки аз муридони ҳазрати муфтӣ маҳсуб мешуданд, шунида будам (М.Ш.).

*Дар савмаъаву дайри харобот бирафтем,*
*Ҷуз шавқи ҷамоли руху васфи санаме нест.*

Ва ё ҷои дигар аз Аҳдӣ мехонем:

*Макун дур аз ҳарими хеш дурам*
*Бигӯ, ин ошно бегонаи кист?*

Ғазали зебои шоир, ки матлаъаш «Дар азал назри гузори кӯи ёрам кардаанд» мебошад, чун бисёре аз шеърҳои эшон мамлу аз чунин андеша ва тафаккури фалсафӣ ва ирфонӣ аст. Шоир ба ғайр аз осори Бедили Деҳлавӣ дилбастагии хоссе ба ғазалҳои осмонии Ҳофиз доштааст ва дар пайравии он бузургвор низ ғазалу мухаммасҳо сурудааст. Аҳдӣ дар даврони пас аз пирӯзии Инқилоби Октябр ҳарчанд аз сурудани шеър даст накашид, вале бо камоли таассуф, ашъораш дар ин рӯзгор дигар тароват ва обуранги пешинро надорад ва ҳатто дар вазну қофия ва дигар саноеъи адабӣ гоҳ-гоҳе ба навоқисе роҳ додааст. Мо чунин камбудиҳоро бавижа дар рубоиёти Аҳдӣ мушоҳида намудем. Чунончи ба рубоии зер, ки дар баёзи «Фолклори тоҷик» низ ба нашр расидааст, таваҷҷӯҳ намоед:

*Дидам, ки ҳама нафъи ҷаҳон аз адаб аст,*
*Сармояи давлати мудом аз адаб аст.*
*Бо ҳар ки адаб бувад, ба умраш барака,*
*Ҳам зиннату зоди ҳусни умр аз адаб аст.*

Дар ин рубоӣ шоир вожаи «ҷаҳон»-ро бо «мудом» ғайричашмдошт қофия бастааст, ки аслан ғалат аст ва дар мисраъи чаҳорум қофия умуман вуҷуд надорад. Дар чандин рубоиёти дигар низ ҳамин гуна иштибоҳҳо ба назар расид ва аз нигоҳи мӯҳтаво рубоиёти Маҳвӣ нисбат ба ғазалҳои эшон сустанд. Фазои сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомиаи сотсиалистӣ ба эҷодиёти шоир каму беш таъсир гузоштааст. Дар қисматҳои охири девони ашъори шоир, ки аз сӯи фарзандашон доктор Мирзо Аҳмадзода фароҳам омадааст, чанд шеъре роҷеъ ба

таърихи омадани мошин ва васфи «Ҷӯи Хумдон» навишта шудаанд.

Мо дар ин рисола нигоҳи кӯтоҳе ба зиндагӣ ва осори Аҳмад Маҳвӣ (Мираминзода) андохтем, аммо умед бар ин дорем, ки гавҳариёни сухан, мунаққидон ва адабиётшиносони ватан ба баррасиву таҳқиқи осори ин фарзонаи фақид ва чанд тан аз муосирони эшон бипардозанд. Бошад, ки ин чанд сатри нотамом ва хидмати ночизи бандаро шогирдону дӯстдорони осори ин бузургмард чун барги сабзу тӯҳфаи дарвеш бипазиранд ва ба дуое аз анфоси покашон дили ҳазину хотири озурдаи ин ғарибро шод бинамоянд.

*Худоё, чунон кун саранҷоми кор,*
*Ту хушнуд бошию мо растагор...*

# *БАХШИ САВВУМ:*

# МАҚОЛАҲО ВА ТАБРИКОТ

***Нодир ОДИЛОВ***
*профессор*

## АСИЛЗОДА

Сухан гуфтан дар шаъни касе ва сифат кардани касе масъулиятест дар назди Худову бандаҳои ӯ ва ҳукумату давлат. Зеро баъзе ашхос шояд дар назди қавмашон мӯътабар буда, дар назди мардум эътибор надоранд ё дар сатҳи афкори умум, яъне дар сатҳи ҷамъияти шаҳрвандӣ эътибор дошта, вале дар сатҳи ҳукумату давлат шинохта нашудаанд. Аммо ашхосе ҳастанд, ки дар ҳама мавриду макон, дар ҳама ҷабҳа ҳам дар назди мардум ва ҳам дар назди ҳукумат эътибор пайдо кардаанд. Бинобар ин, қазовати симои ҳар кас бояд бо назардошти эътибори ӯ дар доираи ақвоми ҷамъият ва давлат бошад.

Бародари банда Мирзо Аҳмадзода ва авлодашон аз ҳамин зумра одамонанд, ки ҳусни адаби онҳо дилҳоро мусаххар карда, кас аз аҳсант хондан ба онон лаззат мебарад. Эшон дорои шаҷараи бузурге ҳастанд, ки он на танҳо боиси ифтихори Мастчоҳ, балки боиси ифтихори ҳар як тоҷику форсзабон аст.

Падари Мирзо Аҳмадзода мавсуф ва машҳур ба Эшони Муфтӣ, фақеҳи донишманд, шоъири хушкалом, донандаи илмҳои замони хеш буданд. Хушбахтона, банда тавассути фарзандашон ба он кас шинос шудам ва ҳарчанд ин шиносоӣ тӯлонӣ набошад ҳам, то ҳадде аз сӯҳбату насиҳати он кас баҳравар шудаам.

Шиносоии ман бо ин бузургвор дар соли сеюми таҳсил, дар Университети давлатии Тоҷикистон тавофуқ афтод. Мо

дар ҷараёни таҳсил бо зиёиёну олимони риштаи таърихи адабиёт шинос шуда будем ва метавонистем ба онҳо баҳо диҳем. Бемуболиға, гуфта метавонам, ки дар ин ришта донишмандоне ба ҷуз устод Айниву аллома Бобоҷон Ғафуров касе баробари он кас набуд.

Вале ба сабаби сиёсати давлати шӯравӣ, мо аз фарҳанги ғании ин марди бузург ба таври бояду шояд натавонистем истифода кунем. Эшони муфтиро олами форсизабонон баъд аз ба табъ расидани «Девони ашъор»-ашон дар Теҳрон шинохтанд ва қатрае аз маънавиёти ин бузургвор насиби тоҷикону форсизабонон гардид. Агар сиёсати шӯравӣ мусоидат мекард, аз ин ганҷинаи маънавӣ миллат баҳравар шуда, хотираи таърихиаш боз ҳам ғанитар мегардид. Чунин ашхос метавонанд беҳтарин ҳодии миллат бошанд.

Фарзандони Эшони Муфтӣ низ аз падар насиҳат шунида, тибқи гуфтаҳои падар амал мекарданду алъон низ мекунанд. Падар гуфтанд: «Муошират аз нигоҳи меҳрангез дар рӯи одам аз салом шурӯъ мешавад. Дар салом 100 савоб аст ва савоб аз касест, ки бо табассум ва пеш аз дигарон салом мекунад».

Мирзо Аҳмадзодаро ҳеҷ нафаре пеш аз он кас салом карда натавонистааст ва дар ин самт ӯ ҳамеша пешсаф буд ва ҳар рӯз чандин савоб ба он кас насиб мегардид. Муттасил мисли Исои Масеҳ хандонрӯю батаваҷҷӯҳ аст:

*Чу Исо бош хандону шукуфта,*
*На чу хар туршрӯю гирифта.*

Дигар насиҳате, ки аз падар ба писар мерос мондааст, оростани забон бо алфози накӯст, зеро дар Қуръони маҷид омадааст: «Сухани нек ва мағфиратбахш аз садақае, ки аз қафои вай озор бошад, баландтару болотар аст».

Мирзоако ин иқтибоси падарро, ки аз Қурьон аст, як умр пайгирӣ карда, одоби сухану гуфторашон неку манфиатбахш аст. Ӯ метавонад дар одоби сухан гуфтан барои носиҳон намуна бошад.

Дигар насиҳате, ки аз падар шунидаанду як умр онро ри-

оя мекунанд, таҳаммул ҳангоми ғазаб аст. Агар амале ё сухане барои Мирзоако маъқулу мақбул набошад ва ё аз одоб берун бошад, он кас бо як шеваи аҷибу ғарибе табассуме карда, бо ҳамин иктифо мекунанд ва илло медонанд, ки яке аз амалҳои инсони комил таҳаммул ҳангоми ғазаб аст.

Насиҳати дигаре, ки аз падар шунида буданд, порсоӣ дар ҳама лаҳазоти зиндагӣ чӣ дар танҳоӣ ва чӣ дар ҷомеа аст. Пояи одоби порсоӣ садоқат мебошад, зеро садоқат ба хиёнат роҳ намедиҳад ва он дар ҳама мавридҳои зиндагӣ боиси пойдории ахлоқи ҳамида аст. Садоқати Мирзоако нисбат ба давлату сиёсат ва касбу сарзаминаш ӯро маҳбуби ҳамватанон, хешу табор, шогирдону ҳамкасбон ва миллат гардонидааст. Ҳамин садоқат буд, ки толори Донишгоҳи давлатии ба номи С.Айнӣ рӯзи ҷашн лабрез аз дамдамаи аҳсантҳо нисбати ӯ буд.

Дигар амали инсон фурӯтаниву шикастанафсӣ бо вуҷуди қудрат ва тавоноист. Мирзо Аҳмадзода писари аллома ва муфтии водии Зарафшон буда, худ низ шарафи инсонии баланд дорад, ки агар ин шаҷара насиби ягон одами худписанд мебуд, шояд кибру ғурураш дар замину замон намеғунҷид. Лекин боре ҳам нашунидаам, ки акои Мирзо бо шаҷараи бузурги худ болида гуфта бошанд: «Ман писари фалониам ва шаҷараи ман фалон аст». Ҳамон қиссаи вазире ба ёд мерасад, ки ба хотири ба масири сайидзодаҳо ворид шудан шаҷара тартиб дода, барои тасдиқ ба назди ҳазрати Ҷомӣ бурд. Ҳазрати Ҷомӣ дар ҳошияи шаҷара навиштанд:

*Гар ҳаст туро нури набӣ дар башара,*
*Ҳоҷат набувад ба тӯлу арзи шаҷара.*
*В-ар нест туро ба сар чунин нури сара,*
*Шаҷра надиҳад ба ғайри лаънат самара.*

Бале, асилзода будану ба аслаш мувофиқу муносиб буданни Мирзо Аҳмадзода аз рафтору гуфтори ӯ ҳувайдост, ки писари Эшони Муфтист. ӯ дар тақводориву порсоӣ мисли падар аст. Тақводорӣ тибқи фармудаи паёмбари гиромӣ (с.) ин аст, ки дӯст дорӣ барои дигарон он чиро, ки дӯст дорӣ аз

барои худ. Одамон чаҳор навъанд: лаъим, бахил, сахӣ ва карим. Лаъим ин аст, ки на худ мехӯрад ва на ба дигарон медиҳад. Бахил он аст, ки на худ мехӯрад ва на ба дигарон медиҳад. Сахӣ он аст, ки ҳам худ мехӯраду ҳам ба дигарон медиҳад. Аммо карим он аст, ки худ намехӯраду ба дигарон медиҳад.

Мирзо Аҳмадзода дар рӯҳияи каримӣ тарбия ёфта, ин шеваи авлодӣ ба хислати фардии ӯ табдил ёфта буд.

Солҳои 1951-1956, яъне ҳангоми таҳсили мо дар Университет солҳои қаҳтӣ набошад ҳам, чандон фаровонӣ набуд. Моҳонаи студентии мо пеш аз мӯҳлат, яъне - панҷ-шаш рӯз то кӯмакхарҷии навбатӣ ба итмом мерасид ва ягона умеди аз гуруснагӣ наҷот ёфтан акои Мирзо буданд. Мо он касро масъул мекардем, ки бароямон то стипендия пул пайдо кунанд. Баъзан он кас мегуфтанд: «Агар бемалол бошед, як-ду соъат баъд биёед». Ман боварӣ доштам, ки дар баъзе мавридҳо он кас ҳам ба ҳоли мо гирифтор мешуданд, вале масъулияти таъмин кардани моро ба зимма гирифта, худ намехӯрданд ва ба мо нону ғизо медоданд. Ин сифати каримӣ аст, ки худ гурусна нишинӣ ва луқма ба дигарон диҳӣ. Солҳо мегузаранд ва солҳои зиёде ҳам аз он даврон то имрӯз пушти сар шуда, вале ин каримии бародарамон Мирзо Аҳмадзода аз хотирҳо зудуда намешавад. Дар ҳадисе аз Расули акрам (с.) омадааст: «Паррандаҳо дар атроф бо болу пари хеш мепаранд ва инсон бошад, бо болу пари ҳиммати худ парвоз мекунад». Эътибори ҳар як инсон дар ҳиммати ӯст. Ва ҳамин ҳиммат инсонро дар баландии осмони саховат нигоҳ медорад ва муттасил манзури оламиён мегардонад.

Барои Мирзо Аҳмадзода доктори фанҳо будан ва ё профессор шудан эътибор надорад, зеро он касро аввалан, бо шаҷараи бузургашон, сониян, ҳамчун зиёии донишманду ҷавонмарди беҳамто мешиносанд ва олитарин унвон – унвони ҷавонмардист, ки аз падари бузургворашон шурӯъ шудааст.

***Мирзо АҲМАДЗОДА,***
*доктори илми филология, профессори*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории*
*Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

# ШАМЪИ ИРФОНУ МАЪРИФАТ

***чанд ҳарфи гуфтанӣ роҷеъ ба зиндагиномаи Аҳмад Мираминзода***

Падари бузургворам Муфтии Муллоаҳмад Мирмаминзода барҳақ пуштибон ва ҳомии дини Ислом дар водии Зарафшон буданд. То он ҷое ки банда огаҳӣ дорад, дар водии Зарафшон, ба хусус, Масчоҳ касе дар хотир надорад, ки пеш ё пас аз эшон мӯҳри хосаи худро дошта бошад. Шояд чунин шахсиятҳо бошанд, вале дар бораи онҳо то ба имрӯз маълумоте дастрас нашудааст. Мӯҳри ваколатдори иҷрои вазифаи қозӣ ва муфтиро, ба гуфти худи Муллоаҳмад (дар мӯҳр «Мирзоаҳмад» навишта шудааст), охирин ҳокими Бухоро Амир Олимхон шахсан дар рӯзи ҷашни хатми мадраса ба ӯ супорида, қозӣ ва муфтии водии Зарафшон таъин намудааст. Чанд сол пеш ман дар ин бора дар маҷаллаи «Фарҳанг», (шумораҳои №№5,6, соли 2002) ба таври муфассал навишта будам.

Эшони Муллоаҳмад зиёда аз бист сол дар мадрасаҳои Самарқанду Бухоро хиштро болини сар карда, таҳсил менамуданд ва мувофики гуфтаи худашон, аз бебизоатӣ хӯрокашон бисёр вақт шаммаи чой будааст. Дар илмҳои калом, фиқҳу ҳадис, сарфу наҳв ва ғайра касе набуд, ки бо эшон баробарӣ кунад. Аз сарҳади Масчоҳи кӯҳистон то Самарқанду Хуҷанду Истаравшан мардум барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби шаръиву дунявӣ ба эшон муроҷиат карда, мушкилоташонро ҳал менамуданд. Боиси хушнудист, ки эшон андеша ва ҷавобҳояшонро ҳатман бо мӯҳр тасдиқ мекарданд, то мардум минбаъд бо мушкилоте дучор наоянд. Хулоса муаммое набуд, ки эшон ҳал накунанд ва эҳтиёҷмандон ҳамеша бо шодиву қаноатмандӣ сӯҳбаташонро тарк мекарданд.

Шахси ниҳоят парҳезгору порсо ва барҳақ олими тавоно буданд. Доир ба ҳар кадом масъалаи мушкиле, ки муроҷиат мекардед, ҳатман ҷавоби қаноатбахш мегирифтед. Забонҳои арабиву туркиро хуб медонистанд. Баъзан ба забони арабӣ шеър ҳам мегуфтанд. Аз илми арӯз нек баҳравар буданд ва аз ҷумлаи аввалин шоири соҳибдевони қаламрави Масчоҳ маҳсуб мешаванд. Аксари китобҳои шахсии боқимонда аз эшон ба забони арабӣ ҳастанд. Дар назди ҷойнамозашон доимо лавҳу қалам мавҷуд буд ва ҳар субҳ тахминан соатҳои севу чор аз хоб хеста, баъди таҳорат ба тоату ибодат ва қироати Қуръони карим мепардохтанд. Ҳангоми мутолиа аз чашмонашон беист донаҳои ашк ҷорӣ мешуд. Баъди адои намози бомдод ба мутолиаи кутуби илми шаръӣ ва девонҳои Хоҷа Ҳофизу Бедил машғул шуда, нуктаҳои мушкилфаҳми онро ба толибони илм шарҳ медоданд ва худ дар пайравии ашъори Бедил ғазалҳои зиёде иншо кардаанд. Ба андешаи инҷониб, эшон яке аз тавонотарин бедилшиносони интиҳои асри нуздаҳ ва нимаи аввали асри XX буданд.

Илова ба ин донишмандони зиёде ба мисли Мулломирмаҳмуд Мансуров, тағоям Мӯсобек, эшони Олимхӯҷа, Қурчибег (аз Ҳадишаҳр), Домуллоқурбони Арбобзода, Муллотӯра Саидов, бародаронам Мирзоҳомид, Мирзомаҳмуд, камина ва даҳҳо дигаронро аз деҳоти гуногуни қаламрави Масчоҳ номбар кардан мумкин аст, ки аз мактаби эшон гузаштаанд. Масалан, дар бораи Мулломирмаҳмуд борҳо аз эшон шунидаам ва таъкид мекарданд, ки савияи донишу маърифаташ ба иҷрои вазифаи қозӣ ва муфтӣ мерасад.

Падарам ба сиёсат сарукор надошта бошанд ҳам, аз давлатдории шӯравиҳо розӣ буданд. Ба хусус аз адлу адолат, сулҳҷӯӣ, роҳкушоӣ, ободонӣ, таълиму тарбия, илмомӯзӣ, ятимпарварии замони шӯравӣ қаноатманд буданд. Фақат сиёсати зиддидинии сохти гузаштаро қабул надоштанд.

Сиёсатмадорони шинохтаи ноҳияи Масчоҳ дар он замон Муллошоҳсаид Саидов, Муллорӯзӣ Одинаев, Муллонасим Салимов, Муллосангин Ниёзов, ки ҳама аз деҳан Виткон буданд, ҳамсӯҳбати доимиии эшони Муфтӣ буданд ва аз ҳар гуна тӯҳмату иғвогариҳо ҳимояашон мекарданд. Падарам дар

ҳаққи ин шахсиятҳо, ки савияи маърифати диниашон низ баланд буд, ҳамеша дуои нек карда, мардумро ба роҳи росту дуруст, ҷавононро баҳри омӯхтани илму дониш, меҳнат ва рӯзии ҳалол ҳидоят менамуданд.

Эшон баробари фақеҳу зуфунуну порсо ва ҳомии аркони шариат будан деҳқони ниҳоят асил ҳам буданд. Тақвими солро бо рӯзу дақиқааш азёд медонистанд ва ҳамеша назорат мекарданд, ки замин дар вақташ кишт карда шавад. Ҳангоми ҷуфт кардани замин ин корро ба ҳар ҷуфтгар бовар намекарданд. Дар вақти ҷуфт ба сари замин рафта, ҳар хати ҷуфтро бодиққат назорат мекарданд, ки мабодо ягон ваҷаб замин аз нармшавӣ берун намонад. Танҳо бо қувваи худу фарзандон деҳқонӣ намуда, тақозо мекарданд, ки зироат сари вақт об дода шавад, то ягон ҷои замин хушк намонад.

Ҳангоми дарави зироатҳо низ ба сари замин рафта, тарзи даравро назорат мекарданд. Гандум ё алафро қабза карда мегуфтанд, ки акнун аз поёни қабза даравед. Мақсад ин буд, ки гандум ё алафпоча баланд намонад ва як хел ҳамвор бошад. Вақти хирманкубӣ ва бод кардани тӯдаи гандум равиши бодро дида, баъд ба бодгар иҷозат медоданд. Ҳангоми шамоли сахт иҷозат намедоданд, ки бодгар бод кунад, зеро шамоли сахт донаҳои гандумро ба ҳар тараф пош медод. Ман борҳо дидаам, ки худи эшон тӯдаи гандумро бод мекарданд.

Мақсад аз ин навишта ин аст, ки эшони Муфтӣ мисли ҳамдеҳагони ҳамзамони худ намехостанд, ки ягон ваҷаб замин кишт ношуда монад ва беҳуда исроф шавад. Дар деҳа низ хонаҳоро паиҳам месохтанд, то замин исроф нашавад, ба ҳеҷ кас иҷозат дода намешуд, ки заминро беҳуда исроф кунанд. Ба рӯи води замин мегаштанд, то мабодо замини киштшударо зери по накунанд. Ҳосили заминро, ки аз хона дур набуд, деҳқон ба пушт баста ва ё ба хар бор карда, то манзилаш мебурд. Ҳоло чӣ? Ҳамакнун дар сари заминҳои ҳосилхези обӣ хона мепӯшанд. Аламовар ин аст, ки дар заминҳои бобоии худ не, балки заминҳои дигаронро бешармона азхуд карда, манзил месозанд, ки ин на ба қавонини дунявӣ дуруст меояд ва на ба шариати исломӣ. Кас рафтори чунин шахсони беаслу бенасаброро дида, аз ростӣ дар ҳайрат

мемонад, ки ҳукуматдорони маҳаллӣ ба кучо менигаранд? Оё дар ин минтақаи дурдасти кӯҳистон қонунҳои давлатӣ вуҷуд доранд, амал мекунанд ва ё не? Эшони Муфтӣ дар Сари Ускон ном мавзеъ замине доштанд ва дар ду тарафи ҷӯйбор бедҳо қомат рост карда буданд. Деҳқонон чун дар тафси рӯз аз дашти Падроғ ба деҳа бармегаштанд, дар сояи бедҳо андаке дам гирифта, баъд роҳашонро идома медоданд. Замини Сари Ускон ниҳоят ҳосилхез буд. Ҳангоми дарав бандҳои гандумро дар сари замин ғанак карда, дар гӯшаи дигараш хирман мекарданд. Эшони Муфтӣ ҳангоми дараву хирманкӯбӣ дар сояи бедҳо намоз хонда, ҳамроҳи ҳамдеҳагон кору истироҳат мекарданд ва ба рафти дараву хирманкӯбӣ назорат мебурданд. Дар ин замин чунонки дар урфият мегӯяд, агар дуруст меҳнат кунӣ, одам мерӯид. Эшони Муфтӣ ҳосили баланди онро дида, ба ваҷд меомаданд ва таъкид мекарданд, ки натиҷаи меҳнати хуб ҳамин аст. Доманаи замини Сари Ускон маҳалли дӯстдошта ва ҷои истироҳати мардум ва эшони Муфтӣ буд. Падару модарам солиёни зиёд дар деҳаи Падроғ зиндагӣ мекарданд ва мо - панҷ нафар фарзандон зодаи ҳамин деҳаем. Мардуми калонсол хуб медонанд, ки солҳои 1930-1937 барои рӯҳониён ва ашхоси аз хату савод бохабар солҳои хавфноктарин буданд. Афроди донишмандро ба ҷурми босавод будан сахт таъқиб мекарданд, бо баҳонаи ночиз ва ё бе баҳонае ба қатл мерасонданд. Эшони Муфтиро низ соли 1932 панҷоҳу ду рӯз ва соле баъд бисту нӯҳ рӯз бо ҳамин гуноҳи «мулло будан» ба ҳабс гирифтанд. Хушбахтона, дар рафти тафтиш бегуноҳиашон исбот гардида, беҷазо озод мешаванд. Дар он солҳо баъзе ашхоси навбарӯзрасидаи бефарҳангу бетарбия аз шиори маъмули «ҳукумати нав ҳукумати камбағалон аст», истифода бурда, ба дурӯғу тӯҳмат аҳли зиёву маърифатро сиёҳ мекарданд. Муфтиро бо баҳонаи заминдор будан ва гӯё дигаронро истисмор карданашон кулак намуданд. Дар асл эшон ҳеҷ гуна хизматгор надоштанд ва ҳаргиз касеро ҳам истисмор накардаанд. Фақат бо қувваи бозуи худу фарзандон касби деҳқонӣ мекарданд. Сабаби Витконро бештар макони истиқоматӣ қарор доданашон дар ҳамин аст.

Мардуми Виткон эшонро бисёр азизу гиромӣ медоштанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки ними мардуми ин деҳа аз тарафи модарӣ хешу табори мо буданду ҳастанд ва хешу бегона нисбат ба падарам сахт эътиқодманд буданд. Масъулини ҳукумати ноҳия дар он замон эшонро таъқиб намекарданд. Танҳо вақте ягон бефарҳанг аз болои муллоҳо донос менавишт, аз чашми мардум пинҳон мешуданд. Ду шахси фозил Шоҳсаид Саидов ва Муллорӯзӣ Одинаев (аз деҳаи Виткон) ки дар вазифаҳои масъули ҳукуматӣ кор мекарданд, дар наҷот додани эшони Муфтӣ аз ҳама хавфу хатарҳо саҳми бузург гузоштаанд. Ҳатто Муллорӯзӣ Одинаев, ки раёсати НКВД-и ноҳияро ба зимма дошт, ба эшони Муфтӣ гуфтааст, ки «то зиндаам, кӯшиш мекунам, ки ба Шумо касе осеб нарасонад».

Акои Олимхоҷа аз деҳаи (Пастиғав) борҳо таъкид мекарданд, ки мардуми Виткон дуои хайри эшони Муфтиро гирифтаанд, бинобар ин, ҳеҷ гоҳ хор намешаванд. Худи ман шоҳиди айнӣ ҳастам, ки дар ҳақиқат зану мард ва хурду калони Виткон ҳамеша эҳтироми эшонро ба ҷо меоварданд. Апаи Азизмоҳ - ҳамсари котиби кумитаи ҳизбии ноҳия, ки роҳбарии корҳои идеологиро ба ӯҳда дошт, чанд муддат эшони Муфтиро дар хонаашон пинҳон карда, хизматашонро ба ҷо овардаанд. Дар он солҳои гирудор барои котиби райком ин амал чӣ хел оқибат дошт, ҳатто тасаввур кардан ҳам ғайриимкон аст. Ҳамин тавр апаи Тилломоҳ ва дар маҷмӯъ ҳамаи бошандагони деҳа эшонро иззату эҳтиром намуда, гиромӣ медоштанд. Апаи Азизмоҳ ва Тилломоҳ духтархондҳои эшони Муллоаҳмад буданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки эшон зодгоҳ ва ҳамдеҳагонашонро низ беҳад дӯст медоштанд ва дар хотир надорам, ки боре ҳам аз ягон бошандаи деҳаашон изҳори норозигӣ карда бошанд. Эшон шахси шабзиндадор буданд. Дар рӯзҳои барояшон мувофиқ (агар барфу борон набошад) оҳиста-оҳиста пиёда ба Дашти Болои Виткон, ба Падроғ мебаромаданд. Дар сари роҳ аввал ба зиёрати апаҳояшон Бибитошбико ва Бибимоҳ, ки ниҳоят ҳалиму меҳрубон буданду додарашонро бо иззату икроми фаровон пазироӣ мекарданд,

медароmаданд. Ман ҳам, ки фарзанди кенҷаашон будам, гоҳ-гоҳ ҳамроҳашон ба Падроғ мебароmадам ва ҳамаи ин меҳрубониҳои самимӣ дар хотирам мондаанд. Эшон муддате пас аз боздиду сӯҳбат ба ҷои ҷамъомади мардум - Сари санг баромада, бо мардум гарму ҷӯшон сӯҳбат карда, ба саволу пурсишҳояшонро ҷавоб медоданд ва пасон ба хонаи хешу табор рафта, пас аз намози пешин боз ба Виткон бармегаштанд. Мардуми Падроғ низ мунтазам барои зиёраташон ба Виткон мефароmаданд.

Эшон борҳо азм намуданд, ки ба зодгоҳашон - деҳаи Падроғ бароянд. Аммо бузургони деҳаи Виткон бо сарварии раиси ҳамонвақта Мирзоҳасан Муҳаммадов ду даст пеши бар гирифта, ба ин монеъ мешуданд. Эшон ҳам ба хотири некиҳои фаровони мардуми Виткон аз рӯяшон гузашта натавониста, то охири ҳаёт ба ин мардуми қадршинос содиқ монданд.

Дар бораи хизматҳои мардуми Виткон ба эшони Муфтӣ ҳар қадар гӯяму нависам, кам аст. Иншоолоҳ, фурсат ёфта, бори дигар ба ин мавзӯъ бармегардем. Ҳоло ҳамин қадар гуфтанӣ ҳастам, ки ҳангоми вафоташон (8-уми июни соли 1955) ман донишҷӯи курси панҷуми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин (алъон Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон) будам. Ҷои дареғ аст, ки дар рӯзи дафнашон маро хабар накарданд. Шоҳидон нақл карданд, ки дар он рӯз аз ҳамаи деҳаҳои Масчоҳ ва бисёр деҳаҳои ноҳияи Фалғар мардуми зиёд ҷамъ омаданд ва барои ҷобаҷо кардани меҳмонон баъзеҳо ба воҳима афтоданд, ки оё аз ӯҳдаи иҷрои ин масъулият баромада метавонанд ё не? Аммо мардуми Виткон бо сарбаландӣ аз ӯҳдаи ин кор баромада, ҳамаи меҳмонони дуру наздикро бо ҳурмату иззати тамом гусел намудаанд. Шоҳидон нақл карданд, ки дар он рӯз тобутро на бо роҳи муқаррарии ҳарвақта, яъне бо барози Виткон то ба қабристон бурдаанд, балки ба Дашти Болои Виткон, таги Новҳои Падроғ ва роҳи калони мошингард ба манзили охирашон бурдаанд. Ин амал бо илтимоси анбӯҳи мардум ба он мақсад, ки дасти ҳамаи мардум ба тобут расад, воқеъ гардидааст. Дар ин анбӯҳи мардум чандин кас зери по монда, захмӣ шудаанд

ва ҳатто сари Муллоҳалим Салимов, ки солҳои тӯлонӣ сарварии деҳаро ба ӯҳда доштанд, кафидааст. Ин ҳама шаммае аз саргузашти Муфтӣ Мирзоаҳмад ва қадршиносии мардуми Виткон нисбат ба афроди донишманду фарзонае амсоли эшон мебошад.

ꕤ

*Абдулманнони* ***НАСРИДДИН,***
*доктори илми филология, профессор.*

## СОҲИБНАЗАРИ СОИБНАЗАР

Бо осори донишманди шинохтаи тоҷик, профессор Мирзо Аҳмадзода дар давраи донишҷӯӣ ошноӣ пайдо кардаем. Рисолаи илмии эшон дар бораи аҳволу осори Дарвеши Деҳакӣ аз ҷумлаи китобҳоест, ки мо донишҷӯён аз онҳо нуктаҳои ҷолибу арзишманд дарёфт мекардем. Дарвеши Деҳакӣ шоире озоду вораста буд, ки тобистон ба боғдорӣ иштиғол дошт ва зимистон бофандагӣ мекард, ба қавли тазкиранависон «луқмаи ҳаром ва таоми подшоҳон намехӯрд». Дертар чун ба устод Мирзо Аҳмадзода ошноӣ пайдо кардам, дарёфтам, ки миёни шахсияти эшон ва шоири озодаи қарни XV Дарвеши Деҳакӣ қаробати зиёде ҳаст. Ин наздикию пайванди маънавӣ дар ахлоқи ҳамидаи ин донишманди соҳибназару соибназар ва нигоҳи ин азизон ба зиндагӣ бештар зуҳур ёфтааст.

Замоне ки бародари азизам Мирзо Шакурзода осори падари бузургвори эшон Аҳмад Мираминзодаро дар Теҳрон ба табъ расониданд, барои ман рамзу розҳои шарофат ва озодагию виқори устод Мирзо Аҳмадзода ошкор гардид. Устод ва ҳамкасби азизи мо дар вуҷуди худ анъанаҳои дерини маърифати исломӣ ва суннатҳои хонаводагиро ҳифз кардаанд. Зиндагиномаи илмию донишгоҳӣ ва хонаводагии устод барои мо дарс ва мояи ибрат аст. Бояд ҳар нафаре аз мо донишиёну донишгоҳиён дар ҳифзи суннатҳои асил ва решаҳои фарҳанги инсонсоз ва инсонофарину инсонпарвари худ собит ва устувор бошем.

Фарзандон ва шогирдонро дар маслаки нурафшони он тарбияту парвариш дода, он аслро бо бозёфтҳои замони нав пайванд бикунем.

Устод Мирзо Аҳмадзода ҳамин масъулият ва вазифаи азимро бештар аз мо шинохтаанд. Осори илмие, ки дар таҳқиқи аҳволу осори яке аз чеҳраҳои дурахшони илмии қарни XV – Ҳусайн Воъизи Кошифӣ ва фарзанди ӯ Мавлоно Фахриддин Алии Сафӣ ба табъ расонидаанд, китобҳои мондагори адабиётшиносии муосир хоҳад буд. Устод бештар ба нуктаҳои ахлоқӣ ва таълимоти гаронқадри он бузургони иқлими дониш ва фанни насрнависӣ пардохтаанд. Нуктаи ҷолиб он аст, ки устод бо масъалаи пажӯҳиши осори номварони асри XV ва асрҳои дигар маҳдуд намонда, аксари осори онҳоро таҳияву нашр кардаанд, ё дар садади ба табъ расонидани он осор мебошанд.

Худои меҳрубон барои устод ва ҳамкори азизи мо, профессор Мирзо Аҳмадзода умри дарози пурбаракат ато кардааст. Орзуи мо ба самар нишастани мақсадҳои неки ин марди некӯном, саломатию сарбаландии эшон ва неъмати шукргузорию бархурдорӣ аз давлати пирист.

***Анзурати МАЛИКЗОД,***
*номзади илми филология,*

## КОШИФИ АСРОРИ МАЪНӢ

*(Андешаҳо перомуни рисолайи доктор Мирзо Аҳмадов «Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ»)*

*Гар тири ту зи ҷавшани фӯлод бигзарад,*
*Пайкони оҳ бигзарад аз кӯҳи оҳанин.*
*(Ҳусайн Воъизи Кошифӣ)*

Пажӯҳиш, таҳлил ва баррасии мероси гаронсанги классикони форсу тоҷик ҳамвора саҳифайи тозаеро аз таърихи овозаманду ғании ниёгон барои хонанда тақдим медорад ва рав-

занаеро сӯйи худшиносиву худогоҳӣ ва дунёи маънавӣ боз мекунад.

Муҳаққиқони ин мероси гаронбаҳо чун ғаввоси гавҳаршинос дурдонаҳои ноби суханро аз хазинайи ғаниву беинтиҳойи меросмонда аз бузургонамон, аз тоқу равоқи осорхонаҳо ва ҷунгу дастхатҳои нодир берун меоранд, ба таҳқиқ ва пажӯҳиш мепардозанд ва дубора ба чоп расонда, манзури хонанда месозанд.

Профессор Мирзо Аҳмадов аз зумраи он адабиётшиносони мумтоз ва пухтакору заҳматқаринест, ки шаст сол ба ин тараф чун меросбари муҳибу ғамхори осори ниёгон дар таълиму тарбияи толибилмон ва таҳқиқу нашри осори адибони классики форсу тоҷик камари ҳиммат бастаанд.

Яке аз паҳлӯҳойи муҳим ва ҷолиби фаъолияти пажӯҳишгарии эшонро таҳқиқи амиқ ва доманадори рӯзгор ва осори нависанда ва воъизи маҳбуби асри XV Ҳусайн Воъизи Кошифӣ ташкил медиҳад ва нахустин кошифи ганҷинаҳои маъонии Воъиз дар ҷумҳуриямон маҳсуб мешаванд.

Ҳусайн Воъизи Кошифӣ зодаву парвардаи муҳити иҷтимоиву фарҳангии асри XV тоҷик буда, дар аҳди мутафаккирони бузург ва номии замон, монанди Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Амир Алишери Навоӣ умр ба сар бурдааст. Ӯ аз илмҳои маъмулӣ, аммо муҳими замонааш: нуҷум, ваъзу иншо, ахлоқ, таърих, тасаввуф, риёзиёт, фиқҳ, адаб ва амсоли инҳо огоҳии комилу жарфе дошт. Воъиз чун донишманди зуфунуни замон дар ҳар яке аз ин риштаи илм асарҳои мондагор ва ҳоизи аҳамияти бузурги ахлоқӣ таълиф ва тадвин намуда, барои мо ба мерос гузоштааст.

Бинобар маълумоти устод М. Аҳмадов ва дигар аҳли таҳқиқ ва зикри сарчашмаҳои таърихӣ беш аз 37 асари Ҳусайн Воъизи Кошифӣ дар соҳаҳои гуногуни илм то имрӯз маълуму машҳуранд, ки ин, албатта, ба гуфтан осон аст.

Муаллифи асарҳои зиёди арзишманди илмӣ будани Ҳусайн Воъизи Кошифӣ баёнгари он аст, ки ӯ дониши пурвусъат ва андӯхтаҳойи бешуморе дар илмҳои роиҷи замон доштааст ва ба омӯзишу таҳқиқи аҳволу осори ин андешаманди тавоно ва воъизи яккаву ягонаи асри XV дил бастани

олими ворастаи тоҷик, доктор Мирзо Аҳмадов гувоҳӣ аз он медиҳад, ки ӯ шефтаи воқеии ин мероси гаронбаҳо ва бузургиву азамати маънавист ва аҳамияти волойи илмӣ ва таърихии осори Воъизро ба таври амиқ дарк кардааст.

Дилбастагӣ ба мероси ин воъиз то ҷоест, ки устод Мирзо Аҳмадов солҳои зиёде вуҷуди шарифу умри пурбаракати хешро сарфи омӯзишу таҳқиқи осори ахлоқии Ҳусайн Воъизи Кошифӣ намудаанд. Ва комилан дуруст дарк кардаанд, ки назарияи ахлоқии Ҳусайн Воъизи Кошифӣ ва мутафаккироне амсоли ӯ дар рӯзгори моддигароии ифротии башарият ва раванди ҷаҳонишавии муосир метавонад инсонро то ҳадде аз олудагиҳо наҷот бидиҳад ва ба саодату хушбахтӣ ҳидоят намояд. Аз ин рӯ, устод М. Аҳмадов як ришта аз фаъолияти хешро ба омӯзиши насри ахлоқии Ҳусайн Воъиз ихтисос дода, метавон гуфт дар ин роҳи тӯлонии пурзаҳмат ба комёбӣ ноил гардидаанд.

Натиҷаи ҷустуҷӯ, бозёфт ва таҳлили андешаҳои ахлоқии Ҳусайн Воъиз дар рисолайи илмии Мирзо Аҳмадов «Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ» (аз нигоҳи Ҳусайн Воъизи Кошифӣ) ва чандин мақолаҳойи илмии эшон дар хидмати аҳли илму дониш қарор гирифтааст, ки ин ҷо сухан аз заҳамоти мондагори ин донишманди арҷманд дар миён аст. Ҳамкорони М. Аҳмадов дар Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе, ба номи аллома С. Айнӣ ва теъдоде аз шогирдони ба камол расидайи устод бар ин ақидаанд, ки беш аз чоряки умри гаронмояи эшон дар таҳқиқ, баррасӣ ва таснифу нашри осори гаронқадри Воъиз, ба вижа китоби дар боло зикршудайи ӯ сарф гардидааст.

Рисолаи мазкур дар асоси маводи фаровони илмиву адабӣ ба зевари чоп ороста шуд. Муаллифи он Мирзо Аҳмадов дар ин таълифоти хеш назарияи ҳоизи аҳамияти илмӣ ва дидгоҳҳои мутараққии Ҳусайн Воъизи Кошифиро мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор дода, кӯшидааст, ки маншаи аслии андешаҳои тарбиявию ахлоқии ин нависандаи мумтозро бо забони илмӣ ва баёни фасеҳи олимона нишон бидиҳад. Ҳарчанд Ҳусайн Воъизи Кошифӣ чун воъизи оташинсухан ва донандаи беҳамтои илмҳои зиёди рӯзгораш роҷеъ ба нуктаҳо

ва соҳаҳои мухталифи ҳастӣ ибрози назар кардааст ва асарҳои алоҳидаи илмӣ таълиф намудааст, аммо дидгоҳҳои ахлоқии ӯ дар ин рисола бештар диққати муҳаққиқро ҷалб кардааст. Хусусан, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва ойини давлатдориву ҳукмравоӣ аз нигоҳи адиб Ҳусайн Воъизи Кошифӣ аз сӯи устод М. Аҳмадов бештар таҳлилу таҷзия шудааст, ки ин мавзӯъ барои ҳар давру замон аҳамияти хосеро молик аст.

Донишманди мӯҳтарам Мирзо Аҳмадов биниши ахлоқии Ҳусайн Воъизро барои ҷомиаи феълӣ ва фардои мо зарур меҳисобанд. Ва инчунин хуб дарёфтаанд, ки тоҷикон пас аз ҳазорҳо соли даҳшату фоҷиаҳои таърих, инак, муҷаддадан дар саргаҳи давлатдориву миллатсозӣ қарор доранд ва дар ин ҷода ба кор гирифтани андешаҳо ва назарияи ахлоқии Ҳусайн Воъизро дар ойини давлатдорӣ дар ҳадди матлуб арзёбӣ кардаанд.

Рисолаи «Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ» (аз нигоҳи Ҳусайн Воъизи Кошифӣ) аз чаҳор боб иборат буда, ҳар як боб аз мавзӯъҳои рез, аммо пураҳамият фароҳам омадааст. Дар ин чаҳор боб муаллиф нуктаҳои муҳим ва масоили асосии шахсият ва осори воъизи тавоноро таҳлил кардааст.

Боби аввали рисола «Тарҷумаи ҳоли илмӣ ва мероси ахлоқӣ-бадеии Ҳусайн Воъизи Кошифӣ» унвон дорад. Устод М. Аҳмадов дар асоси далелу санадҳои таърихӣ дар ин рисолаи илмӣ тарҷумаи ҳоли Ҳусайн Воъизро ба таври комил барқарор кардаанд. Хонанда аз ин боб бо чеҳраи адабӣ ва инсони ҳакими тавоно ҳамаҷониба ошно мегардад. Аксар иттилооте, ки мо аз рисола дарёфтем, ҷолиб ва ҳоизи аҳамияти хосанд. Аз ҷумла, дар бораи маҷлисҳои пурҳашамати вазъу воъизии Ҳусайн Воъиз маълумоти зеринро дарёфтем, ки бикр ва ҷолиб арзёбӣ гардид: «Тарҷумони «Маҷолисуннафоис» Муҳаммади Қазвинӣ, ки аз ҳамасрони Ҳусайн Воъиз буд, доир ба тарҷумаи ҳол ва мероси ӯ дар тазкираи мазкур ин тавр таваққуф кардааст: «Мавлоно, чунон ки ҳама касро маълум аст, воъизе дар ғояти хубӣ аст ва дар олам аз бани Одам воъизе ба хубии ӯ набуда ва нест. Дар маҷлис вазъи ӯ ҳарчанд, ки васеъ ва кушода бошад, аз касрати ҷамъияти мардумон ҷой аксар нест ва аз касрати мазоҳимати халқ бими

ҳалокати баъзе мардумон буда ва касрати издиҳоми эшон ҷиҳати ин аст, ки овоз ва иншои Мавлоно дар ғояти ҳусну латофат буда…»

Боби дуввуми рисолаи мазкур «Ҷаҳонбинӣ, масъалаҳои ахлоқӣ, таносуби ахлоқ ва тасаввуф дар осори Ҳусайн Воъизи Кошифӣ унвон дорад. Дар ин ҷо муаллиф дидгоҳҳои нависандаро аз нигоҳи ҷаҳонбинии маъмулии замон – ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншиносии исломӣ ба доираи таҳлил гирифта, ӯро на танҳо як шахси Худоҷӯй ва мӯътақиди яккаву ягонагии Худову пайғамбар ва пайравони ӯ меҳисобад, балки эшонро яке аз мубаллиғини ғояҳои пешқадами дини Ислом ва ҷараёни тасаввуф арзёбӣ кардааст. Дар ин боб аз рисола Мирзо Аҳмадов андешаҳои тасаввуфии Ҳусайн Воъизро ба риштаи таҳлили жарф кашида, ба хулосае расидааст, ки тасаввуфи Воъиз гӯшанишиниву тарки дунё набуда, балки як ниҳоди пешқадам ва мардумӣ аст, ки бо шиорҳои равияи тасаввуфи нақшбандия: «Дил бо ёр, тан ба бозор», «Дил ба ёр, даст ба кор», «Сафар дар ватан ва хилват дар анҷуман» ва мисли инҳо ҳамовозиву ҳамоҳангӣ пайдо мекунад.

Аз ин ҷо аён мешавад, ки Ҳусайн Воъиз яке аз ташвиқгарон ва мубаллиғони фаъоли андешаҳои исломӣ ва тасаввуфӣ дар рӯзгори хеш будааст.

Аз мавзӯъҳои мухталифе чун тавҳид, имон, Ислом, наъти пайғомбар (с), сифати авлиё, намоз, рӯза, закот, ҳаҷ, ҷиҳод, фазилати Қуръон, тасбеҳ, зикр, баёни дуо ва даъвои маъсура ва амсоли инҳо дар «Чиҳил ҳадис» ном асараш муфассал сӯҳбат оростани Ҳусайн Воъиз далели он аст, ки ӯ дар илму дониш ва ҳунари воъизӣ яккаву ягона ва ангуштнамои давронаш будааст ва дар тарғиби андеша, фалсафа ва маърифати исломӣ дар ҷомиаи хеш саҳми назаррасе гузоштааст.

Боби саввуми рисолаи М. Аҳмадов «Масъалаҳои умдаи ахлоқӣ дар насри ахлоқӣ-адабии Ҳусайн Воъизи Кошифӣ» унвон дорад. Дар ин боб муаллиф назарияи ахлоқии нависандаро шартан ба ду қисм тақсим кардааст: а) ахлоқи иҷтимоӣ ва сиёсӣ; б) масъалаҳои ахлоқи фардӣ. Пас аз чунин тақсимоти шартӣ, муаллиф андешаҳои ахлоқии Воъизро дар бораи ҳодисаҳои гуногуни ҳастӣ таҳлил карда, намунаҳои

ҷолиб ва раднопазир барои исботи даъвояш овардааст. Ба вижа дар ин қисмат андешаҳои Ҳусайн Воъиз роҷеъ ба ойини давлатдорӣ ҷолиб ва муассиранд. Нависанда бунёди давлатро адлу адолат медонад: «…яксоата адли подшоҳ дар паллаи тарозу аз ибодати шастсола вазнинтар аст».

Ба андешаи Ҳусайн Воъиз адлу инсоф бақои одам аст: «Чун адлу дод ва инсоф аз миён бардошта шавад, зулму ситам, қаҳту вабо, фисқу фуҷур, зинову риё авҷ мегирад. Дар мамлакат duздиву авбошӣ афзуда, бо молу ҷони мусалмонон дасти фасод дароз карда мешавад» ва нигоранда пас аз баёни ақидааш баройи тақвияти фикр байти зеринро меорад:

*Адл кун з-он, ки дар вилояти дил*
*Дари пайғомбарӣ занад одил.*

Аз ин боби рисола бармеояд, ки Ҳусайн Воъиз дар иртибот ба масоили ахлоқу одоб ва хусусиёти амир, вазир, шахсоне, ки ба халқ ҳукм меронанд, муфассал сухан гуфта, онҳоро ҳамеша ба адлу дод, раиятпарварӣ, донишу хирад, таҳсилу андеша ва дину диёнат ҳидоят кардааст. Аз ҷумла, дар саҳифаи сеюми рисола омадааст: «Вазифаи вазирон аз он иборат аст, ки барои ба роҳи рост ҳидоят кардани подшоҳон ёрӣ расонанд. Агар подшоҳ қонуну қоидаи адлу додро фаромӯш карда бошад, ба ёдаш биёранд ва агар ба ёди султон бошад, ба ӯ мадад кунанд. Вазир бояд ростқавлу ростгуфтор ва ростқадам бошад, миёни халқу подшоҳ ростиву баробариро нигоҳ дорад. Агар дар вазифаи худ мисли қалам росткору ростов бошад, монанди коғаз ҳамеша тозаву сафедрӯ мемонад:

*Эй он, ки муҳаррирӣ ба девони вуҷуд,*
*Ҳон, дасту қаламро зи пайи буду набуд.*
*Ҷуз бар варақи ҷаридаи адл манеҳ,*
*Имрӯз, ки кор метавонӣ фармуд.*

Ҳар сатр ва ҳар саҳифаи ин боб, чунон ки мушоҳида кардем, оганда ва саршор аз андешаҳои ахлоқист. Аз ин рисола аён мешавад, ки адлу дод, раиятпарварӣ, бечоранавозӣ,

меҳрубонӣ ба мардуми бенаво, дили шикастаеро навозиш кардани шоҳону ҳакимон орзуву ормони ҳамешагии Ҳусайн Воъиз будааст. Вай сират ва сурати шоҳи ормониро тавассути асарҳояш офарида, назарияи ахлоқии хешро ошкоро баён доштааст. Аз ҷумла, дар ин боб муаллифи рисола асари «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воъизро бо ҷузъиёт ва вижагиҳояш баррасӣ намудааст.

Ниҳоят боби чаҳоруми рисоларо профессор Мирзо Аҳмадов «Хусусиятҳои услубии насри ахлоқӣ-бадеии Ҳусайн Воъизи Кошифӣ» ном гузошта, дидгоҳҳои адиброн бо далелҳои илмӣ нишон додааст. Аз ҷумла ӯ менависад: «Қимати ғоявию эстетикии эҷодиёти Ҳусайн Воъиз дар он аст, ки вай аз мавқеи идеологияи ҳукмрони замон масъалаҳои муҳими ҳалталаби иҷтимоӣ ва ҷамъиятиро ҳал карданӣ шудааст, ки ин яке аз хусусиятҳои ба худ хоси методи эҷодии нависанда мебошад».

Хулосаҳои муаллифи рисола дар бораи услуб ва банду басти насри ахлоқии Ҳусайн Воъиз боэътимод ва хеле муҳаққиқонаанд. Ва аз мӯҳтавову маънии ин китоб бармеояд, ки Ҳусайн Воъизи Кошифӣ чун донандаи беназири Қуръон ва илми шариат дар осори ахлоқиаш нуктаҳои муҳими башардӯстӣ ва муносибати байни одамонро баён кардааст. Метавон гуфт, ки асарҳои панду андарзии ӯ чун қомуси бузурги ахлоқ барои ҷомиаи имрӯзу фардо хидмати сазовореро метавонад анҷом бидиҳад. Зеро дарди рӯзгори Ҳусайн Воъиз дарди имрӯзи ҷомиа ва ҳама давру замонҳост.

Дар таҳқиқоти Мирзо Аҳмадов Ҳусайн Воъиз як нависандаи факур ва ниҳоят ҷасуру диловар намоён мешавад ва беибо ба шоҳони замонаш панду андарз медиҳад ва онҳоро ба адлу дод мехонад. Ва бо ин наҳваи баён идеяи шоҳи ормониро ба миён мегузорад.

Сеюм: Ҳусайн Воъизи Кошифӣ ҳамзамон бо ироаи панду андарз ва баёни вазъу мавъизагӯйӣ забони форсии тоҷикӣ ва шеъри ҷаҳонгири моро байни мардум дар баробари ақоиди ислому Қуръон тарғиб менамояд. Ҳар панду андарзе, ки мегӯяд, дар тақвияти он ҳатман банде, қитъае ва ё ғазале аз шуарои классик, хосса, Фирдавсӣ, Саъдиву Ҳофиз, Ҳоқонӣ ва

дигарон меоварад, ки чунин наҳваи эҷод ҷаззобияти суханро як бар чанд меафзояд.

«Тафсири Ҳусайнӣ»-и Ҳусайн Воъиз, ки тафсири нисбатан зебо ва мукаммал бар Қуръони маҷид аст, бо забони ноби тоҷикӣ иншо ва бо шеъри оламгири форсӣ зебу зиннат ёфтааст ва солҳост, ки ташнагии ташнагони маърифати исломӣ ва шефтагони шеъри волоро шикаста меояд.

Муҳаққиқи мӯҳтарам, доктори илми филология, профессор Мирзо Аҳмадов тамоми ин вижагиҳои рӯзгор ва осори Ҳусайн Воъизро дар рисолаи «Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ» ҳамаҷониба ва бо зебоии тамом зикр карда, бо иншои ин китоби пурарҷ кори хайр ва арзишмандеро сомон додаанд. Зеро, ҳикмату фалсафаи ин рисола дар рӯзгори мо ва пас аз мо низ чун ҳадису ҳикмати ишқ абадӣ ва пойдор хоҳад монд.

*КӮҲЗОД*,
*Нависандаи халқии Тоҷикистон*

## ДАР ТАБРИКИ ДӮСТ

Фурӯтанӣ аз фаросат бармехезад. Фаросат аз хислат ва сифатҳойи хирадмандон аст.

Мирзо Аҳмадовро фурӯтанӣ сохта ва аз маврид ба маврид ва ё аз маърака ба маърака нест. Вай табиатан фурӯтан аст, ки аз фаросати модарзодиаш баромадааст ва бо донишу хирад обутоб ёфтааст. Бино бар ин, устод дар рӯзгор ва дар тӯли умри дарозаш, дар баробари вазъу ҳоли маъмуриву сиёсиву иҷтимоӣ ранги рӯ бадал накардааст, тағйир наёфтааст ва дар рафтору гуфтору кирдор аз асолати худ ва аз ахлоқу одоби ҳамидаи Инсон заррае дур нарафтааст.

Мирзо Аҳмадов тамоми умр бо ибрати шахсӣ, бо дарс ба шогирдон, бо тадқиқоти илмӣ мубаллиғи ахлоқу одоби ҳамидаи Инсон буду ҳаст.

Зодрӯз муборак, дӯсти арҷмандам!

***Абдулҳамид САМАД,***
*Нависандаи халқии Тоҷикистон.*

## ДАБИРИ МАКТАБИ ОДАМИЯТ

Аслан мо зимни мутолиаи як асари зебо ва саршор аз панду ҳикмат ва ё саргузаштҳои аҷоибу ғароиби классикӣ бо ҳуруфи кириллӣ бештар шефтаву мафтуни мӯҳтаво, ҳунари нигорандагӣ, забони поку ширин, зарофатгӯӣ ё ҷасорату ҷавонмардии қаҳрамонон шуда, заҳмати беҳисоби касеро, ки тӯли солҳо ин ганҷинаро бо меҳру муҳаббат, балки бо сарфи нури чашм заргарона омодаи чоп кардааст, аз ёд мебарорем. Шуморо намедонам, вале банда борҳо аз хондани осори гаронбаҳои Ҳусайн Воъизи Кошифӣ лаззат бурда, ҷаҳон-ҷаҳон маънӣ бардошта, баростӣ заҳмати басо сангин, лек пурифтихори донишманди арҷманд Мирзо Аҳмадовро кам пеши назар оварда будам. Вале имрӯз дарк кардам, ки эшон аз ҷавонӣ ба кори бузурге камар баста, барои ҳаммиллатон ва дӯстдорони каломи бадеъ хидмати ҷавонмардонаеро адо кардаанд.

Доктори илми филология, устоди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, ба номи устод Айнӣ, профессор Мирзо Аҳмадов беш аз панҷоҳ соли умри бобаракати худро дар тарбияи донишомӯзон, мутахассисони соҳаи илм ва таҳқиқу баррасии осори бузургони адабиёти форсу тоҷик ба харҷ додааст. Нашри ҳашт монография, чиҳил мақола ва рисоили илмиву методӣ, таҳия, тадвин ва чопи даҳҳо дастхатҳои форсӣ, аз ҷумла насри ахлоқиву бадеии Ҳусайн Воъизи Кошифӣ, девонҳойи Дарвеши Деҳакӣ, Шавкати Бухорой, Аҳмад Мираминзода ва ғайра маҳсули қаламии пуртавони эшон аст.

Нуктайи дигаре, ки мебояд ин ҷо мутазаккир шавем, решаи мустаҳкам, наҷобат, фурӯтанӣ ва одамияти баланди ин марди шарифи рӯзгори мост, ки имрӯз пой ба қуллаи 80-и умр мегузорад. Ба ҳамин муносибат профессор Мирзо Аҳмадовро самимона табрик менамоем.

***С. САИДОВ,***
*дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики*
*ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.*
***А. ХУДОЙДОДОВ***
*дотсент*

## ОМӮЗГОР ВА ОЛИМ

*Марди хирадманди ҳунарпешаро,*
*Умр ду боистӣ дар рӯзгор.*
*Бо яке таҷриба андӯхтӣ,*
*Умри дигар таҷриба бурдӣ ба кор.*

Омӯзгор, шахси накӯсиришту ҳалиму меҳрубон, инсони комил, олими борикназару нуктасанҷ, марди хирадманд, падари маънавии чандин насли омӯзгорону адабиётшиносони тоҷик Мирзо Аҳмадов моҳи майи соли 2010 80-сола мешаванд. Ин марди хушсиришт, ки аз чеҳрааш нур мепошад, 13-уми майи соли 1930 дар деҳаи Падрохи ноҳияи Мастчоҳи кӯҳӣ, дар оилаи шахси олим ва шоири маъруф Аҳмад Мираминзода чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳаш аз падари донишманд гирифта, чанд муддат дар омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Уротеппа таҳсил мекунад ва аз соли 1946 ба кори омӯзгорӣ машғул мегардад.. Соли 1950 омӯзишгоҳи педагогиро хатм карда, то соли 1951 ба пешаи омӯзгорӣ машғул мешаванд. Азбаски аз хурдсолӣ ба адабиёт, махсусан назми классикӣ меҳру муҳаббати зиёд дошт, орзӯи такмилу афзун гардонидани омӯзиши осори адибони ниёгон ӯро ором намегузошт. Ба ҳамин ният соли 1951 ба УДТ ба номи В.И.Ленин ба факултети таъриху филология дохил мешавад. Ҳангоми таҳсил ба нозукиҳои илми филология, махсусан риштаи адабиётшиносии он аз наздик ошно гардида аз Ш.Ҳусейнзода, Д. Тоҷиев, А.Мирзоев, А.Н.Болдырев, А.Н. Бертельс ва Н.С.Брагинский барин аломаҳои таъриху адабиёти форсу тоҷик сабақ меомӯзад. Давраи донишҷӯи савияи дониши ӯро ғанӣ гардонид, ӯ ҳарчи бештар ба адабиёти классики тоҷику форс осори Саъдию Ҳофиз, Ҷомию Ҳусайн Воиз ошной пайдо намуд.

Устод Мирзо Аҳмадов соли 1956 ДДТ-ро хатм намуд ва моҳи апрели соли 1958 дар Нашриёти давлатии Тоҷикистон ба сифати муҳаррир кор мекунад. Пешаи муҳаррирӣ ба ӯ имкон медиҳад, ки нозукиҳои каломи сухан, тарзи баён ва сабкҳои гӯиши забони тоҷикии форсиро боз дақиқтар омӯзад. Академик А. Мирзоев дар замири Мирзо Аҳмадов ҳамин дари заковату донишро ҳис карда, таҳрири китоби «Замони Рӯдакӣ»-ро, ки ба 1000-солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бахшида шуда буд, ба ӯ супорад. Устод Мирзо Аҳмадов аз ӯҳдаи ин супориши устод Абдулғанӣ Мирзоев бо сарбаландӣ баромад.

Пас аз ҷашни 1000 солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ӯро ба соли 1958 ба аспирантураи АУТ тавсия намудаанд. Мирзо Аҳмадов таҳти роҳбарии мудири кафедраи эронишиносии Университети Ленинград ба номи Жданов проф. Болдырев А.А. дар мавзӯи «Ҳаёт ва эҷодиёти Дарвеши Деҳакӣ» рисолаи номзадӣ навишт ва онро соли 1963 бомуваффақият ҳимоя кард. Ӯ то моҳи августи соли 1968 дар шӯъбаи мазкур ба сифати ходими калони илмӣ кор карда, сентябри соли 1968 ба кафедраи адабиёти тоҷики Институти омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко ба кор гузашта, то имрӯз ба сифати дотсент ва баъд профессори кафедра адои вазифа мекунад. Бояд махсус таъкид кард, ки Мирзо Аҳмадов соли 2003 дар синни 73-солагӣ аз як силсила душвориҳои моддию маънавӣ наҳаросида ба сари баланд дар мавзӯи «Насри ахлоқи бадеии Ҳусайн Воизи Кошифӣ» рисолаи докторӣ ҳимоя намуд ва марти соли 2007 ба ӯ унвони профессорӣ дода шудааст.

Устод Мирзо Аҳмадов аз августи соли 1978 то сентябри 1986 аввал иҷрокунандаи вазифаи декани факултети таъриху филология, баъд декани факултети филология шуда кор кардааст.

Мирзо Аҳмадов аз рӯзи ба кафедра ба кор омаданаш аз риштаи мураккабтарини таърихи адабиёти тоҷик, адабиёти классики асрҳои VIII-XV дарсҳои лексионӣ ва амалӣ мебарад. Ӯ ҳам дар шӯъбаи рӯзона ва ҳам дар шӯъбаи ғулият мегузаронад. Дарсҳои устод ба дараҷаи баланди илмӣ ва меъёру талаботи мактаби олӣ мегузарад. Ба ҳайси мавзӯъҳои курсҳои

махсус, семинарии махсус устод масъалаҳои муҳими таърихи адабиёти тоҷикро интихоб намуда, машғулиятҳоро хеле муассир мегузаронад. Ба корҳои курсӣ, дипломӣ ва маърӯзаҳои илмии донишҷуён ба конфересияи илмӣ-анъанавии «Донишҷӯ ва раванди тадқиқоти илмӣ» мунтазам роҳбарӣ мекунад. Устод Мирзо Аҳмадов ҳамзамон ба корҳои илмии унвонҷуён, аспирантони кафедра роҳбарӣ менамояд. Таҳти сарварии ӯ ду нафар рисолаи номзадӣ дифоъ кардаанд ва 4 нафари дигар дар арафаи дифоъ қарор доранд.

Устод Мирзо Аҳмадов пас аз ба кори омӯзгорӣ машғул шудан (аз соли 1968 то имрӯз) кори илмиашро дар канор нагузоштааст, баракс бо ҷиддуҷаҳди тоза ба пажӯҳиши масъалаҳои муҳими таърихи адабиёти форсу тоҷик машғул мебошад. Натиҷаи заҳмату омӯзиши пайвастаи устод маҳсули хеле фаровон додааст, ки дар ҳаҷми зиёда аз 300 мақолаи илмӣ ва даҳҳо тадқиқотҳои монографӣ пешкаши мухлисони адабиёти тоҷик гаштаанд. Аз ҷумлаи монографияҳои устод

1. Ҳаёт ва эҷодиёти Дарвеши Деҳакӣ. – Сталинобод, 1964.

2. Дарвеши Деҳакӣ. – Душанбе: Дониш, 1967.

3. Насри ахлоқӣ-тарбиявии Ҳусайн Воизи Кошифӣ, қисми 1.- Душанбе: Наҷот, 1994.

4.Насри ахлоқӣ-бадеии Ҳусайн Воизи Кошифӣ, қисми 11. Душанбе, 1194.

5.Насри ахлоқӣ-бадеии Ҳусайн Воизи Кошифӣ, қисми 111. Душанбе: Наҷот 1194.

6. Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ.-Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2006.

чун китобҳои рӯимизии мухлисони адабиёти тоҷик қарор доранд. илова ба ин ӯ ба тайёр кардану дастраси хонандаи умум гардонидани матни асарҳои классикон ҳиссаи намоён дорад.

Мирзо Аҳмадов ашъори мунтахаби шоири намоёни асри XVII Шавкати Бухорой соли 1968 ба табъ расонид, ҳамзамон матни интиқодии ашъори Убайди Зоконӣ, Адибсобири Тирмизӣ, Муллоаҳмад Мираминзода, Дарвеши Деҳакиро ба алифбои крилӣ ба чоп омода намуда дастраси хонандагони тоҷик гардонидааст. устод барои ҷилди 3-и «Дурдонаҳои наср» аз китобҳои «Анвори Суҳайлӣ», «Футувватномаи

султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва «Одоб-ул-асҳоб»-и Фахриддини Алии Сафӣ (писари Ҳусайн Воиз) бо алифбои крилӣ матн тайёр кардааст. Ва ниҳоят сои 1998 матни китоби «Одоб-ул-асҳоб» , соли 2009 «Деҳовони Дарвеши Деҳакӣ» аз чоп баромад ва дастраси ҳамагон қарор гирифт.

Мирзо Аҳмадов дар кори таҳрири маҷмӯа ва монографияҳои илмӣ низ корҳои зиёдеро анҷом додааст, чунончӣ:

1. Замони Рӯдакӣ (маҷмӯаи мақолаҳо).- Сталинобод: Нашрдавтоҷ. 1958 (ҳамроҳи Т.Галимова ва Таня Гольц)

2. Ғавворов, М.Аҳмадов, Асаддуло Ғолиб.- Душанбе, 1965.

3. Маҷмӯаи илмӣ. Чанд мулоҳизаи адабӣ.-ИЛД.- Душанбе, 1971(ҳамроҳи Н.Сайфиев).

4. Маҷмӯаи илмӣ. Чанд мулоҳизаи адабӣ. Душанбе, 1973 (ҳамроҳи Давронов С.).

5.Маҷмӯаи илмӣ. Чанд мулоҳизаи адабӣ. Душанбе, 1974(ҳамроҳи Давронов С. ва Наимбоев).

Илова ба ин Аҳмадов Мирзо дар кори аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума намудани асарҳои муаллифони рус низ саҳми назаррас дорад.

Устод Мирзо Аҳмадов барои хизматҳояш дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи маориф ноябри соли 1994 ба унвони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» сарфароз шудааст. Ҳамчунин барои иштироки фаъол дар ташкил ва гузаронидани озмуни корҳои илмии донишҷӯёни мактаби олӣ «Донишҷӯ ва раванди илмию техникӣ 2010» бо «Ифтихорнома»-и Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст.

***Усмон НАЗИР,***
*номзади илми филология*

## ДАРАХТИ ПУРБОРИ ИЛМ

Дар хусуси озодзодагону наҷибзодагон, ононеро, ки аз сари сидқ арҷ мегузорӣ, сухан ёфтану сухан гуфтан ҳам гуворосту ҳам бисёр душвор. Дар баёни андеша, боадолат бояд буд.

Инсони шариф, начиб, хоксор, ориф, поку беолоиш Мирзо Аҳмадзодаро дер боз мешиносам. Сифаташон ба як-ду китоб намеғунчад. Хело гиромианд бароям. Зеро шахсиятанд ва моҳияти шахсии ин зевари зиндагӣ, зевари адабу илмро сифатҳои шахсӣ ва ичтимоиашон баёнгар аст. Кишвар, ҳамагон аз чунин мардони покгуҳару поксиришту чонфидо ҳамеша ифтихор доранд. Устод Мирзо Аҳмадзода месазанд ба ситоиш. Зеро дилашон дарё, замирашон покабру суханонашон гавҳару амалашон зар аст, забонашон мунодии гуфтаҳои болосту замона баҳодеҳ.

Ин марди мӯътабару мӯҳтарами Худо (ҷ.) дар кору пайкор тавонманди ибратбахшанд. Метавон бе ҳеч гумон бо шоҳроҳи зиндагиашон бирафт. Намунаи ибратанд дар ҳама кору пайкор. Парчамафрози зиндагӣ, одоб, адолат, хираду тамкинанд. Гоҳ ҳамараҳанд бо мӯраки донакаш. Ҳамеша бо хираду дониш дар разманд бар алайҳи фаҳшу бадиҳо. Дар готҳои бузургтарин донишманди дунё, поягузори ойини ихтиёр Зардушти Спитамен омада: «Тавонотарин кас он аст, ки бо ҳавову ҳавас чангида ва ин панч айбро аз худ дур дорад: оз (тамаъ, ҳирс), хашм, ҳавас, нангу носипосӣ». Устод Мирзо Аҳмадзода аз ҳамаи бадиҳо дуранд ва фақат пиндори нек доранд, зеро ба Яздони хеш сипос доранд. Фақат раҳсипори роҳи некианд, зеро аз рӯи хирад ва ихтиёр роҳи некиро баргузиданд ва таъсири мактаби ахлоқу адлу инсофи падарашон – донишманд, мутафаккир, инсонпарвар, ҳомии адлу адолат, шоири соҳибдевон Аҳмад Мираминзода (1879-1955) ба ин кас калон аст.

На ҳар шахсро метавон ҳамаписанд, гиромӣ, шаҳриёр донист. Устод Мирзоро метавон ҳамаписанд, дарахти пурбор номид. Ин андешаро аз бисёр наздику бегона, шогирдону ҳамсӯҳбатҳояшон шунидаам. Мактаби хоссаи рӯзгордорӣ, тарбия дар хонадон доранд. Ин марди чонбохтаи Ватан ҳамеша дар талоши зиндагӣ, тарбияи инсон, бахусус донишомӯзонанд. Боғбонанд, боғбони даргоҳи илму адаб. Нахлҳои парвардаашон сарсабзанд ба умқи дилҳо реша рониа, шохаву гулу баргу мева доранд, пурбаранд ва мева мео-ранд. Аз касоне ҳастанд, ки метавон ҳомии меҳани

маҳбубамон шинохт, зеро ҳамеша дар пайи ободӣ ва кӯшиш баҳри шикастани хашманд. Бар пояи қонуни ростиву покӣ ва бо муҳаббат баҳри башардӯсти фаъолият доранд. Саъдии Шерозӣ барҳақ навишта, эй Инсон:

*Абру боду маҳу хуршеду фалак дар коранд,*
*То ту ноне ба каф ориву ба ғафлат нахӯрӣ.*
*Ҳама аз баҳри ту саргаштаву фармонбардор,*
*Шарти инсоф набошад, ки ту фармон набарӣ!*

* * *

Устод Мирзо Аҳмадзода низ мисли ҳама дар коранд ба нафъи ҳама. Устод Мирзо Аҳмадзода олими кашшофи навовари илманд. Гузаштаро чун гавҳари чашм гиромӣ медоранд. Дар соҳаи адабиёти класикии тоҷику форс ҳамчун муҳаққиқи заррабин корҳои хеле арзишмандеро анҷом додаанд. Дар абёти халқӣ омада: «Дарёи калон ҷӯш мезанад, ҷӯшаш ман». Устод Мирзо Аҳмадзода ғаввос ва ҷӯшзани дарёи калони илманд. Ҷавҳарҳои аз қаъри баҳри хаёл буруновардашон кам нестанд. «Заргар набувад мард, чу бар зар накунад кор», гуфтанд. Бори дарахти илми ин олими фидоӣ асарҳои зеранд: «Дарвеши Деҳакӣ», «Насри ахлоқӣ – тарбиявии Ҳусайн Воизи Кошифӣ» (дар се қисм), «Шавкати Бухороӣ» (Маҷмӯаи шеърҳо ва шарҳу муқаддима), Фахриддин Алии Сафӣ «Одоб-ул-асҳоб» (бо муқаддима ва шарҳу эзоҳ), Аҳмад Мираминзода «Девони ашъор», «Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ» ва ғайра. Доктори илми филология, профессор Мирзо Аҳмадзода муаллифи зиёда аз 50 мақолаи кашшофона буда, ҳар кадом бо ҷавҳарҳои илми асоснок гардидаанд. Устод сабки эҷоди худро доранд. Ҳалолкор, иҷрокунандаи ҳар вазифа дар сатҳи олӣ, худшинос, Худошинос, қадрдон, вазифашинос, марди ҷамъият ҳастанд.

Иброз медорам, ки кашфиёти олими заррабин «Дарвеши Деҳакӣ» арзиши баланди илмӣ дорад. Муҳаққиқ дар заминаи манобеъ як симои номаълумро зинда гардонида, моҳияти офаридаҳои онро боадолатона ва дар пояи баланди илмӣ пешкаши дунёи илм намудаанд. Мероси Дарвеши косиби

ғазалсаро «саромади шуарои Ироқи Аҷами асри XI» (Камолиддин Биноӣ) ба ақидаи заршиноси зевари илм ба хонанда «як ҷаҳон завқу ҳаловат мебахшад». Рисолаҳои эшон «Насри ахлоқӣ – бадеии Ҳусайн Воъизи Кошифӣ» ва «Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ» дар ин замони бисёр пушӯру шар, ки пояи ахлоқ хеле коста гаштааст, аҳамияти омӯзанда, тарбиявии бузург доранд. Чунки ба қавли барҳақи муаллиф ҷӯянда аз онҳо «ба тамоми масъалаҳои мубрами ҳаёт ҷавоби комил пайдо карда метавонад» (Муаллиф ичунин асарҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Ар-рисолат-ал-ъалия...» («Чиҳил ҳадис»), «Анвори Суҳайлӣ», «Ахлоқи Мӯҳсинӣ», «Футуватномаи султонӣ»-ро низ дар назар доранд).

Роҳи тайкардаи устод Мирзо Аҳмадзода мактаби ибрату ахлоқ, омӯзишу тадқиқу пайгирӣ ва идома додан аст. Мазкур дар байни аҳли ёру диёр дар ҷумҳурӣ ва берун аз он маъруфанд, нури чашманд. Бодо, ки чунин бошанд. Дили бузургашон чун самои субҳгоҳӣ мусаффост. Бар дили ҳеҷ касе аз ин ҷаноби баландпоя озоре нарасида. Инсони комиланд. Дастгири ниёзмандонанд ба роҳи ростиву покӣ. Ҳар сӯҳбаташон як ҷаҳон файзу баҳрагирӣ дорад. Шукргузори зиндагианд. Барояшон сиҳатмандӣ, осоиш, бо мо будан орзу мекунам. Дар таърихи илми кишвар нақши мондагор доранд. Ин нишони ҷовидонист, ки боиси ифтихору сарбаландист. Ҳаштод баҳори пуртазоди умр тай гашт бо нисори меваи дарахти ҳаёт баҳри беҳин рӯзгори мардум. Нисори қудуми акои меҳсиришт бод сатрҳои зери Оташи Мастчоҳӣ:

*Аҳмадзода, каримиву покзамир,*
*Кашшофу хирадпешаву ҳам фарди далер.*
*Қомуси адаб, партави ақл, зодаи меҳр,*
*Ҳам нури ду дидагони Усмони Назир.*

***

*Эй марди наҷиб, калому хокат доруст,*
*Ҳар панди чу қанду шаҳд покат доруст.*
*Дар зиндагӣ дидем баланду пастӣ,*
*Алфози баҳори атрнокат доруст.*

***

*Баҳриву дилат пур аз зару тилло аст,*
*Вирди ту ҳамеша ҳарфи бисмилло аст.*
*Марди хираду шарифу хизрамсолӣ,*
*Дастгиру паноҳандаи ту Аллоҳ аст.*

***

*Як нахли муаззами пур бору барӣ,*
*Ту марди худододаи донишкамарӣ.*
*Бодо умрат дарозу хуш иқболат,*
*Дар арсаи зиндагонӣ ту кони зарӣ!*

***

*Мирзои бузург, ҳастӣ ҷаҳонандеша,*
*Ту касби накӯкорӣ намудӣ пеша.*
*Ту марди футуватӣ барои инсон,*
*Эй Хизри Худо, ту нахливу мо реша!*

Май-апрели соли 2010

***Ҷумъабой САНГИНОВ,***
*Вакили Маҷлиси намояндагони*
*Маҷлиси Олии Тоҷикистон,*
*профессор*

## НИГИНИ ҲАЛҚАЙИ ЗАРРИН

Маро айёми донишҷӯйӣ саодати дидор бо устод Мирзо Аҳмадов муяссар гардид ва тақдирҷунбони ин сарнавишти саъд бародари айёми ҷавониям Саидшоҳ Акрамзод буд.

Устодро чеҳра ғарқи нури Илоҳӣ буд, аммо вақте ки бо эшон ду-се бор ҳамсӯҳбат шудам, ботини Мирзо Аҳмадовро нуронитар аз чеҳраашон дидам. Ҳамеша фикр мекардам ва ҳанӯз ҳам бар ин андешаам, ки дар ниҳоди як инсон Худованд то чӣ ҳад тухми накӯйӣ, наҷобат ва зебойӣ коштааст. Гӯё соҳиби сухан чунин дурдонаҳойи маъниро нисори қадами ин солормарди бузург намуда:

*Яздон, ки ҷаҳон ба қабзаи ҳиммати ӯст,*
*Ду чиз туро дода, ки ҳар ду некӯст:*
*Ҳам сирати он, ки ҳамаро дорӣ дӯст,*
*Ҳам сурати он, ки мар туро доранд дӯст.*

Омадам ба зодгоҳ ва қиссаи дидор бо Мирзо Аҳмадовро ба волидайн гуфтам. Қиблагоҳӣ ба ваҷд омаданд ва ёдовар шуданд:

– Писарам, вақте шумо ба таърихи 22-юми феврали соли 1952 дар таваллудхонайи маркази ноҳия ба дунё омадед, падари Мирзо – ҳазрати Муфтӣ дар беморхона бистарӣ буданд. Моро бо ин муносибат муборакбод карданд ва чун рӯзи таваллуди шумо рӯзи ҷумъа буд ва ин рӯз баройи мо, мардуми мусулмон муқаддас аст, хазрат дар ҳаққи шумо бисёр дуойи нек карданд ва номатонро Ҷумъабой гузоштанд. Ин хушбахтӣ ба ҳар кас насиб намешавад…

Падарам дар поёни сӯҳбат таъкид карданд, ки ҳамеша ҳурмату эҳтироми муаллим Мирзо Аҳмадовро, ки акнун номбардори падар гаштаанд, ба ҷо оварам. Онҳо пушт ба пушт одамони асилу асилзодаанд.

Сипос Худоро, ки аз ҳамон айёми таҳсил дар Донишгоҳи тиббии пойтахт то имрӯз эътиқоду эҳтиромам бо устод Мирзо Аҳмадов зина ба зина боло рафтааст. Наҷобат, хоксориву фурӯтанӣ, сидқ варзидан ба инсонҳоро мо аз эшон омӯхтаем. Воқеан профессор Мирзо Аҳмадов намунайи барҷастайи инсони комиланд. Муҳите, ки эшонро ба камол расонд, саршор аз фазлу одоб ва ороста бо дебойи маърифати ирфонӣ ва инсонӣ будааст. Дуруст аст, ки бисёр хислатҳо ба инсон ирсӣ ато мешаванд, вале аз сӯйи дигар, ирода ва имони қавӣ шахсро аз бадӣ ва шароратҳойи дигар нигоҳ медорад ва ба сӯйи камолоти маънавӣ раҳнамо мешавад. Мо ҳама аз фазилати олимии устод, аз он ки қуллаҳойи баланди камолотро фатҳ кардаанд ва дар сулуки о д а м и я т беҳамтоянд, ҳамеша бо ифтихор қисса мекунем. Вале ман ҳамчун табиб ва як нафар фарде, ки ба инсонҳо сарукор дорам, дар ин андешаам: канора ҷустан аз аъмоли манфӣ ва даст ёфтан ба гавҳари покиву наҷобат иродаву имони оҳанинро тақозо дорад; яъне мубори-

за бо нафс, набард ба васвасаҳои шайтонӣ ва дар ин набард мисли як варзишгари қавиҷисму қавирӯҳ ғолиб омадан кори ҳар кас нест. Муаллими азизи мо Мирзо Аҳмадовро чунин саодат насиб гаштааст.

Устоди соҳибҷашнро дар ин айёми хуҷаста чун ҳама мухлисону муштоқони дидорашон муборакбод мегӯям. Ифтихор аз он дорам, ки чунин шахсияти воло ва иззатманд дар Душанбешаҳри зебо, дар канори моянд ва мо эшонро нигини ҳалқайи заррине аз дӯстони хеш меномем. Худованд нигаҳбони ин нигин бошад!

***Комилҷони САИДОЛИМ,***
*номзади илми филология.*
***Олимҷони САИДОЛИМ,***
*Сардори РКИ вилояти Суғд.*

## ДУ МАҒЗИ ЯК БОДОМ

Агар ин абёти ҷовидонаи воъизи машҳур, муфассири Қуръони маҷид ва шореҳи «Маснавӣ»-и шариф – Ҳусайн Воъизи Кошифиро, ки дар хотимаи китоби пурарзиши ӯ «Лубби лубоби Маснавӣ» омадаанд, ба инсони нексиришту накӯкор ва муҳаққиқи варзидаи осори ин абармарди олами ирфон, устоди арҷманд Мирзо Аҳмадов нисбат диҳем, иштибоҳ нахоҳад шуд:

*Мо куҷо, таърифи он шоҳ аз куҷо,*
*Тирахоке аз куҷо, моҳ аз куҷо?*

Мавлавӣ низ дар «Маснавӣ»-и худ байте дорад, ки аслан ишора ба шахсиятҳое чун устод Мирзо Аҳмадов мебошад:

*Офтоб омад далели офтоб,*
*Гар далелат бояд аз вай рӯ матоб.*

Номи доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти классикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Ду-

шанбе Мирзо Аҳмадов, ки умри пурбаракати хешро баҳри тарбияи насли ҷавон бахшидааст, барои олимону донишмандон ва махсусан муҳаққиқини адабиёти тоҷику форс маълуму машҳур аст. Устод солҳои тӯлонӣ дар роҳи тадриси илму маърифат собитқадамона фаъолият мебаранд. Дар симои ин шахси нуронӣ мо инсони фозилу охирбин ва хирадманду серғайратро мебинем. Муҳимтарин хислати эшон хулқи нек ва одамияти он кас мебошад, ки мерос аз қиблагоҳашон – Аҳмад Мираминзода (машҳур ба Муллоаҳмад ё Эшони Муфтӣ, мутахаллис ба Аҳдӣ ва Маҳвӣ: 1879-1955) аст.

Ҳар нафаре, ки ба устод мусоҳиб гардад, аз муҳаббату самимияти он кас дарҳол пай мебарад. Хулқи накӯ аслан мерос аз ҳабиби Худо, ашрафи анбиёву асфиё – Муҳаммади Мустафо ъалайҳиссалоту вассалам аст, ки Худованд (ҷ.) дар каломаш ба ӯ (с.) нисбат медиҳад: «Ва иннака лаъало хулуқин ъазим» (ва Ту бар некӯ хулқе азим оростаӣ. Қуръон, сураи Қалам, ояи 4).

Қиблагоҳи устод – Эшони Муфтӣ, ки аз шахсиятҳои ирфонӣ ва шоъирони хушсалиқаву нуктасанҷ маҳсубанд, дар «Девони ашъор»-и худ аз беҳтарин хислатҳои одамӣ ёд карда, маҳз ҳусни адаб, файзи адаб, илм ва фазилати онро дар чаҳорчӯбаи шеър баён месозанд.

Эшони Муфтӣ (солҳои 1899) нахуст ба мадрасаи Самарқанд дохил шуда, 7 сол таълим мегиранд ва чанд муддат дар мадориси Мири Араб ва Кукалтоши Бухоро низ таҳсил карда, баъди беш аз 20 соли таҳсил ба зодгоҳашон Кӯҳистони Мастчо бармегарданд. То Инқилоби октябри соли 1917 бо тахаллуси «Маҳвӣ», пас аз он бошад, бо тахаллуси «Аҳдӣ» шеър эҷод кардаанд. Устод Мирзо Аҳмадов асилзода ва аз хонадони ана ҳамин гуна шахсиятҳоянд, ки умри азизи хешро дар хидмати халқи Худо ва равишу суннати расулуллоҳ (с.) ба сар бурдаанд. Ёд дорам, ки солҳои таҳсил дар Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе донишҷӯёни кунҷкову закӣ устодонро бисёртар аз рӯи феълу кирдорашон баҳо медоданд ва устод Мирзо Аҳмадовро дар факултаи адабиёт аз ҷиҳати хулқи неку писандидаашон «фаришта» мегуфтанд.

Гуфтаи Айнулқуззоти Ҳамадонӣ аз «Тамҳидот» ба ёд мерасад: «Мӯъмин мисоли дарахти пурбор бошад, пайваста аз меваи ин дарахт халқи Худо мунтафиъ шаванд». Оре, ҳам падар ва ҳам фарзандон кори худро бо Худо рост карданд, ки дар воқеъ, азизи ҳамагон гаштанд, «халқи Худо аз меваи ин дарахти пурбор мунтафеъ шуд».

Устоди арҷманд Мирзо Аҳмадов пайваста ба мо таъкид мекарданд, ки «агар волидайн сабаби аз олами нуронӣ ба олами зулмонӣ омадани фарзандон бошанд, устодон сабаби аз олами зулмонӣ ба олами нуронӣ ҳидоят гардидани онҳоянд». Тӯли 24 соле, ки мо бо устоди гиромӣ муносибати шогирдиву устодӣ дорем, дар эшон он авсофи писандидаи мӯъминонро, ки дар кутуби Илоҳиву аҳодиси набавӣ ва хутбаву каламоти қисор зикр шудаанд, мушоҳида кардаам.

Ҳазрати Алӣ каррамуллоҳ ба суоли яке аз ёрони худ – Ҳаммод, ки аз сифати мӯъмин пурсон шуд, чунин посух дода буд: «Мӯъминон худовандони фазилатанд дар ин ҷаҳон, гуфторашон савоб асту миёнравиашон шиъор ва фурӯтананд дар рафтору кирдор, дидаҳошонро аз он чи Худо бар онон ҳаром карда, пӯшидаанд ва гӯшҳошонро ба донише, ки ононро судманд аст, бидошта ва ниюшида. Дар сахтӣ чунон (умр) ба сар мебаранд, ки гӯё ба осонӣ андаранд, на бузургӣ мефурӯшанд ва на бартариҷӯӣ доранд, на хиёнат мекунанд ва на табаҳкоранд ва дар рӯз донишмандони хештандор, некӯкоранд парҳезгор. Ва яке аз нишонаҳои онон ин аст, ки дар кори дин нерӯмандаш биниву пойдор, нармхӯи ҳушёр ва дар имон устувору дар тоъати дониш ҳарис ва бо доштани илм бурдбору дар ибодат фурӯтан ва ба дарвешӣ некӯҳолӣ намудан ва дар сахтӣ шикебоӣ кардан, ҷустуҷӯ кардани он чи равост ва шодмон будан ба рафтани роҳи рост ва бурдбориро ба дониш даромезаду гуфторро ба кирдор. Аз гуфтани сухани зишт дур бувад, гуфтори ӯ нарм асту ҳамвор, аз вай кори зишт набинанд ва кори некӯяш ошкор. <u>Некии ӯ ҳамаро расанда ва бадии вайро касе надида</u>. Он чиро бад-ӯ супоранд, табоҳ накунад ва нигаҳбонии онро ба ӯҳда гирад ва мардумонро бо лақабҳои зишт ёд накунаду ҳамсоягонро озор надиҳад ва ба мусибатҳои дигарон шод нашавад, дар кори

беҳуда дарнаёяд ва аз роҳи Ҳақ берун наравад, нафси ӯ аз ӯ дар раҳмат аст ва мардум аз вай дар роҳат».

Сифоти мазкурро аз якдигар бартарӣ додан ҷоиз нест, вале он сифате, ки ҳамеша мавриди писанди инсоният аст, дар устод Мирзо бештар ба назар мерасад, яъне накӯкор будан, «некии ӯ ҳамаро расанда ва бадии вайро касе надида», хайрхоҳу роҳатрасон аст, ба бадкору мунофиқ аз Худованд тавфиқу ҳидоят талаб мекунад, на дуъои бад. Подоши амали хайрашро аз банда неву аз Холиқи ӯ умедвор аст.

Имрӯзҳо аз гузашти ъориф ва шоъири ширинкалом, марҳум Аҳмад Мираминзода (Аҳдӣ) 55 сол сипарӣ мешавад ва синни мубораки фарзанди гиромиашон, инсони шарифу некном, доктори илми филология Мирзо Аҳмадов ба 80 мерасад, рӯҳи қиблагоҳашон шоду манзили охираташон обод бошад ва дар ҳаёти шахсиву оилавии устод хушбахтиву рӯзҳои нек ва дар корҳои илмиву эҷодиашон комёбиҳои беназирро таманно мекунем.

Он чи рӯйи варақ оварда шуд, қатрае аз баҳр буда, мо албатта, дар муъаррифии ин гуна шахсиятҳо ҳанӯз оҷизем. Инак, намунае чанд аз «Девони ашъор»-и Аҳмад Мираминзода (қиблагоҳи устод), мутахаллис ба Аҳдиро пешкаши хонандаи арҷманд месозем.

*Аллоҳ-Аллоҳ, ту бас нигори хубӣ,*
*Лутфу караму ҳазор дорӣ хубӣ.*
*Мо – бехабарон, қадри туро кай донем?*
*Як зарра ба хубиат надорем хубӣ.*

*Эй Холиқи якто, нигоранда туӣ,*
*Аз катми адам ба буд оранда туӣ.*
*Дарҳои муроди мо ҳама баста шуда,*
*Бикшой ба рӯи мо, кушоянда туӣ.*

*Бас маърифати ҳаёти дил буд ба Ҳақ,*
*Гардидани сар зи ғайри ӯ ҷониби Ҳақ.*
*Шармат бодо аз ин дигар саъй кунӣ,*
*Пайваста ҳаёти дил зи Ҳақ донӣ ба Ҳақ.*

*Бод бар рӯҳи набиву олу асҳобаш тамом,*
*Ҳар куҷо бошад зи анвоъи дуруду аз салом.*
*В-аз дуруду в-аз паёму в-аз саломи беадад,*
*То шуморанд аҳли олам баҳри ӯ аз хоссу ом.*

*Бар рӯҳи набиву олу асҳобаш бод,*
*З-анвоъи дуруд аз салом бодобод.*
*Ин навъи дуруд ҳам салоти баракот,*
*Аз рӯзи азал то ба абад беҳад бод.*

* * *

*Гӯям салавот сад ҳазораш беҳад,*
*Пайваста зи рӯзи азалаш то ба абад.*
*Инҳо ба забони аҷзи мо кам бошад,*
*Бодаш ба сазо зи тӯҳфаҳои сармад.*

*Шарҳи адабат намоям, аз нури Худост,*
*Лоиқ ба касе бувад, ки онро ба сазост.*
*Аҳли хирадӣ агар, ту худ медонӣ,*
*Чунат бикунам ҳикоя, он доди Худост.*

*Файзи адаб он ки зад, мунаввар бошӣ,*
*Шоистаи нури дидаи кас бошӣ.*
*Ин тӯҳфа туро диҳад, ба қадраш бирасӣ,*
*Дар шукри адаб шому саҳар хуш бошӣ.*

*Мардон зи адаб тоҷ ба сар бинҳоданд,*
*Ҳар ҷо, ки қадам зананд, гул афшонанд.*
*Ин гавҳари қимате ба абнои замон,*
*З-онрӯ ба асораташ қадам бинҳоданд.*

*Он кас, ки зи ақл машварат мехоҳад,*
*Ҳаргиз ба раҳи хатову мушкил наравад.*
*Ин турфа нигори раҳбари дилхоҳ аст,*
*К-аш роҳ ба раҳрави саломат бибарад.*

***Садриддин НУРЗОДА,***
*Дотсенти ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

# ОМӮЗГОРИ ОМӮЗГОРОН

Устоди арҷманд Мирзо Аҳмадов зиёда аз 60 соли умри пурбаракати худро сарфи таълиму тарбияи ҷавонон кардааст. Ӯ машъалафрӯзи роҳи хираду диниш, маърифату фарҳанг ва илму адаби Ватан мебошад. Профессор Мирзо Аҳмадов дар давоми фаъолияти илмиву эҷодияш даҳҳо асарҳои пурарзиш навиштааст. Мавлавӣ гӯё дар бораи бузургӣ ва хиради эшон фармуда:

*Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,*
*Меҳри он андар дилаш андохтанд.*

Ҳар гоҳ ба фаъолияти илмӣ ва омӯзгории ин марди бузург назар меафканем, мебинем, ки Худои мутаол ӯро маҳз барои таълиму тарбияи ҷавонон офаридааст, зеро сифатҳое, ки Яздони пок ба эшон лоиқ дидааст, хӯю хислати олиме зуфунун ва омӯзгоре одаму оламдидаанд.

Доктор Мирзо Аҳмадов дар баробари дорои дониши густардаву амиқ будан ниҳоят ҳалим ва меҳрубон аст. Фурӯтании устод нишоне аз одамият ва ҳадди хеш дар ҳама ҳолатҳо донистан мебошад.

Аз мутолиа, таҳлил ва баррасии осори илмии Мирзо Аҳмадов бармеояд, ки ӯ адабиётшиноси пухтакору нуктасанҷ буда, пайваста ба омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни адабиёти классикии тоҷик машғул аст. Зиндагиномаи устод мисли дигар устодони факулта оддӣ ва муқаррарӣ бошад ҳам, эшон дар ҷодаи илму эҷод роҳи хосси хешро дорад. Бо як силсила хислату аъмолаш аз дигарон фарқ мекунад ва метавон гуфт, ки намунаи ибрати дигарон аст. Ҳамчунин, профессори мӯҳтарам тадрисро дар ҳадди олӣ ба роҳ монда, бо шогирдон падарвор муносибат мекунад.

Дар рӯзгори мо, бо камоли таассуф, падидаҳое чун ростӣ, одоб ва самимияту одамият дар ҳоли костан аст ва мо,

ҳамзамонони Мирзо Аҳмадовро зарур аст, ки ин хислатҳои волоро аз устод ба ирс бигирем ва ба ояндагон низ вогузор созем. Устод бо табассуми ширин, нармиву фурӯтанӣ, гуфтори малеҳ ва ҳазлҳои зарифонаву зебо гули сари сабади ҳамкорону шогирдонанд.

Мирзо Аҳмадовро зиёда аз 40 сол аст, ки мешиносаму бо ӯ ҳамкорам. Парвардигори олам устодро ҳамчун оинаи ибрати хурду калон баройӣ накӯйӣ сириштааст. Мирзои азиз тамоми умри бобаракаташро дар роҳи илму адаб сарф кард ва ба қуллаи мурод расид. Шогирдонаш дар сар то сари Тоҷикистон азизаш медоранд. Ҳамчун устоди меҳрубону мураббии ғамхору мушфиқ иззаташро ба ҷо меоранд.

Имрӯз устод ба синни муборaки ҳаштод расидааст. Дар ин олами пурташвиш бори солиёни дарозро бардоштан осон нест. Дар арафаи зодрӯзаш ба бародар, дӯст, устод ва ҳамкори мушфиқу меҳрубони худ Мирзо Аҳмадов аз Худованди мутаол саодати ҳар ду оламро таманно дорам.

***Б. РАҲИМОВ,***
*Профессор*

## ГАНҶИНАИ ИЛМУ АДАБ

Мирзо Аҳмадов аз зумраи он олимони сермаҳсулест, ки ба қалами ӯ 5 монография, 10 китобу китобча, 2 барномаи таълимӣ ва зиёда аз 100 мақолаҳои илмӣ ва илмиву методии калонҳаҷм тааллуқ дорад. Устод бо ҳалимиву хоксорӣ, фурӯтаниву дақиқназарӣ, равшанзамириву покизакорӣ ва чандин фазилатҳои ҳамида ном баровардааст. Эшон аз адабиёти классикии асрҳои ҳашт то понздаҳ дар шӯъбаи рӯзона ва ҳам ғойибона дарс гуфта, доир ба мавзӯъҳои муҳимми ахлоқӣ тадрис менамояд. Ба корҳои курсӣ, дипломӣ ва маърӯзаҳои илмии донишҷӯён роҳбарӣ мекунад.

Меҳру муҳаббати беандозаи Мирзо Аҳмадов нисбат ба адабиёти классикӣ шогирдонро ба ҷодайи мурод мебарад.

Каме бошад ҳам, ба ҳар ҳол, хизматҳои ӯ то андозае қадр

карда мешавад. Чунончи, ноябри соли 1994 нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» насибаш гардид. Барои хизматҳояш дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи маорифи халқи ҷумҳурӣ ва ба муносибати 50-солагии ташкилёбии Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе бо Ифтихорномайи фахрии Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуд. Инчунин, барои кори бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар тайёр намудани мутахассисони ҷавон, иштироки фаъолона дар ташкил ва гузаронидани озмуну корҳои илмии донишҷӯёни мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Донишҷӯ ва прогресси илмӣ-техникӣ – 2000» Ифтихорномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарёфт кард.

Мутаассифона, то имрӯз меҳнати ӯ ба таври кофӣ қадр карда нашудааст. Ӯ сазовори унвони Корманди шоистаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Барои адои қарзи фарзандӣ дар назди падари бузургвор, ки бо тахаллуси «Аҳдӣ» ва «Маҳвӣ» шеърҳо эҷод намудааст, соли 1999 «Девони ашъори Аҳмад Мираминзода»-ро бо муқаддима, шарҳи луғат ва тасҳеҳҳо ба табъ расонид.

Соли 1999 бошад, Мирзо Аҳмадов бо ҳамроҳии олим ва шоир Мирзо Шукурзода мунтахаботи ашъори Аҳмад Мираминзодаро дар Эрон ба воситаи нашриёти «Алҳудо» ба табъ расонд. Устод ба шогирдон гавҳари поки одамият – дарси инсоншиносӣ, ҳикмати пурмаънии одамият, фурӯтанӣ, одобии олии инсонӣ ва зиндагии поку беолоиши инсонро меомӯзонад.

Дар бораи адаб сухан ронда қайд кардааст, ки беҳтарин подоше, ки падар ба фарзанд ато мекунад, одоби накӯст. Шахси боодоб ҳамеша гули сари сабад, шамъи маърака, азизу гиромии мардум аст. Адаб аслиҳаи тавоно ва хулқу атвори писандидаи инсон аст, ки ӯро аз гирдоби бало ва хавфу хатари ба сараш омада ҳимоят мекунад, ба мақому мартабаи муносиб мерасонад.

Дар байни халқ ҳикмате мавҷуд аст, ки он чунин садо медиҳад: «Олим шудан осон, вале одам шудан душвор аст».

Дар ҳақиқат, ба маънои аслиаш олим шудан кори осон нест. Барои олими ҳақиқӣ шудан ҳазорҳо қатраи хуни ҷигарро кам кардан лозим меояд, то ки кас як дурри мақсуд ба даст оварад ва ё як андешаи бикру тоза ба боргоҳи ҷовидонии илм ворид намояд. Ин хислатҳо ба шакли табиӣ ва худодод насиби Мирзо Аҳмадов гаштааст.

Дар хотима ба ин марди шариф дар синни муборaки ҳаштодуми умри бобаракаташ, барои беҳбуд бахшидани вазъи бӯҳрони сиёсиву иқтисодӣ, маънавию ахлоқӣ, барои сулҳу осоиштагии ватан, дӯстиву рафоқат бо меҳнати ҳалоли худ зиндагӣ кардан, мазаммат намудани ҳаромхӯрон, порахӯрон, суханчину ғаммозон, бахилу мумсикон, хабаркашу ғайбатчиён, риоя намудани шарму ҳаё, эҷод намудани асарҳои тоза ба тоза, ҷисму ҷони солим орзу менамоем.

*Муҳаммад Амин ҲОҶИЗОДА*
*доктори улуми пизишкӣ*

## КАШШОФИ АДАБ ВА АХЛОҚ

Дар бораи муҳаққиқи шинохта, инсони наҷибу маърифатпарвар ва поксиришту накӯном – Мирзо Аҳмадзода ҳарф задан кори начандон осон аст. Мавсуф як нафар аз сайидзодагонест саршор аз маърифату хулқи ҳамида. Устод нахустин ҷавоне буд, ки аз диёри зебоманзари Мастчоҳ ба сӯи илму олимӣ қадам ниҳодааст. Бузургии М. Аҳмадзода дар он аст, ки аз як бурҷи кӯҳистон бол ба сӯи илму маърифат кушода, дар давраҳои ниҳоят душвору сангин дар пажӯҳиши илму адабиёти тоҷик таваҷҷӯҳ зоҳир кард. Он бузургиҳое, ки Худованд ба эшон додаст, аз қиблагоҳашон, шоири девондор Аҳмад Мираминзода Маҳвӣ (Аҳдӣ), ки бо номи Эшони муфтӣ машҳуранд, насиб гаштааст.

М.Аҳмадзода таҳти роҳбарии олими машҳур, шарқшинос Болдырев А.Н. дар мавзӯъи «Ҳаёт ва эҷодиёти Дарвеши Деҳакӣ» – шоири тавонои форсу тоҷик (нимаи дуюми асри

XV ва авали асри XVI) аввалин шахсест, ки аз ноҳияи Масчоҳ рисолаи номзадӣ дифоъ намуд.

Тадқиқоти илмии М.Аҳмадзода дар замонҳои басо душвор ва ногувор, ки забони тоҷикӣ ҳанӯз мақоми давлатӣ надошт, сурат гирифтааст. Муҳаббати устод М. Ахмадзода ба адабиёти классикии мо, ба вижа ба эҷодиёти шоирони асрҳои XV-XVI эшонро ба умури пажӯҳишӣ водошт. Дар рисолаи номзадии худ ҳамаи паҳлӯҳои ҳаёт ва эҷодиёти Дарвеши Деҳакиро дар ҳадди олӣ таҳқиқ кардааст.

Устод М.Аҳмадзода солиёни зиёд дар боргоҳи илму маърифати тоҷик – Донишгоҳи омӯзгории ба номи Т. Шевченко, айни замон ба номи С.Айнӣ, кору фаъолият намуда, ҳамчун декани факулта ва мураббии мушфиқ ном баровард. Мушкилие набуд, ки М. Аҳмадзода онро ҳаллу фасл нанамояд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар давраи роҳбарии М. Аҳмадзода дар факулта корҳои илмию педагогӣ равнақ ёфт.

М. Аҳмадзода тамоми умрро ба пажӯҳиши корҳои илмӣ сарф кард. Мавзӯи рисолаи докторни эшон «Насри ахлоқӣ-бадеии Ҳусайн Воизи Кошифӣ» мебошад. Дар ин рисола аҳамият ва арзиши эҷодиёти Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҳамаҷониба таҳқиқ шудааст. Донишманди асилу ҳалим дар рисолаи доктории худ ҳамаи паҳлӯҳои ахлоқи ҳамидаро баррасӣ намудааст, ки он имрӯз ҳамчун дастури саримизии муосирони мо пазируфта шудааст.

Қобили қайд аст, ки дар рисола чил хислати ҳамида зикр ёфтааст ва ҳар яке боз дар навбати худ фарогирии як боб аст.

Мактаби эҷодии устод М. Аҳмадзода як боргоҳи ҳаётию ахлоқиест, ки таҳқиқот ва омӯзиш мехоҳад. Эшон дар Ҷумҳурӣ миёни аҳли зиё ва берун аз он гиромиву азизанд. Барои ҳар як нафар дарси ибратанд ва тарғибгари роҳи ростиву покӣ буда, аз ҳар як гуфтору сӯҳбатҳояшон як ҷаҳон ҳикмату маънӣ метавон бардошт.

Синни мубораки эшон ба 80 сол расид, ки ба ин муносибат барояшон тансиҳатию осоиш ва саодати ҳар ду дунёро таманно мекунем ва дар ҷодаи илму маърифат ва таълиму тарбия комёбиҳои беназирро хоҳонем.

***Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,***
*дотсент*

# НАХЛИ САБЗИ АНДЕША

*Ҳаргиз ҳасад набурдам бар маснадеву моле,*
*Илло ба он ки дорад, бо илму шӯр ҳоле.*
*(Саъдӣ)*

Хоҷаи кавнайн, ҳазрати хатми мартабат (с) дар ҳадисе фармудаанд, ки «фарзандони маро гиромӣ доред: солеҳонашонро аз баҳри Худо, толеҳонро аз барои Ман». Ин фармударо мусулмонон дар гушаву канори ҷаҳони Ислом тӯли таърих, новобаста аз ҷафоҳои пайдарпай, риоят фармудаанд. Ҳатто гиромидошти ин хонадон ва икроми онон то ба ҳадде расид, ки бисёре аз фурӯмоягон ҳам бо сохтани насабномаҳое силсилаи худро ба ин шаҷарайи таййиба расонида, аз бебизоатӣ дар санъату ҳунар ва фазлу хирад хостаанд бо ин нома иззат ёбанду азизи рӯзгор гарданд. Замоне ки яке аз чунин ашхос назди Мавлоно Ҷомӣ омада, аз эшон хост, ки дар пойи шаҷараи ҷаълияш мӯҳри таъйид гузоранд, Мавлоно ба ҷойи мӯҳру имзо ин ду байтро навиштанд:

*Онро, ки бувад нури набӣ дар башара.*
*Ҳоҷат набувад ба тӯли арзу шаҷара.*
*В-онро, ки ба рух натобад ин нури сара,*
*Шаҷра надиҳад ба ғайри лаънат самара.*

Дар воқеъ, чунин «саййидзодаҳо» ба шаҳодати таърих, дар марҳилаҳои сарнавиштсоз борҳо мавқеъи нодуруст касб карда, худ ва мардумони зиёдро ба доми душманони Меҳан андохта, ба роҳи залолат ҳидоят намудаанд. Охирин намунаи инро дар Масчоҳ, ки мардуми он ҳамеша ба саййиду эшонҳо эҳтироми фаровонро қоил буданд, метавонем бубинем. Солмандон ҳикоят мекунанд, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳалли ҳамаи мушкилоту баҳсҳо мардум ба даргоҳи эшонҳои парҳезгору донишманд руҷуъ карда, сухану

раъйи ононро аз ҳукми қозиҳои ришвахор низ болотар меҳисобиданд. Аммо баъзе «эшонҳо» аз ин сӯистифода карда, ба тороҷи мардум ва ғасби замину амволи онҳо даст мезананд, ки намунаҳои фаровони онро бо зикри ин ашхос метавон ном бурд. Ҳатто дар ҷараёни муқовимати мардум бар зидди болшевикон иддае аз «эшонҳо» бо дастгоҳи ҷосусии низоми лоиқи шуравӣ робита барқарор карда, мехостанд дар тақсимоти ояндаи қудрат саҳм гиранд. Кушта шудани яке аз мубориизони сарсупурдаи ҳаракати муқовимат Ҳомид, ки маҳбубтарин симои муборизаи кӯҳистониёни водии Зарафшон буда, ёду хотираи он ҳанӯз дар забони мардум зиндааст, намунаи ин хиёнатҳост.

Аммо ғараз аз ёд кардани бадкорон ба он хотир буд, ки сараро аз носара ҷудо созем ва намояндагони некӯкоре, ки аз табори аҳли байтанд, зикр созем, зеро агар шаб набуд, шояд касе ба қадри рӯз намерасид. Гузашта аз ин, ба фармудаи Низомӣ:

*Ҳар номваре, ки ӯ ҷаҳон дошт.*
*Бадномкуне зи ҳамраҳон дошт.*

Воқеъан ҳам хидмати фарзандони Расули Худо (с) барои густариши Исломи воқеъӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон ва нашри илму дониш бузург аст ва ин ҳақиқатро ҳеҷ муаррихи мунсифе мункир нест. Ҳазорон саййидзодаҳо дар масири таърих роҳи паймудаи ҷадди худ Ҳусайн ибни Алӣ (р.)-ро рафта, бо хуни худ дарахти Исломро сероб кардаанд. Ҳазорони дигар дар роҳи нашри маорифи исломӣ пайравӣ аз ниёи донимандашон Ҷаъфари Содиқ (р.) карда, фарҳанги исломиро нашр намудаанд.

Яке аз дудмонҳои наҷибу шарифи қаламрави Масчоҳ, ки ин ҳама мукаддимаро барои онон гуфтаем, таборномаи саҳеҳе доранд, ки бар рӯйи санге навишта шуда, то ба ҳазрати Алӣ карамаллоҳу ваҷҳаҳу мерасад. Аммо осори фазлу бузугвориву солории ин хонадон асосан дар кирдори онон акс ёфта, ниёз ба ироаи шаҷара ҳам надорад. Намояндагони ин хонадон насл бар насл хидматгузори дину посдорони машъали маърифат дар диёр будаанд. Яке аз намояндагони ин хонадон

Эшони Муфтиянд, ки ҳамакнун зикри хайрашон сад сол мешавад аз забони хоссу ом, марду зан, пиру ҷавони Масчоҳ канда нест. Аммо боре ҳам нашунидаем, ки аҳаде аз аҳли ин хонавода, даъвои бузургӣ кунад ё ба силсилаву табори худ нозад. Оре, ин амал танҳо хосси беҳунарон аст. Эшони Муфтӣ низ ба тамоми мартабаҳо бо талошу заҳмати хеш расидаанд.

Ин бузугвор, ки аз ҳамсабақони устод Айнӣ будаанд, бо ҳукми амир Олимхон (1910-1920) пас аз хатми мадрасаи Бухоро муфтии Масчоҳ таъйин гардида, пас аз пирӯзии болшевикҳо ҳам, то вопасин лаҳзаҳои умри худ (1955) ба иршоду нашри аҳкоми мазҳабӣ ва фурӯзон доштани чароғи маърифат дар қаламрави Масчоҳ пардохтаанд. Падари ин ҷониб, ки ҳамакнун 87 сол аз умри эшон мегузарад, бо Эшони Муфтӣ ҳамнишинӣ дошта, бо меҳру ихлоси фаровон аз ин бузургвор ёдоварӣ мекунанд. Бобоям низ бо Эшони Муфтиву хонадонашон робитаи наздик доштаанд, ки ҳикояҳои зиёде аз ин гувоҳӣ медиҳанд ва фазилатҳои зиёдеро аз ин фарзонаи айём ёдовар мешаванд. Аз ҷумла, бар хилофи тасаввури онрӯзӣ, ки танҳо жандапӯширо хосси мардони дин меҳисобиданд, Эшони Муфтӣ ҳамеша бо либоси тоза миёни мардум мегаштаанд. Дар шароити кӯҳистон радио гӯш мекардаанд, то аз ҳодисаҳои ҷаҳон огоҳ бошанд.

Дар солҳои 30-50 асри гузашта бештари муъаллимони Масчоҳ аз деҳаҳои Камодун, Виткон ва Падрох баромада будаанд, ки дар ин ҷода ҳам хидмати пири ин мардум Эшони Муфтӣ кам набуд. Ба тамоми масъалаҳои фикҳиву ниёзҳои мардум вобаста ба донишу ҷаҳонбинии хеш посух мегуфтанд, ки дар ин гуфтор маҷоли баёни ҳамаи он нест. Бешубҳа, яке аз корномаҳои ин бузургвор дар лаҳзаҳои хеле нозуки солҳои аввали пирӯзии болшевикҳо ҷони худро дар хатар андохта, хондани ҷанозаи шоири шаҳид Туғрали Аҳрории Самарқандӣ ва дафни ӯст, ки достони ҳузнангези онро адиби пуркори мо Мирзо Шукурзода дар муқаддимаи хеш ба китоби «Кӯҳкане аз користони дил» бо обу ранг тасвир кардааст, ки хондани онро ба ҳамаи муҳиббони ин хонадони шариф тавсия менамоям. Аз Эшони Муфтӣ, хушбахтона, фазандони

солеҳ низ боқӣ монд, ки донишманди пуркор устод Мирзо барҳақ вориси ростину идомадиҳандаи рисолати падарону бобоёни худ мебошанд.

Бо камоли таассуф бояд арз намоям, ки ифтихори шогирдии устоди гаронмоя Мирзо Аҳмадовро надорам. Дар пойи мизи устод нишастан ба банда муяссар нагардидааст, аммо ин ба маънои маҳрум мондан аз лаззати дидори файзборашон нест ва сарафрозаму бо худ меболам, ки ҳамсӯҳбатии эшон маро борҳо муяссар гардидааст. Оре, шарафи сӯҳбати шарифон худ шарафофарин аст. Нигаристан ба чеҳраи олим ибодат аст ва шукргузорам Худованди маннонро, ки ба саъодати дидору ҳамсӯҳбатии мардони тариқати илм ин ҳақирро мукаррар насиб гардидааст ва ҳаргиз тарки ин авло намекунам:

*Ба ҷуръаи ту сарам маст гашту нушат бод,*
*Худ аз кадом хум аст, он ки дар сабӯ дорӣ?*

Нахустин боре, ки 15 сол муқаддам рӯ ба рӯ устод Мирзоро дар яке аз маҳфилҳои ҳамдиёрон дидам, нахустин бардоште, ки аз дидори эшон дар зеҳни ман пайдо гашт, тааҷҷуби ман аз тавозӯъи ниҳоят самимиву фитрии эшон буд. Иттифоқан яке аз хислатҳое, ки ба саййидҳои воқеъӣ сиранависон нисбат додаанд, ҳамин фурӯтании фитрии ниҳоди эшон аст. Зеро ҷадди эшон Муҳаммади Мустафо (с.) намунаи олитарини тавозӯъу фурӯтании насли башар дар тӯли таърих будааст. Нафарони зиёдеро дучор меоем, ки дар муқобили мо бо чарбзабониву зораҳои сохта ба пурсиш гузашта, таъзим ҳам мекунанд, аммо мунофиқвор бо дур шудан ба накӯҳиш мепардозанду бадгӯӣ. Фурӯтаниву тавозӯъи Мирзо Аҳмадзода низ чун дигар хислатҳояшон самимонаву барозандаи эшон аст. Гуфтанист, ки дар ҳамаи маҳфилҳои ҳамдиёрон дар пойтахти кишвар устод Мирзо гули сари сабади маҳфилҳо ва азизи ҳамагонанд.

Пас аз хатми омӯзишгоҳи педагогӣ Мирзои ҷавон, ки ҳамеша насиҳату фотеҳаи падарро ҳамроҳ доштанд, озими пойтахт гардида, ба факултети забон ва адабиёти тоҷик шомил мегарданд. Бештари умри азизи ин бузургустод дар китобхона гузаштааст ва устод шиори «беҳтар зи китобхона

ҷойе набувад»-ро шиори худ қарор дода, ҳамсӯҳбатии ин зиндадилони хомӯшро бар муддаъиёни газофгӯй тарҷеҳ додаанд. Ғанимат шуморидани умру фурсати зиндагӣ муҷиби он шуд, ки устуворона дар роҳи пиёда сохтани ҳадафҳои воло гом бардорад. Мирзо давраи таҳсилро паси сар гузошта, бар маснаде, ки сазовор будаанд, яъне устоди Донишгоҳ, нишастанд. Дар баробари тадрис ба навиштани китобҳое пардохтанд, ки ҳар як барои пажӯҳандагон марҷаъ аст ва чун мӯйи сарро дар осиёби таълиму тарбияи омӯзгорон паси сар кардаанд, ба таҳқиқи рӯзгору осори яке аз муъаллимони ахлоқ Ҳусайн Воъизи Кошифӣ даст задаанд. Ҳамакнун ним аср мешавад, ки дар нахустин Донишгоҳи кишвар ба таълиму тадрис машғуланд.

Ҳар бор, дар ҳар маҳфиле сухан аз профессор Мирзо Аҳмадов равад, дар қатори донишу ҷаҳонбинӣ ҳама аз фурӯтаниву самимияти устод лаб ба сухан мекушоядю Бо донишҷӯву унвонҷӯ, устоди ҳампешаву сарварони Донишгоҳ яксон муносибат доранд. Бар хилофи расми маъмули рӯзҳои мо, ки навхостагони аз фазлу дониш бебаҳраро муште хушомадгӯ ситоиш намуда, бо ин тамаллуқ мехоҳанд, худ гӯшае аз зиндагии хешро маъмур созанд, устод тамоми умр чун сарве вораста зистаанду умре миннати заковату дирояти худро кашидаанд. Солҳои тӯлонӣ вазифаи масъули сарвари донишкадаро бар уҳда дошта, дар ин мақом ҷуз тарбияи омӯзгорону накӯӣ бо халқи Худо ба ҳеҷ амале даст назадаанд, ки имрӯз пушаймон гарданд, аммо чун олими воқеъӣ таассуф аз он доранд, ки чаро ба ҷойи пардохтан ба корҳои идорӣ вақти зиёдро баҳри пажӯҳиш сарф накардаанд?

Имрӯзҳо ба вазифаҳои идории донишкадаҳо афроди зиёде чашм дӯхтаанд ва барои касби он аз тамаллуқ, рақобати носолим ва ришва додан низ парҳез намекунанд. Сабаби костиҳои ахлоқии ҷомеъаи мо низ ривоҷи ришваситонӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва беқадриву зиллати устодон-мураббиёни ҳамаи наслҳои ҷомеъа мебошад. То ҷое медонем, ҳеҷ муъаллиме, ки бе ришваву тамаъ то имрӯз ба фаъолияти омӯзгорӣ мепардозад, аз гуруснагӣ намурдааст, аммо ҳирсу оз чунон дар миёни насли ҷавони устодон реша давонидааст,

ки баъзе ҷавонон на ба хотири номи баланди устоди донишгоҳ ин касбро интихоб мекунанд, балки бо вуҷуди ночиз будани ҳаққулзаҳмаи устодон минбари устодиро банд месозанд, то ин ки бо роҳи тамаъварзӣ ва олудани нафси худ ба ришваву моли ҳаром касби маъош кунанд. Пайдост аз ин миён чӣ хоҳад бархост. Пойбандии ҷавонони имрӯза ба зиндагии мутакаллифона нишоне аз кӯчакии рӯҳ ва надоштани шахсият аст.

Сираи устодии профессор Мирзо Аҳмадзода барин собиқадорон дар ин ҷода метавонад, намунае писандида бошад. Тамоми пастиҳои ахлоқӣ, чун дурӯғ, риё, тамаллуқ, зулм худ намунае аз дунёпарастист ва тамоми фазилатҳои инсонӣ нишоне аз беэътиноӣ ба сарвату хостаҳо ва зуҳд варзидан аст. Ба эътирофи ҳамаи муъаллимони ахлоқ, шахси дунёпарасту моддигаро наметавонад шӯҷоъу богузашт, боиффат ва озода бошад. Устод Мирзо беэътино ба моли дунё буда, худрову шарофату каромати нафси худро аз тааллуқоти дунёӣ болотар медонанд. Мавсуф ба тамоми маънӣ як марди порсост, зеро ончуноне, ки дар фазилати порсоён омадааст, «сухани онон савоб, ҷомаи онон миёнаравӣ ва равиши онон фурӯтанист». Ин гуна хислатҳоро дар вуҷуди устоде, ки тамоми умр, машъали маорифро фурӯзон доштааст, мебинем.

Дар Қуръон омадаст, ки «агар мардум ба роҳи Ҳақ истиқомат биварзанд, мо аз дарёи раҳмати худ оби фаровон насиби эшон хоҳем кард». Бешак, ин ҳама эҳтиром, ки устод Мирзо Аҳмадзодаро насиб гардидааст, атои Худовандӣ буда, самарии кору пайкори пайваста бо дасту забони поки эшон аст. Эй кош, сафи чунин афрод дар ҷомеъаи мо зиёдтар мебуд. Зеро чархи рӯзгор ҳамеша бар муроди ашхос намегардад ва истеъдодҳои нотакроре, ки муттаассифона, асири таматтӯъ аз лаззоти дунявианд, сарнавишти худро на ба пажӯҳишу тафаккур пайванд медиҳанд ва ҳамчунин атои Худоиро зоеъ карда, беном аз саҳифаҳои таърих маҳв мегарданд. Насиҳату андарзи солеҳоне чун соҳибҷашни мукаррами мо, ки ба остонаи ҳаштоди умр қадам ниҳодаанд, имкон медиҳад, ки дар муқобили ҳаводис ва номулоиматиҳои рӯзгор пойдорӣ намоему ҳамдигарро ба сабр тавсия ва ташвиқ созем.

Дер ё зуд ҳама аз ин дунё мераванду маҳкум ба завол хоҳанд гашт, аммо хуш ба ҳоли онон, ки бар боли андеша нишастаанд ва роҳи малакутии ҷовидонагиро мепаймоянд. Агар сарвату мукнати дунёдорон рӯзе поён пазирад, салтанати дониш он чуноне ки Паёмбари Аъзам (с) фармудаанд, заволпазир нест. Бо маҳрумиятҳои фаровон сохтаву таҳзиби нафс варзидан самаре дорад, ҷовидонӣ. Дар гузашта, ҳол ва оянда ҳамеша фарзонагоне амсоли Мирзо Аҳмадзода намунаи тақлиданд, на курсинишинони бемурувввату дур аз сӯхтанҳои мардум:

*Давлатеро, ки набошад ғами осеби завол,*
*Бетакаллуф бишунав, давлати дарвешон аст.*

Ибни Муқаффаъ – донишманди шаҳир, ватандӯсти сарсупурда ва яке аз намояндагони бузурги наҳзати шуубия мефармояд, ки «ҳар касе вуҷуди худро фидои илму адаб намояд, дар иваз соҳиби тоҷе мегардад, ки дар баробари ҳар соҳибмақоми дунёӣ бениёз шуда, дар муқобили ҳар фақру фишори моддӣ чун кӯҳ устувор мемонад ва ба аҳаде аз тангдастӣ шикоят намекунад, зеро умуми масоибу ранҷҳои моддиро дар қиболи лаззатҳои илм ба ҳеҷ чиз намешуморад». Хоҷа Насираддини Тӯсӣ пас аз кашфи яке аз мушкилоти илмӣ чунон ба ваҷду сурур меояд, ки беихтиёр бархоста, аз сари шавқу шӯр мерақсад ва Худоро шукрона мекунад, ки салотини муқтадир аз ин лаззати аҳли илм бехабаранд ва илло онро низ аз чанги эшон рабуда, аз ин неъмат маҳрум месохтанд.

Ба поси иродату ошноӣ ва дӯстии беш аз ҳаштодсолаи хонадони мо бо Эшони Муфтӣ ки ҳаргиз ғуборе бар он нанишастааст ва ба эҳтироми як зиндагии пурбори ворисӣ он бузгвор донишманди парҳезгор, инсони наҷиб, профессор Мирзо Аҳмадзода ки ҳамвора дар шавқу ҷустуҷӯ ва хидмат ба халқу Худо гузаштааст, ин навиштаро ба поён мебарам.

*Гумон макун, ки ҷаҳон нораво сутуда туро,*
*Ту аҳли фазлу камолӣ, баҷо сутуда туро.*
*Шикаста шӯҳрати ту чор марзи Тоҷикро,*
*Хутан сутуда турову Хито сутуда туро.*

*На ман ситоиши илми ту мекунам имрӯз,*
*Ҷаҳони илму адаб борҳо сутуда туро.*
*Худо сутуда ба Қуръони хеш донишро,*
*Ту аҳли донишу фазлӣ – Худо сутуда туро.*

Ин дарахти кӯҳансолро бар сари дӯстдорони маърифат ва шӯру шуъур сояе ҷовидон бод!

*Ҳоҷӣ Усмон ҶУМЪАЗОДА*

## ҲАЗОР СОЛ БИЗИҲ!

Ҳар гоҳ ки ба ин фарди беназири Худодод, олими номвар ва марди бонангу номуси диёри шукуфонам рӯбарӯ мегардам, дилам аз шодӣ лабрез мешавад ва давраҳои бачагию мактабхониам ба ёд меояд.

Солҳои панҷоҳуми асри гузашта Мирзо Аҳмадов баъд аз хатми Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Ӯротеппа ба мактаби зодгоҳи мо – деҳаи Оббурдон муъаллим шуда омаданд. Мардуми деҳа аз он хушнуд буданд, ки ба мактабашон фарзанди Эшони Муфтӣ омӯзгор таъин шудааст. Ҳайати омӯзгорон ва аҳли деҳа нисбати ин муъаллим дарҳол иззату эҳтироми хосса зоҳир намуданд. Дар ҳамаи маъракаҳои мардум эшон болонишин буданд.

Гуфтан бамаврид аст, ки Мирзо Аҳмадов авлодан аз деҳаи Оббурдон мебошанд, дар деҳаи Оббурдон, Дашти Оббурдон ва Шамтучи ноҳияи Айнӣ низ хешовандони зиёде доранд.

Бо ташаббуси маъмурияти ҳамонвақтаи мактаби деҳа як таомули аҷибе ҷорӣ шуд: дар Гузарҳои Мирӣ, Навохин, Ҳавлии поён, гузари Хӯҷаҳо маҳфилҳои хониши бегоҳирӯзӣ таъсис ёфт. Дар ин маҳфилҳо шомгоҳ хонандагони синфҳои гуногун ҷамъ омада, дар рӯшноии чароғҳое, ки бо равғани зағир шӯълавар мешуданд, дарс мехондем.

Ана ҳамон замон мо бо омӯзгори навамон Мирзо Аҳмадов шиносоӣ пайдо кардем. Эшон ҳар бегоҳирӯзӣ ба маҳфили мо

меомаданд, сӯҳбат ороста, кӯмак мерасонданд. Бисёр вақтҳо мепурсиданд, ки кадоме аз мо ба шеъру адабиёт завқи калон дорад. Ман, ки ҳамроҳи ҳаммактабонам Охун Сафаров, Абдуғафур Домуллоев, Мавлонбердӣ Аброров дар як маҳфил будам, бо муаллими нав зиёдтар саволу ҷавоб менамудам. Ҳамон рӯзҳо банда аз рӯи ҳавас як рубоӣ гуфта будам, ки онро назди муъаллим Мирзо Аҳмадов қироат кардам:

*Дар сина муроду мақсадам бисёр аст,*
*Донишкада рафта хонданам даркор аст.*
*Эй дӯсти азиз, биё, бишав ҳамсафарам,*
*Бо мову шумо доим саъодат ёр аст.*

Устод қироати рубоиро бо табассуми шакарвор гӯш карда, маслиҳат доданд, ки аз классикон зиёдтар шеър аз худ кунем.

Бо гардиши айём банда пас аз адои хидмати аскарӣ барои таҳсил дар факултаи ҳуқуқшиносии Университети давлатии Тоҷикистон ба шаҳри Душанбе омадам. Он вақт Мирзо Аҳмадов вазифаи ходими илмии шӯъбаи шарқшиносии Академияи улуми Тоҷикистонро ба ӯҳда доштанд ва дар машқи иншо ба ман ва ҳамроҳонам мадад расониданд. Дар мавзӯи «Достони писари Ватан»-и Мирзо Турсунзода ишно навишта, баҳои аъло гирифтам. Гурӯҳи калоне аз донишҷӯён – ҳама шогирдони устодем.

Ҳини вохӯрию сӯҳбатҳо ҳоло ҳам устод ба шогирдонашон аз абёти ҳакимонаи Шайх Саъдӣ дурдонаҳо қироат мекунанд ва мегӯянд:

*Ибодат ба ҷуз хизмати халқ нест,*
*Ба тасбеҳу саҷҷодаву далқ нест.*

Дар зиндагӣ Мирзо Аҳмадов мактаби хосси одобу идроки худро доранд. Аз ин рӯ, меҳри устод дар дили хурду калон маъво гирифтааст. Ин бузургмарди даврон устоди тозаназар, олими пухтакору дурандеш ва хоксору ғамхоранд. Мардум эшонро тавассути асарҳои эҷодкардаашон, мақолаҳои зиёди илмию оммавиашон шинохтаанд ва эҳтиром менамоянд.

Мирзо Аҳмадов аз он ҷиҳат хушбахтанд, ки нахустустодашон – падари бузургворашон, шоири тавоно, Бедилшиноси асил Аҳмад Мираминзода мебошанд.

Мо сад бор шукр мекунем, ки устоди азиз Мирзо Аҳмадов ба синни муборакӣ ҳаштод расида бошанд ҳам, сиҳату саломат ва устуворона ҳамроҳи мо қадам мезананд ва донишҷӯён имрӯз ҳам аз каломи ибратомӯзашон баҳраманданд: аз забони падари шоирони олам устодро бо ҷашни олишонашон табрик мегӯям:

*Ҷуз ин дуъот нагӯям, ки Рӯдакӣ гуфта:*
*«Ҳазор сол бизӣ, сад ҳазор сол бизӣ!»*

ꝏ ꝏ ❀ ꝏ ꝏ

***Шодӣ ШОКИРЗОДА,***
*номзади илми филология*

## ҲАМНИШИНИ ВОЪИЗИ ХИРАДМАНД

Умдатарин масъалае, ки профессор Мирзо Аҳмадзодаро ҳамчун муҳаққиқ ба худ ҷалб мекунад, дарёфти одоб ва шинохти ахлоқ аст. Мирзо Аҳмадзода мусаллам бар он аст, ки ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти инсонӣ тавассути эҳёи беҳтарин арзишҳои маънавии банӣ-башар амалӣ мегардад. Ба пиндори ӯ, дар дарсҳои адабиёт муъаллимон бештар ба асарҳое аз қабили «Кимиёи саодат», «Ахлоқи Носирӣ», «Ахлоқи Ҷалолӣ», «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи Мӯҳсинӣ», «Бӯстон» ва «Гулистон», «Қобуснома» мурочиат намоянд, ба нафъи кор аст ва дар таълифи китобҳои дарсӣ бояд ин дурдонаҳои ҳикматбор ҳар чӣ бештар истифода шаванд.

Мирзо Аҳмадзода ҳанӯз дар солҳои ҳафтодуми асри гузашта, ҳангоме ки дар Институти шарқшиносии Академияи улуми ҷумҳурӣ ба сифати ходими калони илмӣ кор мекард,

бо роҳбарӣ ва маслиҳати мудири шӯъбаи адабиёти классикӣ, донишманди маъруф Расул Ҳодизода ба таҳқиқи насри ахлоқӣ-бадеии Ҳусайн Воизи Кошифӣ машғул гардид. Ҳангоми ба Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе ба кор гузаштан низ таҳқиқи ин мавзӯъро бурдборона идома дод ва роҷеъ ба хусусиятҳои осори нависанда ва воизи хирадманд мақолаҳои зиёд таълиф намуд, ки онҳо дар маҷмӯаҳои илмӣ ва маҷаллаҳо чоп шудаанд. Соли 1994 натиҷаи заҳмати қариб сисолаи муаллиф таҳти унвони «Насри ахлоқӣ-бадеии Ҳусайн Воизи Кошифӣ» дар се китоб, дар ҳаҷми умумии 21,5 ҷузъи чопӣ ба нашр расид. Ӯ тавассути ин китоб ба тариқи возеҳ муайян намуд, ки Ҳусайн Воиз дар таърихи пайдоиш ва инкишофи насри адабӣ-бадеӣ ва илмиву ахлоқӣ нақши босазо дорад ва асарҳояш бо мундариҷаи ғанӣ ва услуби нигориши худ номи муаллифро дар таърихи илму фарҳанги миллати мо ҷовидонӣ гардонидаанд. Панду ҳикматҳое, ки воизи хирадманд дар ин китобҳо овардааст, дар маҷмӯъ барномаи мукаммали расидани мардум ба пояи фазлу камол ва ё ба қавли аҳли тасаввуф, ба дараҷаи инсони комил расидани ӯст. Ҳадафи асосии таҳқиқи М.Аҳмадзода низ муайян намудани раванди инкишофу такомули ҷаҳонбинии адиб ва сабку услуби эҷодии ӯ мебошад. Дар ин рисола асарҳои Ҳусайн Воиз мувофиқи соли таълифашон доварӣ шудаанд. Китоби аввал ба таҳқиқи зиндагинома ва осори нависанда, рисолаи «Аррисолат-ул-алия фӣ аҳодиси ан-набавия» ва рисолаи «Анвори Суҳайлӣ», китоби дуввум ба баррасии асари «Ахлоқи Мӯҳсинӣ», китоби сеюм ба таҳлили мундариҷаи ғоявии асари «Футувватномаи султонӣ» ва рисолаи фарзанди Ҳусайн Воиз – Мавлоно Фахриддин Алии Сафӣ «Одоб-ул-асҳоб» ва сабку услуби эҷодии Ҳусайн Воиз бахшида шудааст. Муаллиф асари «Одоб-ул-асҳоб»-ро аз он сабаб ба риштаи таҳқиқ кашида, ки дар он баробари масъалаҳои зиёди ахлоқӣ баъзе мавзӯъҳои китоби падараш «Футувватномаи султонӣ» низ истифода шудаанд ва Алии Сафӣ онро дар пайравӣ бо сабку услуби эҷодии ӯ таълиф намудааст. Ба ибораи дигар, «Одоб-ул-асҳоб» як навъ идомаи мантиқии афкору осори Ҳусайн Воиз мебошад.

Мирзо Аҳмадзода осори гиронмояи Ҳусайн Воизи Кошифиро дилангезтарин андарзнома, аниқтараш, беҳтарин роҳнамо ё худ қомуси зиндагӣ меҳисобад, ки аз онҳо метавон ба кулли суолҳои хеш посуххҳои аниқу возеҳ гирифт. Ин асарҳои зиндагиомӯзро ҳар фарди бедордили аз хату савод баҳраманд бояд бихонад ва аз ҳикмати онҳо истифода намояд. Соли 2006 рисолаи дигари Мирзо Аҳмадзода «Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ» (аз нигоҳи Ҳусайн Воизи Кошифӣ) ба нашр расид, ки аз он метавон ба ҳайси беҳтарин намунаи таҳқиқи насри классикӣ дар замони муосир ном бурд. Ҷоиз ба ёдоварист, ки рисолаҳои «Хусусиятҳои насри ахлоқӣ-бадеии Ҳусайн Воизи Кошифӣ» ва «Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ (аз нигоҳи Ҳусайн Воизи Кошифӣ)»-и устод Мирзо Аҳмадзода дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи ҷомеъ ва густурда роҷеъ ба осори ин адиби доно, олими тавоно ва воизи хирадманд мебошанд.

Саъйи балеғ намудан дар чопи осори гиронмояи гузаштагон ва баҳрабардорӣ аз ин ганҷинаи хираду маърифат аз фазилатҳоест, ки фидоиёни ҳақиқии илму адаб баҳри адои он кӯшишҳо ба харҷ медиҳанд ва яке аз онҳо Мирзо Аҳмадзода мебошад. Маҳз бо эҳтимоми ӯ соли 1968 «Ашъори мунтахаб»-и Шавкати Бухорой бори аввал дар Тоҷикистон ба нашр расид, ки муҳаққиқ дар пешгуфтори он аз боби зиндагинома ва эҷодиёти баландғояи ин шоири қаноатпешаву накӯном маълумоти пурқимат додааст. Ин асар дар замони худ аз ҷониби муҳаққиқону ҳаводорони каломи рӯҳнавози форсӣ бо хушнудӣ пазируфта шуд. Соли 1998 бо ҷаҳди ӯ асари «Одоб-ул-асҳоб»-и Фахриддин Алии Сафӣ низ бо муқаддима ва тавзеҳоти мукаммал чоп шуд.

Аз боарзиштарин корҳое, ки номбурда дар илми матншиносӣ ба сомон расонид, таҳия ва чопи девони Дарвеши Деҳакӣ – «саромади шуарои Ироқи Аҷами асри XV» (Камолиддини Биноӣ) мебошад. «Девони Дарвеши Деҳакӣ» соли 2009 аз тариқи нашриёти «Шарқи озод» дар ҳаҷми 368 саҳифа дастраси ҳаводорони назми классикӣ гардид. Доктор Мирзо Аҳмадов дар дебочаи китоб рӯзгор ва осори баландғояи Дарвеши Деҳакиро ба таври мухтасар ба хонанда

муаррифӣ намуда, ба хотири осонфаҳм шудани матн луғати вожаҳои душвори девонро низ овардааст, ки аҳамияти вежа дорад.

Мирзо Аҳмадзода дар таҳриру такмили бисёр мақолаҳои ҷудогонаи ҳаштҷилдаи «Энсиклопедияи советии тоҷик» ва «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» ҳисса гузошта, барои ба чоп омода сохтани осори адибони бузурги классикӣ дар маҷмӯаҳои арзишманди «Гулшани адаб» ва «Дурдонаҳои наср» (ҷилди 3) низ заҳмату бедорхобиҳо кашидааст. Ӯ яке аз муаллифони китоби «Таърихи адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XV» мебошад.

Қобили тазаккур аст, ки Мирзо Аҳмадзода ҳашт сол декании факултаи филологияи тоҷики Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанберо ба ӯҳда дошт, вале бо хоҳиши худ аз ин вазифа даст кашид. Сабаб пурсидем. Гуфт: – Чун медидам, ки дар хобгоҳҳо аксари донишҷӯён барои таҳсилу зиндагӣ оддитарин шароитро надоранд, худро назди эшон гунаҳгор меҳисобидам, вале мутаассифона, талошу кӯшишҳоямон барои беҳбуди ин вазъият натиҷаи амалие дода наметавонистанд. Аз ин рӯ, минбаъд барои ишғоли ин вазифа талош накардам. Ба донишҷӯ шароити мусоидро фароҳам наоварда, чӣ гуна метавон дар симои ӯ фарди соҳибистеъдоду ҷӯянда, ояндаи сазовори миллату ҷомеаро умедвор шуд?

Аз муаллим дар хусуси теъдоди шогирдон ва вазифаи онҳо напурсидам. Дар тӯли қариб шаст соли омӯзгорӣ, ки аз он беш аз чил солаш дар ДДОТ ба номи С.Айнӣ гузаштааст, ӯ ба ҳазорҳо нафар шогирдон сабақ гуфта ва алъон ҳар кадоми онҳо дар рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба ҳадди имкону тавон саҳмгузор ҳастанд. Албатта, қисмати аъзами эшон пайраҳаи устод Аҳмадзодаро интихоб намуда, дар макотиби таҳсилоти умумӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ ба фарзандони мардум дарси адабиёт - дарси ҳикмату андеша ва одамияту покизагӣ меомӯзонанд. Дар хусуси мавқеъ ва масъулияти муаллим дар замони муосир Мирзо Аҳмадзода андешаи хоссаи худро дорад: -Таълиму тарбия бояд ҷузъҳои таркибии фаъолияти омӯзгорро ташкил диҳанд. Таълим ба ҳеҷ ваҷҳ бе ҳамбастагӣ бо тарбият комил нахоҳад буд. Аммо аввалтар аз

ҳама бояд устод, ба қавли Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «покмазҳаб ва бино бо айби худ, донову соҳибтамйиз бошад, ҳасуд, кинадор ва бахил набошад». Муаллими асил бояд дар ниҳоди худ ба ин пеша рағбат дошта, ҳунари устодиву таълиму тарбиятро молик бошад. Бар замми ин, огоҳии комил аз фанни мавриди ниёз обрӯву эҳтироми устодро хоҳад афзуд.

Лозим ба ёдоварист, ки Мирзо Аҳмадзода фаъолияти илмиву эҷодии худро аз тарҷумонӣ оғоз карда буд ва дар ин ҷода нақши хоксоронае ҳам гузоштааст. Тарҷумаи ду китоби илмӣ-оммавӣ – «М.В.Ломоносов»-и Б.Б.Кудрявсев (7,17 ҷузъи чопӣ, дар ҳамкорӣ) ва «Сӯҳбатҳо дар бораи коммунизм»-и В.Каркинский (7 ҷузъи чопӣ) ба қалами ӯ тааллуқ доранд, ки ҳар ду ҳанӯз соли 1958 чоп шудаанд.

Мирзо Аҳмадзода дар ҷодаи дӯстиву рафоқат низ шахси беназир, ҳақшиносу намакшинос аст, дасту дилу нияти пок дорад, дар симои ҳамкорон ёру бародарони ҷонӣ ва дар чеҳраи шогирдон фарзандони худро мебинад. Шояд ба ҳамин далел аст, ки аксарияти устодону шогирдони факултаи филологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ аз эшон ба унвони «фаришта» ёд мекунанд. Гумон мекунем, ки ин гуна меъёри баҳо ба инсони ҳамзамони мо намунаи олии садоқату ихлос ва муҳаббату эҳтиром мебошад, ки маҳз ба номбурда муяссар гардидааст.

Фатҳи қуллаи муборакӣ ҳаштоди умрро ба фарзонамарди фариштахӯ устод Мирзо Аҳмадзода сидқан таҳният гуфта, пеш аз ҳама таманнои сиҳатмандӣ, хонаободӣ, сарбаландӣ, бахту иқболи рӯзафзунашро дорем. Ба қавли Дарвеши Деҳакӣ:

*Чашми бад аз чашми хушат дур бод,*
*Ҳар ки ба ту каҷ нигарад, кӯр бод.*
*Чун сари Фарҳод дили мо ба ишқ*
*Аз лаби ширини ту пуршӯр бод!*

***Абдулбоқӣ НУРОВ,***
*профессор*

# ИНСОНИ КОМИЛ

*Фаромӯш макун ҳаққи устоди илм,*
*Ки бар ҳиммати ӯст бунёди илм.*

Дар бахши таърихи филологияи тоҷики Донишгоҳи омӯзгории пойтахт нахустин сабақро аз фанни адабиёти қадим аз устод Мирзо Аҳмадов гирифтам. Дарси аввал дар мавзӯи «Мақоми инсони нек дар мифҳо» оғоз ёфт. Ин дарс ҳамчун намунаи беҳтарин то ҳол дар хотирам нақш баст. Акнун худ устоди донишгоҳам, вале ҳамеша пеши назарам симои устод М. Аҳмадов меояд. Аз ин рӯ, ҳақ ба ҷониби А. Дистервег аст, ки гуфта буд: «Ягон барномаи беҳтарини таълимӣ ва китоби хуби дарсӣ мақоми муаллими хубро иваз карда наметавонад».

Устод Мирзо Аҳмадов омӯзгори асил, шахси дарёдил ва мушфиқу меҳрубонанд, кам сухан мегӯянд, вале ҳақиқатро мегӯянд. Дурӯғ ва тамаллуқкориро аслан дӯст намедоранд, ҳамеша бо табассуми малеҳ сухан мегӯянд. Агар аз чизе норозӣ шаванд ё ба қаҳр оянд, вобаста ба вазъияти ба амал омада байте мохонанд, ки ҳамсӯҳбат зуд хатояшро пай мебарад ва аз пайи ислоҳ мешавад. Профессор М. Аҳмадов солҳост, ки аъзои Шӯрои дифои рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ дар соҳаи педагогика мебошанд, маслиҳатҳояшон барои ҷавонони илмдӯст ниҳоят судманданд.

Солҳо сипарӣ шуданд, бачагии ману ҷавонии устод низ гузашт. Дар донишгоҳи бароямон азиз рӯзҳои баду некроякҷоя дидем, аз насиҳатҳои падаронаашон фаровон баҳра бурдаам. Ҳаёти инсон пур аз воқеаҳоест, ки ба чизе ё номи касе вобастагӣ дорад. Аввалин рӯйдоде, ки ба фаъолияти илмомӯзии ман алоқаманд аст, бо дастгирӣ ва меҳрубонии М. Аҳмадов вобаста аст. Баъди бомуваффақият супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ ба аспирантура, комиссияи конкурсӣ дар ҳайати олимони варзида М. Раҷабов, Х. Мирзозода, М.

Исматуллоев, Н. Бозидов, Б. Раҳимов, М. Ғаффорова ва М. Аҳмадов баргузор гардид ва номзадии банда дастгирӣ ёфт. Аммо дар шӯрои олимон бо вуҷуди он ки аз кафедраи педагогика як нафар довталаб, яъне банда ба шӯъбаи рӯзонаи аспирантура дохил шудан рухсат доштам, вале мудири кафедраи педагогика ба ин муқобил баромад. Устод Мирзо Аҳмадов, ки он вақт декани факултети таъриху филолия буданд, аз ҷой бархоста ба М. Раҷабов (ёдашон ба хайр), ки муовини ректор оид ба илм буданд, муроҷиат намуда чунин гуфтанд: «А. Нуров хатмкардаи факултети мо буда, дар ҳамин факултет аз фанни таърихи педагогика дарс мегӯяд. Нисбати ӯ ҳеҷ гуна шикояте нест. Бинобар ин, ман бо тамоми масъулият гуфта метавонам, ки Абдулбоқӣ дар вақти муқарраргардида рисолаи номзадиашро дифъ менамояд».

Ин дуои устод мустаҷоб гардид ва дар вақташ рисолаи номзадиамро дифоъ намудам. Дастгирии устод ҳисси масъулиятшиносии маро хеле боло бурд. Дуои неки устод ва маслиҳатҳои эшон буд, ки корам барор гирифт.

Устод ҳамеша маро ба дӯстию рафоқат, меҳрубонию шафқат даъват мекарданд. Байтҳои аз классикон хондаи устодро ҳамкурсон аз бар мекарданд ва мехонданд. Шогирдонро дӯст медоштанд ва ҳамеша таъкид мекарданд, ки инсон бузургтарин неъмати Худованд аст ва мо бояд ӯро дӯст дорем. Каси соҳибмаърифат гули сари сабади ҳамаи маҳфилҳост.

Дар зиндагӣ ба бисёр касоне вохӯрдам, ки гуфтору рафторашон гуногун аст. Нек мегӯянд, вале бад анҷом медиҳанд. Дар ҳузури рафиқон ҳарфашон дигару дар ғайб чизи дигар мегӯянд. Мирзо Аҳмадов аз ин қабил одамон дуранд. Ба қавли ҳазрати Соиб:

*Ростиро набувад ҳеҷ заволе ба ҷаҳон,*
*Сарв агар хушк шавад, боз асо мегардад.*

Ростиву ростқавлӣ, росткориву ростандешӣ фазилатҳои беҳтарини устод М. Аҳмадов мебошад.

Донишҷуёни бофаҳму илмдӯстро дӯст медоранд, омӯзгорони донишмандро бештар эҳтиром мекунанд, ба аҳли

илм таваҷҷӯҳи хосса доштанду доранд. Шиорашон байтҳои зерин аст:

*Тавозӯъ кун онро, ки донишвар аст,*
*Ба дониш зи ту қадри ӯ бартар аст.*
*Бувад дониш оби замини баланд,*
*Зи оби равон кам шавад баҳраманд.*
*Кай афтид ба каф мардро дурри ноб,*
*Сари худ набурда фурӯ зери об.*

Эҳтироми чунин шахси донишманд, устоди мушфиқу меҳрубон на фақат барои шогирдон, балки барои ҷомеа фарз аст.

Устод Мирзо Аҳмадов ба синни мубораки ҳаштод қадамҳои устувор ниҳодаанд. Банда устодро аз самими қалб табрику таҳният гуфта, аз эшон асарҳои тозаю хушбаёнро интизорем. Дар ин ҷода ба устод комёбию муваффақиятҳо таманно дорем.

***

**_Садриддин МИРЗОЕВ,_**
*дотсент*

## ФАРИШТА РӮИ ТУРО ДИДАВУ…

*Эй ниҳоли орзу хуш зӣ, ки бор овардаӣ,*
*Ғунча бе боди сабо, гул бе баҳор овардаӣ.*
*(Парвини Эҳтисомӣ)*

Аз ҳар минтақае уламое бархостаанд, ки бо фазилату фиросат ва дирояту заковат дунёи маънавии башарӣ ва тааммулу тафаккури инсониро ба анвори ҳикмату андеша нуру зиё бахшидаанд. Сарзамини Мастчоҳ низ аз ин оин мустасно набуда, ашхоси барӯманде ҳамчун профессор Мирзо Аҳмадовро дар домани фарҳанги худ парвардааст, ки мояи тафохури ин марзу бум аст.

Аслан, инсонҳои бофазилат, соҳибназар ва соибназар ба манзалаи чароғҳои ҷовидонӣ ҳастанд, ки ин сарои сипанҷро нуру зиё ва сарочаи дили одамиро сафо мебахшанд.

Устод Мирзо Аҳмадов низ ҳадиси чароғи илму тафаккурро мемонанд, ки бо малоҳати гуфтор ва хулқи фаришта дар арсаи таълиму тарбият шогирдони зиёде ба камол расонида, андар зеҳну забон ва тинати эшон ишқу имон, умеду орзу, ҳувият ва фазлу заковатро парварида, бад-ин васила рисолати аслии хешро анҷом медиҳанд.

Зиёда аз 60 сол аст, ки устод Мирзо Аҳмадов ба касби дониш иштиғол дошта, қудрати ақлу ҷисмро ба таълиму тадрис ва иршоди туллоб равона кардаанд. Тавзеҳ он ки кору пайкори таълимиву илмии профессор Мирзо Аҳмадов аз соли 1950-1951 оғоз мешавад. Баъди хатми Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Ӯротеппа (соли 1950), ки баландтарин пойгоҳи илмии он замон буд, бо камоли сидқу иродат ба ҳидояти шогирдон камар баста, ишқи саводу хатро дар дилҳои эшон бедор кардаанд.

Донишманде фармудааст: «Муъаллимӣ шуғл нест, ишқ аст. Агар ба унвони шуғл қабул кардӣ, раҳо кун, агар чун ишқ, муборакат бод». Ин суханҳо гӯё маҳз ба хотири устод Мирзо Аҳмадов гуфта шуда бошанд, зеро мавсуф низ ошиқи касби хеш ҳастанд ва дар ин росто бо сафои рӯҳ, нафаси тоза ва сабру таҳаммул ним аср мешавад, ки баҳри такмили забону адаб ва фарҳанги тоҷикӣ ранҷи фаровон кашида, дар вазоифи муҳаррир, ходими илмӣ, сармуаллим, мудири кафедра ва декани факулта фаъолият доштанд. Натоиҷи такопӯ ва ковишҳои илмии устод Мирзо Аҳмадов буд, ки соли 1963 перомуни рӯзгору осори Дарвеши Деҳакӣ, зери роҳбарии ховаршиноси шаҳир Болдирев А.Н. рисолаи номзадӣ анҷом дода, ҳосили пажӯҳишашонро дар шакли китоби алоҳида «Дарвеши Деҳакӣ» аз тариқи нашриёти «Дониш» нашр ҳам карданд. Соли 2003 дар мавзӯи «Насри ахлоқӣ-бадеии Ҳусайн Воъиз» рисолаи докторӣ ба дифоъ расонидаанд. Заҳамот ва хадамоти адабиётшиноси пуркор Мирзо Аҳмадов перомуни зиндагиномаи Ҳусайн Воъиз ва насри ахлоқӣ-бадеии ӯ аз аҳамияти шоёни илмӣ бархурдор аст.

Ин пажӯҳишгари хушкор нақди умр дар омӯзиши таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, ба вижа нақду баррасии насри ахлоқӣ-бадеии Ҳусайн Воъиз масраф кардаанд. То он ҷо, ки ба корномаи илмии ин муҳаққиқ ошно ҳастам, гуфта метавонам, ки шинохти Ҳусайн Воъизи Кошифӣ ва таҳқиқи ҳунари нависандагии ӯ дар адабшиносии тоҷикӣ ба профессор Мирзо Аҳмадов ихтисос дорад. Агар ба таҳқиқ сухан бигӯем, устод Мирзо Аҳмадов дар баррасиву пажӯҳиши адабиёти асри XV, бавижа таҳқиқи насри адабӣ ва илмиву ахлоқии ин давра муваффақ ҳам шудаанд.

Аз рӯзгору корномаи илмии устод Мирзо Аҳмадов чанд фазилатро баргузидаем, ки шоистаи арҷгузорӣ ва пайравӣ аст:

1. Донишмандӣ ва пайванди фикру амал. Ҳар ки аз аҳли фазл бо адабиётшинос Мирзо Аҳмадов ошноӣ ёфт, хоҳад дарёфт, ки эшон намунаи арзишманд дар тааммул, диққати назар ва парҳезгорӣ мебошанд. Пайванди илму тоат ё ба сухани дигар, фикру амал барои олим, мутафаккир аз ҳар нигоҳ муҳим ва муфид аст. Бад-ин ваҷҳ, ки агар бахши аслии таълимоти исломӣ имон бошад, пас хони имон амал аст. Устод Мирзо Аҳмадов аз зумраи донишвароне ҳастанд, ки дар тақво ва худотарсӣ ҷойгоҳи хос доранд. Бартарӣ ва тавфиқашон аз донишварони дигари мо ҳам дар ҳамин ҷиҳати масъала аст, ки илмашон бо амал аст. Ҳарчанд ки ин нукта дар назари авом содда аст, аммо назди касоне, ки суханшинос дар рӯҳоният ҳастанд, аз аҳамияти вижае бархӯрдор аст. Зеро мантиқи Қуръонӣ ва фарҳанги исломӣ барои амал арзиши бештаре қоил аст, то ба илм, чунонки Шайх Саъдӣ бо камоли сидқ гӯяд:

*Рӯй, агарчанд паричеҳраву зебо бошад,*
*Натавон дид дар оина, ки нуронӣ нест.*
*Шаби мардони Худо, рӯзи ҷаҳонафрӯз аст,*
*Рӯшанонро ба ҳақиқат, шаби зулмонӣ нест.*
*Тоат он нест, ки бар хок ниҳӣ пешонӣ,*
*Сидқ пеш ор, ки ихлос ба пешонӣ нест.*

Матлаб ин аст, ки назди Парвардигор амали инсон арзиш дорад, ё ба таъбири дигар, асолати инсонӣ беш аз забон дар ҳунар ва амали ӯст. Ҳамин амали солеҳ ё ба кор гирифтани илму амалро Худованди маннон барои устод Мирзо Аҳмадов лоиқ дидааст.

2. Заминаи хонаводагӣ доштан бар улуми адабӣ.

Аз мулоҳизаҳо ва мазияти китобҳои устод Мирзо Аҳмадов пайдост, ки мавсуф аз андешамандони хуби таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ буда, дар ҷаҳоншиносӣ ва вусъати тафаккур заминаи хонаводагӣ доранд. Падару бародарони бузургворашон (раҳмати Худо бар онҳо бод!) аз аҳли китоб буданд.

Ба вижа падарашон Муллоаҳмад Мираминзода аз уламои тирози аввали он замон буданд, ки муддати 20 сол дар мадрасаҳои Самарқанд, Мири Араб ва Кӯкалтоши Бухоро ба риёзат ва таҳсили илм иштиғол доштанд, ки дар ин маънӣ гуфтаҳои Шайх Абулҳасани Харақонӣ ба ёдам меояд: «Ҳар ки сафари замин кунад, пой обила шавад ва ҳар ки сафари осмон кунад, дил обила шавад».

Ҳамзамонону уламои минбаъда бар фарози таҳқиқ Муллоаҳмад Мираминзодаро «Эшони Муфтӣ» хондаанд.

Аз гӯиши иродатмандон ва муҳиббони Муллоаҳмад Мираминзода ҳам бармеояд, ки эшон дар олами Ислом мақому манзалати муносибе доштаанд. Чӣ кунем, ки саодати ҳамсӯҳбатӣ ва бардошт аз маҷолиси маънавии Эшони Муфтӣ насиби мо нагашта. Аммо хушдилии мо он аст, ки аз девони ашъорашон чеҳраи осмонии он касро пайдо хоҳем кард, то пайванди мо ҳамешагӣ ва мондагор бошад.

Фарзанди бузурги Эшони Муфтӣ, яъне бародари калонии устод Мирзо Аҳмадов, Эшони Мирзоҳомид низ аз донандагони улуми ақлӣ, нақлӣ – Қуръону ҳадис ва улуми адабӣ буданд. Баҳри тарвиҷу такомули илму маърифат хидмати мондагоре анҷом додаанд. Ба тахаллуси «Басирӣ» шеър мегуфтанд ва ахиран маҷмӯаи ашъорашон мунташир ҳам шудааст. То охири умр саргарми ибодати Худой буданд, ки ногаҳон фурсати аҷал даррасид ва дар синни 88-солагӣ даъвати Ҳақро лаббайк гуфтанд.

Фарзанди дуюми Эшони Муфтӣ – Эшони Мирзомаҳмуд ҳам аз ашхоси барӯманди рӯзгори мо буданд, ки ширинсуханиву хушгуфторӣ хосси он кас буд. Эшон низ барои пешрафти мактабу маориф заҳмати фаровон кашида, дар синни 78-солагӣ ин сарои сипанҷро падруд гуфтанд.

Роқими ин сутур борҳо аз файзу баракати ин нухбагони илму ирфон баҳравар гашта, Худовандро шокирам, ки саодати дидор ва мусоҳабати ин фарҳехтагонро дарёфтаам. Барои аввалин бор ба Эшони Мирзомаҳмуд (манзилашон obod бод!) дар мавзеи «Дашти боло»-и деҳаи Виткони Мастчоҳи Кӯҳӣ (моҳи тамузи 1995) ҳамсӯҳбат гардида будам, ки хеле хотирмон буд.

Сухани мо ин аст, ки устод Мирзо Аҳмадов дар хонаводаи фазилатдӯсту донишпарваре тарбият ёфтаанд. Аҳли ин хонавода – Эшони Муфтӣ ва фарзандони рашидашон барои шинохти илму ирфон ва такомули фаросату маънавияти мардум нақши муассире гузоштаанд. Бад-ин ваҷҳ ин хонаводаро ҳаққе бузург бар гардани ин хоку об ва зоду бум аст, агар мардумаш ҳам ба ҷо наовард, рӯзгор фаромӯшкор нест.

3. Устод Мирзо Аҳмадов аз озодагон ва асилзодагоне ҳастанд, ки ба монанди қиблагоҳашон ҳамеша ба Қуръону суннат ишқ меварзанд:

*Гар нури ишқи Ҳақ ба дилу хонат уфтад,*
*Биллаҳ, к-аз офтоби фалак хубтар шавӣ.*

Зиндагиашон бар пояи илму имон ва тақво асос ёфтааст. Солиёни зиёд аст, ки ба таҳаммул бори сухан мекашанд. Садҳо донишҷӯёну донишваронро дасти кӯмаку иродат дароз кардаанд.

Орому осуда роҳ гаштан ва ботамкину бомулоҳиза сухан гуфтани профессор Мирзо Аҳмадов мардуми дилогоҳро ба ҳайрат меоварад, кас эҳсос мекунад, ки:

*Ситора хати туро хондаву сано гуфта,*
*Фаришта рӯи туро дидаву дуо карда.*

4. Покизакорӣ ва дасту дили пок доштан аз ахлоқи сутудаи ин донишманд аст. Аксари ҳамкорон ва шогирдон ин хулқи устодро сутудаанд. Яке аз шартҳои асосии олимӣ диққати назар ва покизакорӣ дар илм аст. Расули Акрам (с) дар ин бобат фармудаанд: «Мидод-ул-ъуламои афзалун мин димоъи-ш-шуҳадо». Яъне, чакидаи хомаи олимон аз хуни рехтаи шаҳидон бартар аст. Тавзеҳ он ки шуҳадо ҷони худ дар роҳи Ҳақ нисор кардаанд ва ба меҳрубонии Худованд муваффақ шудаанд. Аммо чакидаи хомаи уламо то рӯзи қиёмат баҳри маънавияти ҷомеа ва сиротулмустақим хидмат хоҳад кард.

Устод Мирзо Аҳмадов намунаи ингуна уламо ҳастанд, ки синнашон ба 80 расида, аммо бо камоли ҳавсала ва имону иродат ба навиштану хондан ва таълиму тадриси шогирдон иштиғол доранд. Ростӣ, кору пайкорашон омӯхтанӣ ва шоистаи пайравӣ аст.

Барои мо мояи шарафу ифтихор аст, ки устод Мирзо Аҳмадов ба ҳайси муқарризи расмии аввал дар ҳимояи рисолаи номзадии муаллифи ин сатрҳо доварӣ доштанд (сентябри 2006, ш. Хуҷанд).

Дар фароварди ин ихлоснома устоди гаронқадр Мирзо Аҳмадовро, ки ин лаҳзаҳо ҷашни ҳаштоди камолот доранд, сидқан ҳумоюн гуфта, барояшон аз Худованди ваҳҳоб талаби рӯшанию гармӣ ва дилбурдагию ворастагӣ мекунам:

*Номат бимонад то абад,*
*Эй ҷони мо рӯшан зи ту.*

***Н. РАҶАБЗОДА,***
***М. МИРЗОРАҲИМ***

## БОҒБОНИ РИЁЗИ ИЛМУ АДАБ

Донишмандон ва уламои ростин дар зиндагӣ чун хуршеди ҷаҳонтоб оламорои дилу ҷон ҳастанд. Мақоми онҳо дар

фарҳанги миллию исломии мо хеле шоиставу арзишманд аст. Дар ин замина Мустамилии Бухороӣ дар асари маъруфаш «Шарҳи-ат-таъарруф ли мазҳабат-тасаввуф» таъкид месозад, ки: «Ҳар кӣ олимро зиёрат кард, гӯё илмро зиёрат кард ва ҳар кӣ илмро зиёрат кард, гӯё Худои таъолоро зиёрат кард. Ҳар кӣ Худоро зиёрат кард, Худо бар ӯ азоби оташро ҳаром кард».

Аз ин дидгоҳ шахсияти илмию инсонӣ, рӯзгору осор ва зиндагиномаи як тан аз олимони ҳақиқӣ ва устодони асили кишварамон, устод Мирзо Аҳмадзода китоби заррини ҳикмату пандро мемонад, ки ҳар сатри чу анвори офтоб дурахшонаш барои мо ҷавонони даврони истиқлол дарси ибрату одамият ва озодагӣ меомӯзад.

Устод Мирзо Аҳмадзода аз табори бузургон ҳастанд, ки 80-сол қабл дар хонаводаи як тан аз мунавварфикрону озодагони миллати тоҷик, шоир, олим, муфтӣ ва пешвои рӯҳонию маънавии мардуми болооби Зарафшон Муллоаҳмад Мираминзода, маъруф бо Эшони Муфтӣ ба дунё омадаву ба камол расидаанд. Эшони Муфтии Муллоаҳмад дар назм бо тахаллусҳои «Маҳвӣ» ва «Аҳдӣ» эҷод мекарданд ва девонашон шомили анвои гуногунжанри ашъори суннатӣ дар мавзӯъҳои мухталиф мебошад. Эшон дар донишмандӣ, инсоният ва ахлоқи ҳамида фариди замони худ буданд ва устод Мирзо Аҳмадзода ҳамин хулқи писандида ва фазлу фитрати ҳамидаи падари худро ба ирс бурдаанд.

Шахсияти ин ду нафар некмардони фозилро, ки ҳар яке дар ҷаҳони илму адаб хусраванд, мавлонопажӯҳи ҷавону покизакори тоҷик, мудири кафедраи забонҳои Академияи ВКД-и Тоҷикистон, номзади улуми филологӣ Комилҷон Саидолимов дар як мақолааш ба «ду мағзи як бодом» ташбеҳ карда, дар ситоиши устод Мирзо Аҳмадзода чунин мегӯяд: «Дар симои ин шахси нуронӣ мо инсони фозилу охирбин ва хирадманду серғайратро мебинем. Муҳимтарин хислати эшон хулқи нек ва одамияти он кас мебошад, ки мерос аз қиблагоҳашон Аҳмад Мираминзода аст. Ҳар нафаре, ки ба устод мусоҳиб гардад, аз муҳаббату самимияти он кас дарҳол пай мебарад…

Ёд дорам, ки солҳои таҳсил дар донишгоҳи омӯзгорӣ донишҷӯёни кунҷкову закӣ устодонро бисёртар аз рӯи феълу кирдорашон баҳо медоданд ва устод Мирзо Аҳмадзодаро дар факултаи адабиёт аз ҷиҳати хулқи неку писандидаашон «фаришта» мегуфтанд».

Ин тавсифномаи самимии муҳаққиқи ҷавон Комилҷон Саидолимовро, ки худ низ аз шогирдони мумтози Мирзо Аҳмадзода ҳастанд, мо аз забони теъдоди зиёди дигар устодону олимони шинохтаи мактабҳои олӣ ва омӯзгорони дабистонҳо, ки дар Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон таҳсил намудаанд, шунидаем. Муаллифони ин сатрҳо низ борҳо аз сӯҳбатҳои дилфурӯзи устод шарафёб гаштаву аз иродатмандону мухлисони ашъори рӯҳнавози Муллоҳмади Мираминзода ва осори илмии фарзанди арҷмандашон мебошанд, ба хубӣ пай бурдаанд, ки Мирзо Аҳмадзода дар вуҷуди муборакашон тамоми фазоили ахлоқию суннатҳои инсонии аҷдодони шарифамонро парвариш додаанд. Устод дар одамият – озодадил ва тавозӯъпеша, дар сӯҳбат ботамкину самимӣ, дар дӯстию рафоқат ва эҳтироми шогирдон – бомурувవату ҷавонмард ва хайрхоҳ, дар зиндагӣ – хушдил ва хушсирату хушсурат, дар муносибат –ҳалиму меҳрубон, дар мубориза бо мушкилоти рӯзгору найранги ноҷавонмардон – ботаҳаммулу собир ва қавииродаву мушкилнописанд ва дар олами илми адабпажӯҳию фазилати донишмандӣ – фарзанди маънавии Мавлоно Ҳусайн Воъизи Кошифӣ ҳастанд.

Хонандаи азиз ва дигар соҳибназарон ҳангоме ки ин ихлосномаи кучаки моро мутолиа мекунанд, шояд суоле дар зеҳнашон пайдо шавад, ки чаро устодро фарзанди маънавии Ҳусайн Воъизи Кошифӣ номидаем? Албатта, ин иддаои бепоя нест, балки иртиботи мустақим бо шахсияти маънавию ахлоқӣ ва осори илмии устод Мирзо Аҳмадзода дорад. Устоди азиз зиёда аз 45 сол инҷониб ба таҳқиқи рӯзгору осори Мавлоно Ҳусайн Воъизи Кошифӣ ва фарзанди ӯ Фахриддин Алии Сафӣ машғул ҳастанд. Ҳосили дастранҷи эшон дар ин замина даҳҳо мақолаву гузоришҳо, се ҷилд асари мустақил ва нашри осори ин ду нафар чеҳраҳои дурахшони илму адаби классикии мост. Фаротар аз ин, устод дар ин бахш рисолаи

докторӣ ҳимоя кардаанд. Сегонаи илмии Мирзо Аҳмадзода дар Кошифишиносии тоҷик бо номи «Насри ахлоқӣ-бадеии Ҳусайн Воъизи Кошифӣ» маъруфият дорад, ки аз осори мондагори адабиётшиносии муосири тоҷик мебошад. Бо таълифи он паҳлӯҳои мухталифи зиндагинома, мақоми суханварӣ, вижагиҳои адабию илмӣ ва ахлоқии осори Ҳусайн Воъиз ва аҳамияти онҳо дар тарбияи насли наврасу ҷавони замони мо равшан гардидааст.

Мирзо Аҳмадзода боре дар як сӯҳбаташон ёдовар шуданд, ки ҳарчанд Шайх Саъдии Шерозӣ дар адабиёти классики тоҷик ҳамчун муаллими ахлоқ эътироф гардидааст, вале дар иншои теъдоди зиёди осори ахлоқию ҳикам касе ба Ҳусайн Воъиз баробар шуда наметавонад. Устод ҳамин андешаро дар муқаддимаи ҷилди якуми сегонаи мазкур тақвияти бештар дода, барҳақ қайд мекунанд, ки: «Ҳусайн Воиз дар таърихи пайдоиш ва инкишофи насри адабӣ-бадеӣ ва илмиву ахлоқӣ яке аз он саромадоне мебошад, ки ранҷу заҳмати пурарзиши дар ин ҷода ба харҷ додааш ҳам аз тарафи тазкиранависону муаррихон, олимони муосири ӯ ва ҳам муаллифони асрҳои минбаъда сазовори таҳсину ситоиш қарор гирифта, ӯро барҳақ «боғбони риёзи сухан» номидаанд. Дар ҳақиқат, дарахти маъоние, ки ин нависандаи некбахт ба заҳмат нишонда, бо хуни дил парвариш кардааст, ҳанӯз дар замони зиндагиаш самараи фаровони пуршаҳду шакар додаст. Ин меваҳои тару тоза ва шаҳдбор ҳамон асарҳои пурарзиши насрии «Ар-рисолат-ал-алията фи– аҳодис ун-нубувия», «Анвори Суҳайлӣ», «Ахлоқи Мӯҳсинӣ», «Футувватномаи султонӣ», «Равзат-уш-шуҳадо» ва ғайра мебошанд, ки яке аз дигаре хуштару зеботар ва рӯҳбахшу дилкаштар буда, бо мазмуну мундариҷа ва санъати олии нигориши худ номи нависандаро дар таърихи илму фарҳанги мо ҷовидонӣ гардонидаанд».

Устод дар идомаи ин матлаб дар хусуси таъсири осори номбаршудаи Ҳусайн Воъиз ва нақши онҳо дар рушди ахлоқии ҷомеа изҳори назар намуда, таъкид менамоянд, ки: «Мазмуну мундариҷа, ғояи олӣ ва тарзи нигориши асарҳои мазкур услуби ба худ хосси методи эҷодии Ҳусайн Воъиз бу-

да, бо ҷозиба ва нафосати дилкаши худ шавқу завқи хонанда-ро як ба даҳ афзун мегардонад. Хусусан мавзӯъҳои панду насиҳатие, ки сар то сари асарҳои ахлоқии ӯро фаро гирифтаанд, асрҳои мадид қавму наслҳои гузаштаи моро дар рӯҳи олии инсондӯстӣ тарбия кардаанд ва минбаъд ҳам тарбия хоҳанд кард».

Ҳадафи Мирзо Аҳмадзода аз таҳқиқи осори ахлоқии Кошифӣ муайян кардани равиши иншои онҳо, қимати адабию ҳунарии осори зикршуда ва раванди ташаккулу такомули ҷаҳонбинии нависанда мебошад. Илова бар ин, устод аҳамияти пандуандарзии осори мазкурро дар айёми мо, ки касоди ахлоқии ҷомеа рӯз то рӯз авҷ мегирад, барои тарбияи ҷавонон хеле муфиду самарабахш ҳисобидаанд. Бояд мутазаккир шуд, ки ҷилди аввали сегонаи устод ба зиндагинома ва эҷодиёти нависанда ва таҳлилу таҳқиқи рисолаи «Ар-рисолат-ал-алията-фи–аҳодис-ун-нубувия» ва асари «Анвори Суҳайлӣ» бахшида шудааст. Дар ҷилди дуввум устод асари «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воъизро, ки ҳаҷман бузургтар мебошад, мавриди нақду баррасӣ қарор додаанд. Ҷилди сеюм бошад ба «Футувватномаи султонӣ» ва асари фарзанди ӯ Мавлоно Фахриддин Алии Сафӣ «Одоб-ул-асҳоб» бахшида шуда, дар ин ҷилд то андозае таъсири усули нигориш ва дидгоҳи Ҳусайн Воъиз дар фарзандаш нишон дода шудааст.

Мирзо Аҳмадзода зимни баррасии фасли сеюми рисолаи «Ар-рисолат-ал-алията-фи–аҳодис-ун-нубувия» нуктаи назари Ҳусайн Воъизро дар хусуси ба мартабаи камол расидани мусалмони комил бо зикри чаҳор мисраъ чунин тавзеҳ додаанд: «Вай (Ҳусайн Воъиз) шахсеро ба мартабаи камоли Ислом расида ва мусалмони комил мешуморад, ки аз дасту забони ӯ ба мардум зиёне нарасад, баракс аз ӯ манфиате бинанд:

*Хоҳӣ, ки мусалмони ҳақиқӣ бошӣ,*
*В-аз нақши пароканда варақ битрошӣ.*
*Бояд накӯхоҳи халоиқ гардӣ*
*В-аз дасту забон дили касе нахрошӣ.*

Аз мазмуни мисраҳои фавқ ба хубӣ пай мебарем, ки он намунаи барҷастаи ба риштаи назм кашидашудаи ин ҳадиси маъруфи паёмбари акрам, ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) мебошад: «Мусалмони ҳақиқӣ касест, ки мусалмонон аз дасту забонаш дар амон бошанд». Лозим ба тазаккур аст, ки таълифи ин асар аслан бар мабнои чиҳил ҳадиси ҳазрати расулаллоҳ (с) таълиф шудааст. Чуноне ки ба он устод Мирзо Аҳмадзода дар партави андешаҳои Саид Ҷамолиддини Муҳаддис ишора мекунанд: «...муаллиф дар таълифу таҳрир ва шарҳу баёни асар, ки бисёр судманду пурарзиш ва аз ҳар ҷиҳат муфид мебошад, ранҷу машаққати зиёд ба харҷ додаст, ки нақшу таъсири он қариб дар ҳамаи таълифоти минбаъдаи нависанда ба назар мерасад. Ҳусайн Воъиз дар ин китоб аз ҳадисҳои пайғамбар чиҳил ҳадисро интихоб карда, баъд аз зикри ҳар оёт барои шарҳу баён ва тафсири онҳо аз назму насри форсию арабӣ манзума ва порчаҳои мувофиқу муносибе меорад, ки ба гуфти Муҳаддис дар ин кор чунон ба хубӣ аз ӯҳда баромадааст, ки аҳли инсонро аз иқрор ба он гузире нест...».

Хулосаи куллии профессор Мирзо Аҳмадзода дар хусуси рисолаи мазкур чунин аст: «Рисолаи «Ар-рисолат-ал-алия...» ҳамчун сарчашмаи муҳим аз як тараф, барои омӯхтани бисёре аз рукнҳои зарури динӣ, ба мисли тавҳид, имон, Ислом, наът, зикри авлиё, тоату ибодат, фазилати Қуръон, тасбеҳ, зикр ва ғайра хидмат кунад, аз тарафи дигар, ба муқобили разолати ахлоқи замон буда, тарғибу ташвиқи панду ахлоқи судманд мебошад, ки Ҳусайн Воъиз хостааст, фасод ва нуқсонҳои ахлоқиву тарбиявии замони худро ислоҳ намояд».

Ҷилди дуввуми сегонаи устод Мирзо Аҳмадзода ба таҳлили мӯшикофонаи асари маъруфи Ҳусайн Воъиз «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» бахшида шудааст. Ба андешаи устод аҳамияти ғоявӣ ва вижагии асари мазкур дар ин аст, ки он маҳсули замони нигорандаи худ буда, тасвири мушкилоти ҳамон давр ва ҳукмрони мушаххасро фаро гирифтааст: «Қимати баланди ғоявӣ ва назарраси асарҳои насрии Ҳусайн Воъиз аз ҷумла, асари «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» ҳам дар он аст, ки

вай на ба давру замонҳои дигар ё афсонавӣ, балки ба тасвири проблема ва мавзӯъҳои рӯзмарраву ҳалталаби замони худ (нимаи дуввуми асри 15) ва ҳукмрони мушаххас (Мӯҳсин Мирзо) бахшида шудааст, ки асоси реалӣ доштани асарро нишон медиҳад».

Ҷилди саввуми сегона ба накду баррасии «Футувватномаи султонӣ» ва асари фарзанди муаллифи он Мавлоно Фахриддин Алии Сафӣ «Одобуласҳоб» бахшида шудааст. Устод Мирзо Аҳмадзода «Футувватномаи султонӣ»-ро аз ҷумлаи «беҳтарин ва муҳимтарин осори панду ахлоқӣ» меҳисобанд, ки «дар он намунаҳои одобу ахлоқ ва рафтори шоёни ибрати инсонӣ тарғиб шудаанд, ки ҳар як фарди эҳтиёҷмандро бо қувваи таъсирбахши худ ба роҳи росту дуруст ҳидоят карда метавонанд».

Ҳосили калом ин аст, ки дар хусуси шахсияти инсонӣ, фазоили баланди ахлоқӣ ва осори илмии устод Мирзо Аҳмадзода, махсусан асарҳои ба Ҳусайн Воизи Кошифӣ бахшидаи эшон метавон рисолаҳои ҷудогонаеро иншо намуд. Зеро устод дар зиндагӣ бо маърифати баланд, дониши қавӣ, шарофати ахлоқӣ, ҷавҳари ҷавонмардӣ ва каромати инсонии хеш таҷассумгари афкору андешаҳои ахлоқии Ҳусайн Воъизи Кошифӣ мебошанд. Агар Ҳусайн Воъиз «боғбони риёзи сухан» бошад, устод Мирзо Аҳмадзода ҳамчун фарзанди маънавии ӯ боғбони риёзи илму одамият ҳастанд, ки бо анвои гуногуни дарахтони пурбор коми аҳли ҷомеаро шаҳдогин месозанд. Таманниёти хешро ба устоди арҷманд Мирзо Аҳмадзода дар арафаи таҷлили мавлуди муборакашон бо абёте аз Шайх Саъдӣ баён медорем:

*Худоят носиру давлат муин бод,*
*Дуои некхоҳонат қарин бод.*
*Муроду кому бахтат ҳамнишин бод,*
*Турову ҳар кӣ гӯяд, инчунин бод!*

ꕤ

## ТУ ЧУН МИРЗО НАВИШТӢ САРНАВИШТАМ

*Барои устод Мирзо Аҳмадов*

Туро, устод, ман хуб ёд дорам,
Ҷавон будӣ чу сарву ҳам тануманд.
Ҳамеша аз сари меҳру садоқат
Падарворона мегуфтӣ накӯ панд.

Каломи Рӯдакӣ омӯхтам аз ту,
Ҳаме Фирдавсии Тусиву Хайём.
Ҳам он Форобию ҳам  шайх Саъдӣ,
Гирифтам панд аз тадриси айём.

Ватанпарвар шудам аз ҳиммати ту,
Намуда фарқ зулматро зи анвор,
Ту мегуфтиву мо чун хӯшачине
Фароҳам дон мекардем анбор.

Валекин боз мегуфтӣ ба такрор,
Зи ҳар як шоире гулчин ашъор.
Чу моҳе будӣ болои сари мо,
Намуда роҳ моро дар шаби тор.

Расидем гарчӣ ҳарду то ба ҷое,
Ба фарқи ҳарду гарди зиндагӣ бор.
Ҳанӯзам ман ҳамон Гулзодаи шӯх
Ва ту ҳоло ҳамон Мирзои солор.

Агар боре зи шӯхӣ хотиратро
Намудам аз сари густохӣ ранҷа,
Кунун бо сад хиҷолат узр хоҳам,
Ба рӯи сина дорам ҳарду панҷа.

Ту чун мирзо навиштӣ сарнавиштам
Ба килки меҳру бо ранги пурасрор,
Аз ин рӯ, назди ту ман қарздорам,
Нигаҳдорат Худо, устоди ғамхор.

Ба қавли Саъдӣ умратро ду хоҳам,
Чу то ҳаштод кардӣ санҷиш афзун.
Яке ҳаштоди дигар бош бо мо,
Ки то бинмоӣ ҳар чӣ дорӣ акнун.

# ФЕҲРИСТИ МУХТАСАРИ
## осори илмии профессор Мирзо Аҳмадов

## I. Монографияҳо:

1. Дарвеши Деҳакӣ. Душанбе, Нашриёти «Дониш», 1967.
2. Насри ахлоқӣ-тарбиявии Ҳусайн Воъизи Кошифӣ. Қисми 1, Душанбе, нашриёти «Начот», 1994.
3. Насри ахлоқӣ-бадеии Ҳусайн Воъизи Кошифӣ. Қисми 2, Душанбе, нашриёти Матбааи якум, 1994.
4. Насри ахлоқи-бадеии Ҳусайн Воъизи Кошифӣ. Қисми 3, Душанбе, нашриёти Матбааи якум, 1994.
5. Ахлоқи ҳамида ва дастури давлатдорӣ. (Аз нигоҳи Ҳусайн Воъизи Кошифӣ). Душанбе, нашриёти «Маориф ва фарҳанг», 2006.
6. Меъёрҳои ахлоқӣ дар «Одоб-ул-асҳоб»-и Мавлоно Фахриддини Алии Сафӣ. «Ҳаёт ва қонун». Маҷаллаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2006. (Ҳаммуаллиф бо Саидолимов К. С.)
7. Общечеловеческие нравственные ценности в произведениях Хусейн Воиза Кошифи, Академия, МВД Республики Таджикистан, Душанбе, 2007, (с Саидолимовым К. С.)

## II. Корҳои илмӣ ва илмӣ-методӣ:

8. Танқиди риёкорон ва ақидаҳои панду ахлоқӣ дар ғазалиёти Дарвеши Деҳакӣ. Ахбороти АУ РСС Тоҷикистон, 2 (29) 1962.
9. Аз ғазалиёти Дарвеши Деҳакӣ. «Шарқи Сурх», 1961, № 6, саҳ. 11-118.
10. Аз ғазалиёти Осафии Ҳиравӣ. «Садои Шарқ», 1968, №3, саҳ.142-147.
11. Усули таълими ҳаёт ва эҷодиёти Ҳусайн Воъизи Кошифӣ. «Мактаби Советӣ», 1969, № 10, саҳ. 51-60. (Ҳаммуаллиф бо Аминов С).

12. Хоҷа Осафии Ҳиравӣ ва эҷодиёти ӯ. Маҷмӯаи илмии «Чанд мулоҳизаи адабӣ». Душанбе, 1971, саҳ. 112-128.
13. Ҳаёт ва мероси илмию адабии Ҳусайн Воъизи Кошифӣ. «Чанд мулоҳизаи адабӣ», ҷилди 82, ИДПД, Душанбе, 1973.
14. Дар бораи асари М. Шукуров «Хусусиятҳои бадеии «Ёддоштҳо»-и Айнӣ». «Садои Шарқ», № 2, 1967, саҳ.51-60. (Ҳаммуаллиф бо Абдуллоев А.)
15. Мундариҷаи ғоявии баъзе бобҳои «Анвори Суҳайлӣ». «Чанд мулоҳизаи адабӣ», ҷ. 86, ИДПД, Душанбе, 1973, с. 29-53.
16. Мулоҳизаҳо оид ба хусусиятҳои услубии «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воъиз. Чанд мулоҳизаи адабӣ, ҷ. 92, ИДПД, Душанбе, 1974, саҳ.56-67.
17. Тасвири манзарайи табиат дар «Анвори Суҳайлӣ». Чанд мулоҳизаи адабӣ, ИДПД, Душанбе, с. 132-138.
18. «Бадоеъулафкор…» ва тасвири мухтасари он. Чанд мулоҳизаи адабӣ, ИДПД. Душанбе, с. 255-258.
19. Мундариҷаи ғоявии баъзе бобҳои «Ахлоқи Мӯҳсинӣ». Маҷмӯаи илмӣ. Аз таърихи афкори адабии халқи тоҷик, ҷ. 107, ИДПД. Душанбе, 1977, с. 124-141.
20. Аҳамияти «Нафаҳатулунс» барои омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти шоирони форсу тоҷик. Маҷ. илмӣ. Образ ва маҳорат, ИДПД, Душанбе, 1979, саҳ. 40-47.
21. Ҳусайн Воъизи Кошифӣ. Абдураҳмони Ҷомӣ, Фахриддин Алии Сафӣ ва асари ӯ «Одоб-ул-асҳоб». Маҷ. Илмӣ. Абдураҳмони Ҷомӣ (575 сол), Госкомиздат, Душанбе, 1991, саҳ. 12-58.
22. Новые сведения о литературной жизни западного Ирана в XV в. Научная конференция по иранской филологии (тезисы докладов), Ленинград, 1962, с. 27
23. Ҳаме бурдборӣ куну ростӣ. Жур. «Адаб» № 9-10, Душанбе, 1994, с.37-40.
24. Доираи адабии Табрез. Аълохон Афсаҳзод. Адабиёти форсу тоҷик дар асри XV, Душанбе, «Дониш», 1987, саҳ. 224-261.

25. Назми дурустам доданд. «Садои Шарқ», 1990, № 6. саҳ. 110-118. (Ҳаммуаллиф бо Нуров А.)
26. Дарвеши Деҳакӣ. Энсиклопедияи Советии тоҷик, ҷ.2, Душанбе, 1980, саҳ. 228-229.
27. Кошифӣ Камолиддин Ҳусайн Воъиз. Энсиклопедияи Советии тоҷик, ҷ. 3, Душанбе, 1981, саҳ. 497.
28. Шавкати Бухороӣ. Энсиклопедияи Советии тоҷик, ҷ.8, Душанбе, 1988, саҳ. 94
29. Корҳои контролӣ доир ба адабиёти асрҳои VIII-XV. Душанбе, ХОЗУ Совети вазирони РСС Тоҷикистон, 1990.

### III. Корҳои матншиносӣ:

30. Шавкати Бухороӣ. Ашъори мунтахаб. Душанбе, нашриёти «Дониш», 1968.
31. Адиб Собири Тирмизӣ. «Гулшани адаб», ҷ.1. Душанбе, «Ирфон», саҳ. 276-277
32. Убайди Зоконӣ. «Гулшани адаб», ҷ. 2, Душанбе, «Ирфон», 1975, саҳ. 273-292
33. Шавкати Бухороӣ. «Гулшани адаб». ҷ.4, Душанбе, «Ирфон» 1977, саҳ. 170-183.
34. Фахриддин Алии Сафӣ. «Одобуласҳоб» (бо муқаддима ва шарҳи луғот). Душанбе, нашриёти «Маориф», 1998.
35. Муллоаҳмад Мираминзода. Девони ашъор (бо муқаддима ва шарҳи луғот). Душанбе, нашриёти «Шарқи озод», 1999.
36. «Анвори Суҳайлӣ». «Дурдонаҳойи наср». Душанбе, «Адиб», 1991, саҳ. 71-118. (Ҳаммуаллиф бо Солеҳов М.)
37. «Футувватномаи султонӣ», Дурдонаҳои наср. Душанбе, «Адиб», 1991, саҳ. 118-126.
38. «Одобуласҳоб». Дурдонаҳои наср. Душанбе, «Адиб», 1991, саҳ.276-310.
39. Девони Дарвеши Деҳакӣ. Нашриёти «Шарқи озод», с. 2009.

## IV. Кори таҳрир:

40. Замони Рӯдакӣ (маҷ. мақолаҳо). Сталинобод, нашрдавтоҷик, 1958, (ҳаммуаллиф бо Т. Гольц, Г. Галимова)
41. Ғаффоров А. Мирзо Асадуллоҳи Ғолиб. «Дониш», 1965.
42. Маҷ. илмӣ. Чанд мулоҳизаи адабӣ. ИДПД, Душанбе, 1971. (Ҳаммуаллиф бо Н. Сайфиев)
43. Маҷ. илмӣ. Чанд мулоҳизаи адабӣ. Душанбе, 1973. (Ҳаммуаллиф бо Давронов С.)
44. Чанд мулоҳизаи адабӣ. ИДПД, Душанбе, 1974. (Ҳаммуаллиф бо Давронов С., Наимбоев С.)
45. Программаҳо барои институтҳои педагогӣ (доир ба адабиёти тоҷик) исми 1: а) Адабиёти қадим. б) Адабиёти асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX. ИДПД, Душанбе. (Ҳаммуаллиф бо Сайфиев Н.)

## V. Тарҷума аз русӣ ба тоҷикӣ:

46. В. Картинский. Сӯҳбатҳо дар бораи коммунизм. Нашрдавтоҷ, Сталинобод, 1958.
47. В. Б. Кудрявсев, М. В. Ломоносов. Нашрдавтоҷ, Сталинобод, 1958. (Ҳаммуаллиф бо Юсуфов Б).

## МУНДАРИҶА

Муқаддимаи муаллиф ва мураттиби китоб
М. Шукурзода ............................................................ 4
**Ҷӯра Юсуфӣ**. Тимсоли ҳилм ................................................ 6
**Саидов Н. С.** Устоди арзишманду меҳрубон ........................ 7

**БАХШИ АВВАЛ**: Ғаввоси дарёи нур ................................ 10

**БАХШИ ДУВВУМ**: Кӯҳкане аз користони дил ................ 53

**БАХШИ САВВУМ**: Мақолаҳо ва табрикот
1. **Н.Одилов.** Асилзода. ................................................... 83
2. **М. Аҳмадзода**. Шамъи ирфону маърифат.................. 87
3. **А. Насриддин**. Соҳибназари соибназар ..................... 93
4. **Бону А. Маликзод**. Кошифи асрори маънӣ .............. 94
5. **Кӯҳзод.** Дар табрики дӯст ........................................ 101
6. **А. Самад**. Дабири мактаби одамият ......................... 102
7. **С. Саидов, А.Худойдодов**. Омӯзгор ва олим .......... 103
8. **У. Назир**. Дарахти нурбори илм ................................ 106
9. **Ҷ. Сангинов.** Нигини ҳалқаи заррин ...................... 110
10. **К. Саидолим, О. Саидолим**. Ду мағзи як бодом.... 112
11. **С. Нурзода**. Омӯзгори омӯзгорон ............................ 117
12. **Б. Раҳимов**. Ганҷинайи илму адаб ........................... 118
13. **М. Ҳоҷизода.** Кашшофи адаб ва ахлоқ ................... 120
14. **С. Муллоҷон**. Нахли сабзи андеша .......................... 122
15. **У. Ҷумъазода.** Ҳазор сол бизиҳ ............................... 129
16. **Ш. Шокирзода**. Ҳамнишини Воизи хирадманд .... 131
17. **А. Нуров**. Инсони комил.............................................. 136
18. **С. Мирзоев.** Фаришта рӯйи туро дидаву ................. 138
19. **Н. Раҷабзода, М. Мирзораҳим**. Боғбони риёзи
илму адаб ........................................................................... 143
20. **Н. Гулзода**. Ту чун мирзо навиштӣ сарнавиш-
там ..................................................................................... 150

Феҳристи мухтасари осори М. Аҳмадов ........................... 152

**Мирзо Шукурзода**

**ҒАВВОСИ ДАРЁИ НУР**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 30.06.2010 фиристода шуд. Ба чоп 02.07.2010 имзо шуд. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 10,5. Адади нашр 300 нусха.